САҲБО

# СОҒАРИ САҲБО

Ба ёди хоҳарзодаи ҷавонмаргам, унвонҷӯ **Абдурраҳмон Айюбӣ (1992-2016)**, ки орзуи интишору пажӯҳиши девони Саҳборо ба хок бурд.

Саҳбо

# СОҒАРИ САҲБО



Муҳри шахсии Саҳбо

Душанбе,
“Адиб”
2018

**ББК 84 тоҷик 7-4-5**
**С - 35**

**Мураттиби матн ва муаллифи дебоча**
*Муродиён Ҳасан Ғуломзода,*
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
Корманди шоистаи Тоҷикистон

* * *

**Таҳти назари**
*Муҳаммадалии Аҷамӣ,*
мудири бахши назми
Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон

С – 35. Саҳбо. Соғари Саҳбо. (девон иборат аз 2 ҷилд).
Ҷилди 1. - Душанбе: “Адиб”, 2018, 416 саҳ.

*Девони Мирзо Ҳайити Саҳбо бо гузашти беш аз 90 сол аз васияти устод Садриддин Айнӣ, ки дар “Намунаи адабиёти тоҷик” таъкид намуда буд:* ***“Саҳбо соҳибдевон аст. Номи ин пири қурбонии роҳи таҷаддуд, инқилоб ва ҳақгӯйиро ба табъу нашр кардани девонаш, бо тарҷумаи ҳолаш зинда кардан аз ҷумлаи вазифаҳои инқилобист”,*** *бори нахуст интишор мешавад. Ғазалиёту мухаммасоти дилангези Саҳбо гувоҳи табъи баланд ва ҳунари волои шоирии ӯянд.*

ISDN 978-99947-2-548-9

©Нашриёти «Адиб», 2018

## ПИРИ ҚУРБОНИИ РОҲИ ТАҶАДДУД, ИНҚИЛОБ ВА ҲАҚГӮӢ

Дар ибтидои садаи XX баробари маорифпарварон ба арсаи сиёсат ҷадидон низ ворид гардиданд, ки ба афкори сиёсӣ ва ҷамъиятии давр такони ҷиддӣ бахшиданд. «Агар маорифпарварони нимаи 2-юми асри XIX, - мегӯяд профессор Наҷмӣ Сайфиев,- дар асарҳои худ нуқсонҳои усули давлатдории амирони манғитияро зери танқиди сахт гирифта бошанд, ҷадидон–маорифпарварони ибтидои асри XX фаъолияти худро бевосита аз ташкили мактабҳои усули нав, нашри маҷаллаю рӯзномаҳо оғоз намуданд, яъне онҳо фаъолияти худро аз корҳои амалӣ сар карданд» (Сайфиев Н.,1988,515). Ҷадидони машҳури ибтидои садаи XX ҷавонбухориёни ислоҳотгарое буданд, ки худро ҳеҷ гоҳ ҷадид наномидаанд, балки ислоҳотхоҳ ва маорифпарвар мегуфтанд. Бо ин гурӯҳ Тошхӯҷаи Асирӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Садриддин Айнӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Абдулвоҳиди Мунзим ва дигарҳоро мансуб медонанд (Сайфиев Н.,1988,515).

Устод С.Айнӣ дар қатори инҳо аз миёни сардамдорони давр, дороён ва олимони дин шахсонеро низ ном бурдааст, ки бо ҷадидия аҳди ҳаммаслакиву ҳамрайъӣ баста буданд. Ба ин гурӯҳ Ҷаҳонгирбеки Қаровулбегӣ, Мулло Мирхон Порсозода, Мулло Низом Собитии тотор, Мирзошоҳи Фоиз (писари Мирзохон – оқсақол), Ғуломризои Қаровулбегӣ, Мулло Очилдӣ – писари Мулло Боқӣ, Муфтӣ – домулло Икром, Қозӣ Абдусамадхоҷа, Қозӣ Шарифҷон – махдуми Садри Зиё, Қозӣ Саидҷон, Мирзо Саҳбо – бӣ ва дигаронро дохил кардааст (Айнӣ С., 2010, 71).

Яке аз симоҳои фарҳехтае, ки ӯро устод С.Айнӣ «…пири равшанзамири хонақоҳи инқилобу таҷаддуд» (Айнӣ С., 2010, 269) ва Шарифҷон – маҳдуми Садри Зиё

мавсуфро «Нoшири эълони ҳақ» (Айнӣ С., 2009, 281) номидааст, Мирзо Ҳайити Саҳбост. Устод С.Айнӣ ба Саҳбо чун шоир ва ходими намоёни сиёсию давлатӣ, ки ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX нақши мондагор бозидааст, баҳои баланд додааст.”Ҳангоме ки амир ва чанде аз косалесони дар ҷаҳлу куфр ғӯтидаи ӯ нахустин бор мактаби ҷадидияро бастанӣ шуданд, миршаб Мирзо Саҳбо ба дифои ин мактаб бархест”(Раҷабӣ М.,1997, 49)

С.Айнӣ соли таваллуди Саҳборо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» (Айнӣ С,, 2010, 267-270) ва «Ёддоштҳо» (Айнӣ С., 2009, 281-282) зикр накардааст, вале дар ҳамаи асарҳояш зодбуми шоирро ноҳияи Комоти қадима, Вобканди имрӯзаи Бухоро нишон додаанд. Санаи мавлуди шоир дар «Гулшани адаб» (Гулшани адаб, 1980, 395) низ зикр нашудааст, вале профессори Донишгоҳи давлатии Бухоро Саидҷон Алиев– муаллифи мақолаи «Саҳбо» дар ЭСТ (ЭСТ, 1987, 6) дар истинод ба хотироти Ойишабибӣ Мухторова– набераи Саҳбо (Саҳбо, 1991, 26) ва профессор Наҷмӣ Сайфиев (Сайфиев Н., 2012, 573) соли мавлуди шоирро 1850 (идомаи умр 68 сол), муаллифи қиссаи «Саҳбо» Ҳоҷӣ Муҳаммад Саид (Неъмат Муҳаммад Саид, 2014, 3) 1845 (73 сол), мураттиби «Ёди ёри меҳрубон» устод Мирзо Муллоаҳмад 1262 ҳ. /1846м. – 73 сол (Ёди ёри меҳрубон, 1380ҳ., 763) муқаррар кардаанд. Аммо агар ба маълумоти устод Айнӣ эътимод намоем (…синни Саҳбо ва рафиқаш (Ҳоҷӣ Додхоҳ – Ҳ.М.), ба ҳафтод наздик буд.» - Айнӣ С.,2010, 269), соли таваллуди Саҳборо метавон 1848 тахмин зад.

Тибқи маълумоти устод С.Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо» Саҳбо дар аҳди амир Абдулаҳад– вақте ки ӯ ҳокими Кармина буд, ба хидмати дарбор ҷалб гардида, баъди ба ҳайси амири Бухоро пазируфта шудани амир Абдулаҳад низ дар хидмати дарбор монд ва ба рутбаҳои «туқсабо» ва «бӣ» шарафёб шуда буд. Саҳбо дар маҷлисҳои Шарифҷон–махдуми

Садри Зиё ширкат варзида, камбудиҳои амирро бепарда фош мекардааст, ҳатто дар ҳузури амир низ аз баёни сухани ҳақ ҳазар намекардааст (Айнӣ С., 2009, 281; Айнӣ С., 2010, 269; Алиев С., 1986, 88-91; Шукуров М.,1989, 103).

Устод С.Айнӣ дар истинод ба «Тазкири ашъор»-и Шарифҷон- махдуми Садри Зиё ин хислатҳои Саҳборо нишон додааст:

*Дигар шоире ҳаст донишшиор,*
*Зи тумони Комоти мулки Бухор,*
*Ки Мирзо Ҳайит ному Саҳбо–лақаб,*
*Занад ҷӯш табъаш чу май аз тараб.*
*Фазилатшиоре ғаюру далер,*
*Ба гуфтору кирдор чун наррашер.*
*Ба неруи бозуи он покдин,*
*Дар ин аср н-омад ба рӯйи замин.*
*Ба изҳори ҳақ ошкору ниҳон,*
*Надорад ҳазар аз кеҳону меҳон.*
*Ба ҳадде, ки дар пеши шаҳ з-ин насақ*
*Кунад доимо нашр эълони ҳақ.*
*(Айнӣ С., 2010, 270).*

Ҳамчунин устод С.Айнӣ дар идомаи суханаш аз номи Садри Зиё оид ба саховатмандӣ, вафодорӣ ва ҷоннисории Саҳбо забони тавсиф мекушояд:

*Гаҳи эҳтиёҷ аст баҳри сахо,*
*Гаҳи имтизоҷ аст кони вафо.*
*Ба пойи касе гар занад хор неш,*
*Равон оварад марҳам аз ҷони хеш.*
*(Айнӣ С., 2010, 270).*

Саҳбо илмомӯзиро дар мадрасаҳои Бухоро идома додааст, вале онро то ба охир расонида натавониста бошад ҳам, дар айни таҳсил шеъри салису равон ва ҷоншикори ӯ мухлисони худро пайдо кардааст. Ҳамагон ӯро чун шоири комил ва инсони фозил эътироф намуда, дар маҳфилҳои адабии фарҳехтагони Бухоро ба маҳсули

хомааш баҳои баланд медодаанд. «Муллоилайҳ ба сифати шоире дар вақте ки амир Абдулаҳад ҳокими Кармина буд, ба хидмат ҷалб шуда, - таъкид менамояд устод Айнӣ.- Баъд аз он ки амири мазкур ба ҷойи падар ҳукмрон гардид, Саҳбо ҳам ба хидмати дарбор монда. Саҳбо бинобар собиқаи хидматаш ҳарчанд ба мансабҳои бузург расид, аммо аз он ҷо ки ҳамеша фасоди аҳли дарбор ва навоқиси ҳукумати амирро далерона танқид мекард, на аз амир, на аз вазир, на аз соири аҳли дарбору уламо рӯйи гарме надид»*(Айнӣ С., 2010,* 269).

Махсусан баъди ба сари қудрат омадани амир Олимхон, ки аз айёми наврасиаш бо Саҳбоситораашон рост намеомад, мавқеи шоир тангтар гардид. Ин аст, ки номбурда Саҳборо аз дарбор ронда, ба мансаби миробии Шаҳррӯд таъин намуд, вале дид, ки вай дар байни кишоварзон соҳиби обрӯю эътибор гардид, ба ҳарос афтода, ӯро ба мақоми серғавғои миршаби Бухоро гузаронид. Аммо Саҳбо дуздону роҳзанону қиморбозонро ба ҷояшон шинонида, тартиботи шаҳрро рӯзонаю шабона ба низом даровард. Амир аз ин пешрафти Саҳбо сахт барошуфта, ӯро бо андак дастмузди амалдорӣ бознишаста намуд.

Саҳбо барои сарфи рӯзгор тамоми ашёи хонааш ва анҷоми ороишоти занашро ба фурӯш гузошта, дар айёми бознишастагӣ ба мутоилаи китобу нашрияҳои ҷанбаи маорифпарварӣ ва инқилобидошта, ки аз Русия, Тотористон, Озарбойҷон ва дигар кишварҳо ба Бухоро ворид мегардиданд, машғул мешуд. Саҳбо моҳияти инқилобро баробари матбуоти даврӣ аз суҳбат бо болшевикони маҳаллӣ ва рус фаҳмида, руҳияи инқилобӣ пайдо кард. Норозиёни дарбор дар атрофаш ҷамъ шуда, аз аҳли дарбор ва амир изҳори нигаронӣ мекарданд. Амир аз ин амали Саҳбо ба ҳарос афтода, пайти мувофиқи аз байн бардоштанашро меҷуст ва ниҳоят ин фурсат низ муҳайё шуд. Амир дар соли 1915 бо супориши гумоштаи сиёсии Русияи подшоҳӣ тавассути ҷосусони худ

қариб номи 40 нафарро навишта, ҳамчун ашхоси хатарнок ба қушбегӣ месупорад (Зубайдов С., 2016, 18). Ба феҳраст номҳои Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳоҷӣ Додхоҳ, Мирзо Ҳайити Саҳбо ва дигаронро низ ворид намуда буданд. Насрулло–қушбегӣ якоякашонро ба маҳкама даъват карда, бо баҳонаи рӯзномахонӣ аз онҳо баёнот мегирад ва танбеҳашон медиҳад. Баъдан истиқомати доимии Саҳборо дар Бухоро амир ва қушбегӣ балохез далиста, ба кори маъмурӣ ӯро ба Яккабоғ мефиристанд, вале вай  дар ин мансаб низ дер наистода, истеъфо дода, дубора ба Бухоро бармегардад ва ба сафи мухолифони зидди аморат мепайвандад.

Баъд аз ҷадидкушии амир рӯзи 8 апрели соли 1917 Саҳбо дар қатори Ҳоҷӣ Додхоҳ ва Мирзо Абдулло дар арк ҳабс карда мешавад (Раҷабӣ М.,1997, 54), вале баъдан аз маҳбас халосӣ ёфта, бо мақсади раҳоӣ аз таъқибот барои иштирок дар намоиши ҷавонбухориён Саҳбо ба Когон фирор мекунад, аммо устод Садриддин Айнӣ, Ҳоҷӣ Мирбобо, Муҳсинзода ва Мирзо Назрулло ба муҷозоти 75 ҷӯб задан маҳкум мешаванд.

Баъди чанд фурсат амир Олимхон бо мақсади исёнгаронро аз марказ дуртар бадарға карда, нест намудан Саҳборо беки Қубодиён ва Ҳоҷӣ Додхоҳро беки Қӯрғонтеппа таъин мекунад (Зубайдов С., 2016,19). «Амир барои рӯйирост ба маҳбас кашидан ва куштани ӯ аз ғазаби халқ метарсид, чунки халқ бобоямро беҳад ҳурмат мекарданд, суханони ӯро хуш мепазируфтанд,– мегӯяд набераи Саҳбо Ойишабибӣ Мухторова.– Барои ҳамин ҳам амир Олимхон бо роҳи ҳиллаю найранг мегузарад. Бобоямро ба ноҳияи Қубодиён ҳоким таъин мекунад, зеро куштори Саҳбо дар ҳамон ҷо пешбинӣ шуда буд. (Дар асл барои куштани Саҳбо фармони махфӣ содир шуда буд)» (Саҳбо ,1991, 23).

Моҳи марти соли 1918 амир Олимхон ва атрофиёнаш ҳазорҳо ҳаводорони инқилоб ва иштирокчиёни намоиши ҷавонбухориёнро ба қатл маҳкум сохтанд. Амир

додарарӯси худ Давронбек–писари Абдураҳмонбеки миршабро ба Бухорои Шарқӣ фиристода, бо супориши амир Ҳоҷӣ Додхоҳро дар Қӯрғонтеппа ва Мирзо Ҳайити Саҳборо дар Қубодиён кофир эълон карда, бо роҳи сангсор намудан ба қатл мерасонад.

Устод Айнӣ низ аз фоҷиаи Саҳбо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо» бо сӯзу гудоз ёдовар шудааст ва таъкид намудааст, ки «Ин абёт ҷасорати адабияи Саҳборо, ки оқибат сарашро ба боди зулм дод, ба хубӣ баён менамояд» (Айнӣ С., 2010, 270), вале оид ба тафсилоти қатли Саҳбо дар Қубодиён дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ маълумот мавҷуд нест. Набераи Саҳбо Оишабибӣ Мухторова дар хотироташ овардааст, ки «Пас аз чанд вақт хабари шуми дар Қубодиён баста, сангсор карда, кушта шудани бобоямро (бо думи асп баста кашидан) шунида, ғамгин шудем» (Саҳбо,1991, 23). Ҳамчунин мавсуф дар охири хотироташ боз ба ин фоҷиа баргашта, нақл мекунад, ки соли 1950 шоир Мирзо Турсунзода ҳангоми сафари Бухоро ба хонадони онҳо низ меҳмон шуда, дар истинод ба нақли пиронсолони душанбегӣ дар бораи кушта шудани Саҳбо ҳикоя кардааст: «…саҳарии барвақт (вақти азон) Саҳборо бо дастони баста аз арк мебароранд. Дар он ҷо якчанд аспе, ки барои қатли Саҳбо омода карда шуда буд, меистоданд. Ба думҳои ана ҳамин аспҳо шоири дасту пояш кишанзадаро мебananд ва ба аспҳо қамчин мезананд. Аспҳо тӯрида, ба тарафи кӯҳ медаванд. Мурдаи шоир дар кӯҳ мемонад. Амир Олимхон ҳатто ҷасади ӯро барои гӯронидан монеъгӣ мекунад» (Саҳбо, 1991, 25). С.Алиев низ оид ба эъдоми Саҳбо ба ҳамин монанд маълумот додааст (Алиев С., 1986, 88-91).

Номзади илми филология Ҷумъабой Азизқулов дар мақолаи «Имону инсофи устод Айнӣ» аз Махдуми Тӯрон, хатиби масҷиди Хоҷа Зайниддини Бухорой нақл мекунад, ки бо Саҳбо дар Қубодиён зиндонӣ буда, золимона ба

қатл расонида шудани Саҳборо ба чашми худ дидааст (Азизқулов Ҷ., 2016, 27).

Дар рисолаҳои ба таърихи Қубодиён бахшидашуда («Энсиклопедияи Қубодиён», 2014, 20; «Қубодиён. Таърихи мухтасар аз аҳди қадим то ба имрӯз, 2014, 138)) тафсилоти қазияи қатли Саҳбо ба таври зайл оварда шудааст: «Соли 1918 бо дастури амири Бухоро Мирзо Ҳайити Саҳбои 70-сола бо иттиҳоми ҷадидӣ ваҳшиёна ба қатл расонида мешавад. Аввал Саҳборо дар таги девори Қалъаи мир сангсор мекунанд ва сипас, ҷасадашро ба думи асп баста, бузкашӣ намуда, ба таги кӯҳи Хоҷағозиён бурда мепартоянд. Мувофиқи гуфтаи сокини куҳансоли Гузари Боло (Қубодиён– Ҳ.М.) мулло Мухтор, чанд нафар ашхоси дилсӯзу худотарс ҷасади хуншору афгори шоири номуродро оварда, пинҳонӣ дар қабристони гузари Қиёти Қубодиён ба хок месупоранд. Турбати шоир дар сағонаи Қиётиён, ки ду километр дуртар аз деҳа ҷойгир аст, воқеъ мебошад. Мувофиқи баъзе ривоятҳо ва нақли соҳибкори қубодиёнӣ аз гузари Қиёт Нормуъмин Юлдошев гузаштагони ӯ ҷасади Мирзо Ҳайити Саҳборо дар сағонаи авлодии худ дафн намудаанд. Дар вазъияти даҳшатбори онвақта на ҳар кас ҷуръати ба хок супоридани шоирро мекард. Қиётиён бо сабаби бухориаслу соҳибмансаб будан ва ба ҳайси тӯраҳо нуфуз доштанашон шояд ҷуръат намуда, ҷасади шоири ҳамшаҳриашонро дар сағонаашон ҷой дода бошанд».

Муаллифи қиссаи «Саҳбо» Неъмат Муҳаммад Саид баҳонаи қатли Саҳборо «…ҷосуси урусҳо, душмани амир Олимхон…, шоир не, як ғайридини бехудо, аз Бухоро гурехта, ба Қубодиён омада, худро бек эълон кардааст» арзёбӣ намуда, овардааст, ки Саҳбои даступобастаро бо либоси сафед ба майдон мебароранд. Ҷаллоди қавиҳайкали зарде бо каланд ба сари ӯ мезанад. Ӯ калавида ба замин меафтад. Мардум ӯро сангсор мекунанд ва аз таги сангҳо ҷасади ӯ метапид. Саҳбо ваҳшиёна қатл шуда, ҷасадаш дар хандақи пушти қалъа

партофта мешавад, то ки туъмаи сагон гардад» (Неъмат Муҳаммад Саид, 2014, 70, 81).

Дар иртибот ба ин лозим ба ёдоварист, ки дар матбуоти даврӣ баъд аз солҳои 2000 дар атрофи қатли Саҳбо баъзе мақолаву хотироти омӯзгорону рӯзноманигорон ба нашр расиданд. Муаллими забон ва адабиёти тоҷики ноҳияи Қубодиён Файз Зиёдалиев дар мақолаи "Фоҷиаи қатли мири Қубодиён" ("Адабиёт ва санъат", № 21-22 аз 31.05.2002), ҳамчунин дар суҳбатҳои шахсӣ бо ин ҷониб қисса кард, ки амакҳояш усто Валии осиёбон ва қорӣ Маҳмадалӣ, ки зиёда аз 90-солӣ умр дидаанд, мунтазам аз фоҷиаи қатли Саҳбо бо таассуф ёдовар мешудаанд, зеро дар он айём онҳо тахминан ҷавонҳои 16-18-сола будаанд ва манзараи сангсоркунии шоирро бо чашми сар дидаанд. Ба омӯзгор Зиёдалиев нақл кардаанд, ки фоҷиа рӯзи ҷумъа рух додааст. Онҳо дар ҳавлиашон машғули токбурӣ будаанд, ки ҷорчии бек садо баланд намуда, мардумро ба қалъаи беки нав даъват менамояд ва таъкид мекунад, ки беки пешина ҷадид будааст. Бинобар ин ҳозир ӯро сангсор мекунанд. Бо шунидани воҳимаи ин шумхабар Валию Маҳмадалӣ корро партофта, ҷониби қалъа роҳ пеш мегиранд. Чун ба қалъа мерасанд, мебинанд, ки мардуми зиёде иборат аз савдогарони бозору одамони гуногунсолу гуногункасб гирд омадаанд. Ҳар кас дар атрофи номи Саҳбо ҳар сухане, ки рост меомад, иброз медошт. Яке мегуфт, ки Саҳбо ҷадид асту дар Бухоро бар зидди амир сар боло кардааст. Дигаре сухани ӯро қувват дода, меафзуд, ки Саҳбо табааи Русияро қабул намуда, аз мусулмонӣ рӯй гардонидааст. Диққати бародаронро ҳолати ҳаммаҳаллаашон Абдукарими чармгар ҷалб мекунад. Ӯ мардуми ҳайратзадаи дар атрофаш ҷамъшударо бовар мекунонад, ки азбаски Мирзо Саҳбо ҷадид аст, аз таги эзораш чун расму одати ҷадидҳо боз як эзори калтача

мепӯшидааст. Ҳамин вақт бо амри ҳокими нав таъиншудаи Қубодиён, додарарӯси Олимхон – Давронбек Саҳборо ду нафар кашолакунон назди издиҳом меоранд ва дар ҷойи намоёне қарор медиҳанд. Ногоҳ шахси бадафте бо таёқи дарозе бо тамоми қувва ба сари Саҳбо мезанад. Бар асари зарбаи мудҳиш сари шоир кафида, хун фаввора мезанад ва куртаи сафедашро лоларанг месозад. Шоир бо ду даст сарашро дошта, пуштнокӣ ба замин меафтад. Баъдан издиҳоми башӯромада сари ӯро ҳадафи сангборон қарор медиҳанд. Дар як лаҳза тани мири "ҷадид" зери тӯдаи сангҳо монда, ба ҷуз ду пой дигар ҳамаи аъзои баданаш аз назар нопадид мешаванд. Ҳозирин аз таги сангтӯда хирросзанон ҷон кандани Саҳборо мушоҳида мекарданд. Баъдан тани Саҳбо аз тапидан бозмемонаду ором мегирад. Давронбек, ки ин манзараро то охир бо аҳли дарбораш наззора мекард, мулозимонаш аз номи ӯ эълон мекунанд, ки ҷасади Саҳбои ҷадидро ба гӯристони мулло Амон нагӯронанд, балки ҷисми ӯро ба дашти мулло Қара бурда партоянд, то ки тӯъмаи сагу шағолҳо гардад. Ҳукми мазкурро сарбози кӯсаришу зардинамӯе ба иҷро расонида, ба пойи майит ресмонеро баста, аспро қамчин мезанад ва мурдаи ба хоку хун оғӯштаи Саҳборо кашолакунон ҷониби дашти мулло Қара таноби роҳ мекашад. Ба қавли Ф. Зиёдалиев аз нақли Валӣ ва Маҳмадалӣ баъд аз як моҳи он воқеа дар Қубодиён овоза паҳн мегардад, ки 3-4 нафар одамон аз Бухоро омада, хокҷойи шоирро пайдо карда, марҳумро ҷаноза карда рафтаанд. Даврони Давронбек ҳам ба ҳайси ҳокими Қубодиён дер намепояд ва ба дарди бедавое гирифтор шуда, аз ҳокимияташ як сол нагузашта, вафот мекунад:

*Дидӣ, ки хуни ноҳақи парвона шамъро,*
*Чандон амон надод, ки шабро саҳар кунад.*

Рӯзноманигор Азизи Фаттоҳ дар мақолааш бо номи “Қатли Саҳбо дар Қубодиён” (сомонаи “Фараж”, 2.07.2012) сараввал хотираҳои омӯзгор Ф. Зиёдалиевро меорад, ки аз он ёдовар шудем. Азизи Фаттоҳ ҳамчунин хотироти омӯзгор ва муҳаққиқи қубодиёнӣ Ҳоҷӣ Акбар Насимиро сабт менамояд, ки модаркалони он вақтҳо 13-14-солаи мавсуф Нисбатбибӣ шоҳиди бевоситаи он фоҷиаи мудҳиш будааст ва зери таъсири он манзараи даҳшатовар чанд гоҳе хобу хӯрро гум карда, чанде хаёлӣ шудааст. Ба ақидаи Азизи Фаттоҳ нақли Нисбатбибӣ бо қиссаи овардаи бародарон Валӣ ва Маҳмадалӣ пурра мувофиқат мекардааст. Мувофиқи иттилои Насимӣ дар рӯйхати “сиёҳ”-и амир Олимхон муншии ҳокими Қубодиён Мирзо Кароматулло ва як нафари дигар ҳам будаанд, ки то рӯзи эълони ҷазо ба кадом воситае халос хӯрда, ҷон ба саломат бурдаанд. Ҳамчунин дар идомаи мақола Азизи Фаттоҳ аз муаллифи қиссаи “Саҳбо” Ҳоҷӣ Муҳаммад Саид ёдовар мешавад, ки дар ҷамъоварии санаду маълумот оид ба Саҳбо хизмати шоистаеро анҷом додааст. Неъмат Муҳаммад Саид баъзе қиссаҳоро аз рӯзгори Саҳбо аз падараш Муҳаммадсаидхон Наҷмуддинов, ки аз домуллоҳои босаводи Кофарниҳони поён будаанду ғайр аз забони модариаш бо забонҳои форсию тоторӣ, русию арабӣ озод ҳарф мезадаанд, шунидааст. Ҳоҷӣ Муҳаммад Саид бо қорӣ Муҳаммадалӣ (амаки Ф. Зиёдалиев) ҳини барҳаёт буданашон низ борҳо ҳамсуҳбат шуда будааст, ки он низ боиси эҷоди қиссаи “Саҳбо” гардидааст.

Ҳабибулло Назаров дар қисмати дуюми асари пурсару садояш «Дар ҷустуҷӯи Карим- Девона» аз фоҷиаи Саҳбо дар иртибот бо зикри саргузашти қаҳрамони марказии асараш ва мулло Абдурасули Қубодиёнӣ ёдовар шудааст. Мавсуф низ фоҷиаи Саҳборо аз қавли Зиёдалиеви калонӣ

овардааст, ки хатти воқеа ба маълумоти болоӣ монанд аст (Ҳабибулло Назаров, 2007, 242).

Тибқи маълумоти Неъмат Муҳаммад Саид Саҳбо як писару се духтар доштааст, ки бармаҳал фавтидаанд. Танҳо аз духтараш Эркаҷон набераash Оишабибӣ монда буд, ки сокини шаҳри Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, номзади илмҳои филологӣ, шодравон Ҳалима Мухторова духтари ӯст. Ҳоҷӣ Неъмат қиссаи «Саҳбо»-ро дар асоси мактуби абераи Мирзо Ҳайити Саҳбо, сокини шаҳри Бухоро Муҳиба Ҳомидова, ки соли 1984 аз тариқи мактуб «қиссаи дардноки зиндагии нобасомони Саҳборо»-ро ҳикоят намуда будааст, эҷод кардааст. Шоирро дар оила низ ҳамеша рӯзгори нохушоянд домангир буд. Писари ягонааш Абдурашид дар 25-солагиаш оламро падруд мегӯяд. Духтаронаш Бибиробия ва Бибисофия сиёҳпичамарг шудаанд: яке сари фарзанд меравад ва дигаре аз азобу уқубати шавҳараш Раҳмоналӣ ва палонҷаш ба ҳалокат мерасад. Завҷааш Қирғизой низ ба ин мусибатҳо тоб наоварда мефавтад. Баъди дувум бор бо Гулбадан ном зан оила барпо кардан ҳамсараш аз рӯйи рашк духтари Саҳбо – Эркаҷон ва писари ӯ (набераash)-ро заҳр дода мекушад.

**Мероси адабии Саҳбо.** Устод С.Айнӣ дар охири маълумоти оид ба Саҳбо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» овардааш ба аҳли илму адаби тоҷик муроҷиат карда мегӯяд:

«Саҳбо соҳибдевон аст. Номи ин пири қурбонии роҳи таҷаддуд, инқилоб ва ҳақгӯиро ба табъу нашр кардани девонаш, бо тарҷумаи ҳолаш зинда кардан аз ҷумлаи вазифаҳои инқилобист» (Айнӣ С., 2010, 270). Дар робита ба ин суханон дар аксари сарчашмаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва тазкираҳои Тоҷикистон таъкид шудааст, ки девони Саҳбо то ҳанӯз дастрас нест. Мураттибони «Гулшани адаб» низ ин нуктаро тахмин задаанд. «Шояд девони ашъори шоир бошад, вале мутаассифона дастраси мо нагардидааст. Ашъори парокандаи шоир дар баёзҳо

сабт гардидааст» («Гулшани адаб», 1980, 395). Дар ЭСТ низ ҳамин ақида дастгирӣ шудааст: «Ашъори Саҳбо дар баёзу тазкираҳои ибтидои асри XX ва дар дасти ашхоси ҷудогона пароканда аст» (ЭСТ, 1987, 6). Танҳо соли 1975 маҷаллаи «Садои Шарқ» хонандаи тоҷикро бо намунаи ғазалиёти Саҳбо ошно намуд (СШ, 1975, №1).

Неъмат Муҳаммад Саид баъди соҳибистиқлоии кишвар дар муқаддимаи қиссаи «Саҳбо» аз мавҷудияти девони Саҳбо хабар дода, мунтахаби ашъори Саҳборо бо забонҳои ӯзбекӣ ва қисман тоҷикӣ (Саҳбо (Танланган шеърлар).– Ташкент:Ташкент ССР фанлар Академиясинг «Фан» нашриёти, 1991) ба ҷумҳурӣ ворид намудааст, ки онро рӯзноманигор Азизи Фаттоҳ девони Саҳбо пиндоштааст (Азизи Фаттоҳ. Қатли Саҳбо дар Қубодиён // Сомонаи «Фараж», 2.07.2012). Саидҷон Зубайдуллоев, устоди ДДОТ ба номи С.Айнӣ афсӯс мехӯрад, ки то имрӯз девони Саҳбо пайдо нашудааст. Ӯ хонандаро барғалат андохта, мероси адабии Саҳборо иборат аз 15 ғазал, 2 муҳаммас ва 1 мусаддас мепиндорад (Зубайдуллоев С., 2016, 19). Вале устод Мирзо Муллоаҳмад дар «Ёди ёри меҳрубон» дақиқан аз мавҷудияти девони Саҳбо таҳти рақами 1982 дар захираи Пажӯҳишгоҳи дастхатҳои АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон башорат дода, ҳамчунин аз интишори мунтахаби ашъори шоир дар соли 1991 дар шаҳри Тошканд ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ хабар додааст.

Воқеан, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз мавҷудияти девони Саҳбо аз мо муқаддамтар дар солҳои 90-уми садаи гузашта аввалин бор номзадҳои илм Б. Ҳасанов ва Р. Холиқов расман хабар додаанд (Саҳбо, 1991, 10). Онҳо дақиқан мужда расонидаанд, ки девони Саҳбо таҳти рақами 1982 дар захираи дастхатҳои ба номи Ҳ.С. Сулаймонови АИ Ӯзбекистон маҳфуз аст. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки девонро худи шоир бо дастонаш китобат кардааст ва дар саҳифаҳои 1-5 муҳри шахсии шоир гузошта шуда, дар муҳр «Мирзо Саҳбо, 1328» (1907

мелодӣ) навишта шудааст. Девон бо хатти нимшикастаи настаълиқ навишта шуда, аз 263 саҳифа фароҳам омадааст ва дар он зиёда аз 550 адад ғазал, ғазалқасида, мухаммас, мусаддас, қитъа ва фардиёти шоир ҷамъ оварда шудааст, ки 61 адади он (27 ғазалу 34 мухаммасу мусаддас) бо забони ӯзбекӣ эҷод шудааст. Ҳамагӣ девон дорои 12900 мисраъ шеър мебошад. Бояд гуфт, ки саҳифаҳои 90 то 99-уми девон, дар маҷмӯъ 10 саҳифа холист. Эҳтимол баъдан шоир онро пур карданӣ будааст. Гоҳо баъзе ғазалҳоро оғозаш ҳасту анҷомаш афтодааст. Ашъори шоир дар девон бо тартиби алифбои арабӣ ҷо ба ҷо шудааст. Аз мутолиаи девон маълум мешавад, ки шоир баъдан бо ранги фарққунанда ба девон ислоҳу таҳрирҳо низ ворид намудааст, баъзе абёташро сайқал додааст. Ҳатто дар ҳошияи саҳифаҳо вижагиҳои баъзе авзони арӯзро низ бо ранги сиёҳи баланд нишон додааст. Аз нақли Ойишабибӣ Мухторова маълум мегардад, ки дар истинод ба гуфтаи бобои падариаш Саидбек Саҳбо девони бисёр доштааст, вале бисёрии онҳо бо фармони амир Олимхон дарёфт ва сӯзонида мешаванд (Саҳбо, 1991, 24). Ба гуфти Неъмат Муҳаммад Саид дар Қубодиён одамони амир хонаи Саҳборо кофта, шеърҳои як соли ахир навиштааш ва достони нотамоми «Қубодиённома»-ашро мусодира намуда, оташ мезананд (Неъмат Муҳаммад Саид, 2014,,81). Ҳақиқатан ҳам шеърҳои дар даҳ соли охири умр (солҳои 1908-1918) таълифнамудаи шоир то ҳол нопайдост.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ЭСТ шарҳи ҳоли ду нафар Саҳбо омадааст. Аввалӣ Мирзо Ҳайити Саҳбост ва таснифи мақола оид ба эшон ба қалами С. Алиев тааллуқ дорад, вале мақолаи Саҳбои дувумро М. Ҷалилова нигоштааст. Оид ба Саҳбои дувум омадааст, ки «Саҳбо – шоир ва мударриси тоҷик. Дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX умр ба сар бурдааст. Маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш Миёнколи Самарқанд гирифта, баъдан дар Бухоро таҳсилро идома додааст. Пас аз хатми

таҳсил то охири умр дар мадрасаҳои Бухоро мударрисӣ кардааст. Аз ашъори Саҳбо чанд ғазал ва байтҳои пароканда дар тазкираҳо ва баёзҳо боқӣ мондаанд. Дар ашъораш ишқу ошиқиро суруда, бисёр масъалаҳои пандуахлоқӣ ва ирфониро тараннум кардааст. Ин байтҳо намунае аз эҷодиёти Саҳбо мебошанд:

*Чу меҳр он ҳусни якторо ба доругир меояд,*
*Нигоҳ аз дида то мижгон ба сад шабгир меояд,*
*Таъаллуқ кист, то гирад инони ваҳшати моро,*
*Садои фатҳи боб аз номаи занҷир меояд.*
*Зи гармоҳангии сози ҷунуни мо чӣ мепурсӣ?*
*Забони хомаи ушшоқ оташгир меояд»*

(ЭСТ, 1987, 6).

Мирзо Ҳайит бо тахаллуси «Саҳбо» шеър менавишт, ки маънои майи сурхро дорад (Фаҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2010, 231). Охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX дар Бухоро муҳити мусоиде барои аҳли илму адаб фароҳам омада, Муҷрим, Обид, Шакурӣ, Шавқӣ, Ҳамулӣ, Вола ва Ҷонӣ барин адибони тоҷикзабону ӯзбеклисон, ки чунин рӯзгори шоистаю созгор имкониятҳои эҷодиашонро дучанд гардонида буд, паҳлу ба паҳлу истода кору зҷод мекарданд. Махсусан аз анъанаи бо ду забон эҷод кардан, ки аз замони Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ оғоз ёфта буд, дар ин давра дар мисоли осори Мирзо Азими Сомӣ, Бостонӣ, Муҳаммадшарифи Гулханӣ, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ ва дигарон равнақи тоза пайдо мекунад. Яке аз шахсоне, ки дар ин давра дар баробари забони модариаш-тоҷикӣ бо забони ӯзбекӣ низ шеър гуфтааст, Мирзо Ҳайити Саҳбост, зеро амирони манғитӣ, ки бо ду забон-тоҷикӣ ва ӯзбекӣ иштиёқи шеършунавӣ доштанд, шоирон низ пайи иҷрои талаботи онҳо барои бо ду забон шеър эҷод кардан кӯшиш ба харҷ медоданд. Аз ин ҷиҳат ба эҷодиёти Саҳбо Афзал Махдуми Пирмастӣ, Мирзо Азими Сомӣ, Латифҷон–Махдум, Қорӣ Фатҳуллоҳи Бухорӣ ва амир Абдулаҳадхон баҳои баланд додаанд. Афзал-махдуми Пирмастӣ дар

«Тазкирату-ш–шуаро», ки дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии шаҳри Санкт– Петербурги Русия таҳти № 1845 маҳфуз аст, зикр менамояд, амир Абдулаҳад бо Саҳбо на танҳо муносибати хуб дошт, балки ба амири шоиртабъ, ки бо тахаллуси «Оҷиз» шеър иншо менамуд, ҳаққи устодиро соҳиб шуда буд. Ҳамчунин Мавлоно Сомӣ дар «Миръот-ул-хаёл», ки дар маркази илмии номбурда таҳти рақами 1943 маҳфуз аст, аз шуҳрати шоирии Саҳбо ёдовар мешавад. Амир Абдулаҳадхон шефтаи шеъри Саҳбо гардида, аксар вақт порчае аз маснавии Мирзо Азими Сомиро дар ҳаққи Саҳбо такрор ба такрор қироат менамудааст:

*Узубатбаёну малоҳатнишон,*
*Ҳақиқатсиришту муассирбаён.*
*Зи номаш, ки иди балогат бувад,*
*Ҳайит – туқсабоиш мансаб бувад.*
*Варо ғайр аз ин ҳаст ашъори нек,*
*Накардам рақам баҳри татвил лек.*
*Зи осори фазлу ҳунар он ҷаноб*
*Нахӯрда ба Мирзои дил як дам об.*
*Гаҳе шодмон асту гоҳе ба ғам,*
*Бувад ҳоли ӯ зулфосо ба ҳам.*
*Ниҳоли фазилат надорад самар,*
*Ба ғайр аз ғаму ғуссаву дарди сар.*

(Неъмат Муҳаммад Саид, 2014, 10-11).

Мавсуф аз шунидани ғазали Саҳбо бо радифи «Ганда» ба ваҷд омада, ба он баҳои баланд медодааст:

*Ҳарфи мо нашуниданат* ганда,
*Доман аз мо кашиданат ганда.*
*Пой то сар тамоми ҷойи ту хуш,*
*Лек аз мо рамиданат ганда.*
*Ҳамдами ғайр гаштану аз мо*
*Тори зулфон буриданат ганда.*
*Бо рақибон шароб нӯшидан,*
*Майи мо начашиданат ганда.*

*Омадан, нанишастану рафтан,*
*Худ ба худ ин тапиданат ганда.*
*Ишва бар мо фурӯхтан, аз ғайр*
*Моли косид харидананат ганда.*
*Дӯш гуфтӣ ба ишва Саҳборо,*
*Лаби мо намакиданат ганда.*

(Неъмат Муҳаммад Саид, 2014, 12).

«Саҳбо марди оличаноб, донишманд, хушмуомила, олиҳиммат, баландмарҳамат, парҳезкор, боақл, дар шеъру байтшиносӣ беҳамто, нозуктабиат, хушзеҳн буда, - таъкид менамояд Афзал-махдуми Пирмастӣ, - шеърҳои бениҳоят зебо, суханони бофасоҳат ва девони мукаммал дорад. Ашъораш писандида. Дар эҷоди ашъор ба дараҷае расидааст, ки таълифу таҳрири шеърро хеле нозук ва рангин анҷом медиҳад. Шеърҳои тоҷикӣ ва туркии ӯ фасоҳату мазмуни баланд доранд ва дорои қофияҳои марғубанд. Ин байтро ӯ ниҳоят хуб гуфтааст:

*Гар барафтад акси рухсори нигори ман бар об,*
*Метавон кардан тамошо гулъузори ман дар об*».

(Неъмат Муҳаммад Саид, 2014, 11).

Мундариҷаи девони Саҳбо хеле рангину бой буда, дар ғазал мухаммас ва мусаддасҳои шоир риояи анъанаҳои таърихӣ баръало эҳсос мешавад. Мазмуни ашъори шоирро ишқ ва риёзатҳои ошиқ барои расидан ба соҳили висол, инчунин шикоят аз рӯзгори вожгун ва ноҷӯриҳои замона, изҳори норозигӣ аз гардун, танқиди аъмоли манфии табақаи ҳукмрон, тавсифи хислатҳои оличанобии инсонҳо ва монанди инҳо ташкил медиҳанд. Забони ашъори Саҳбо содаю равон, аз ҷиҳати услуб монанд ба сурудҳои мардумист. Дар шеъри Саҳбо таъсири Саъдӣ, Ҳофиз, Ҳасани Деҳлавӣ, Осафӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ва махсусан Мирзо Абдулқодири Бедил равшан ҳис карда мешавад. Ҳатто шоир

девонашро бо абёти Абулмаъонӣ Бедил ҳусни оғоз бахшидааст:

*Фитрати аҳли хирад гӯё баҳори раҳмат аст,*
*Маънии рангин, бубин, аз баргу бори раҳмат аст.*

Ё ки

*Мижгон ба ҳам овардаму рафтам ба хаёлат,*
*Парҳези тамошо ба чӣ найранг шикастам.*

*(Девони Саҳбо, №622, 3)*

Дар иртибот ба ин муаллифи мақолаи «Саҳбо» дар ЭСТ С. Алиев ёдрас шудааст, ки «Саҳбо шоири лирик буда, ғазалҳову мухаммасҳояш бо эҳсоси баланд суруда шудаанд. Якчанд ғазали Саҳбо ба репертуари ҳофизон дохил гардидааст. Ғазали машҳури «Гуфт: ба мо чӣ…» ҳоло ҳам аз тарафи ҳофизони касбии тоҷик суруда мешавад» (ЭСТ, 1987, 6). Ҳақиқатан ҳам овозхонҳои номвари тоҷик Боймуҳаммад Ниёз, Одина Ҳошим,Ҷӯрабек Набиев, Давлат Хол ва дигарон ба ашъори Саҳбо оҳанг бастаанд, ки ҳоло низ онҳо хеле марғуб садо медиҳанд.

* * *

Имрӯз, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Истиқлолияти комили давлатӣ расидааст, иқдоми саривақтист, ки «номи ин пири қурбонии роҳи таҷаддуд, инқилоб ва ҳақгӯиро бо табъу нашр кардани девонаш» (С.Айнӣ) аз нав зинда гардонем, 170-солагии зодрӯзашро дар миқёси ҷумҳурӣ таҷлил намоем, оид ба рӯзгори пурмоҷаро ва ашъори дилошӯбаш пажӯҳишҳои доманадор анҷом диҳем. Вақти он расидааст, ки маркази Қубодиён – шаҳраки Саҳбо номида шавад ё дастикам Коллеҷи омӯзгории Қубодиён ба номи ин шоири инқилобӣ ва адиби оташинсухан гузошта шавад.

* * *

Дар ҷараёни бо алифбои имрӯза баргардонидани ашъори шоир аз нусхаи ягонаи девони Саҳбо, ки дар захираи дастхатҳои ба номи Ҳ.С.Сулаймонови

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳти рақами 1982 маҳфуз аст, истифода шуд. Ҳамчунин ҳангоми ба девон ворид сохтани ашъори ба забони ӯзбекӣ иншонамудаи Саҳбо аз мунтахаби ашъори шоир бо номи ”Саҳбо (Танланган шеърлар)” (Ташкент:Ташкент ССР фанлар Академиясинг «Фан» нашриёти, 1991) низ фоида бардоштем. Дар ҷараёни мураттабсозии девон аз тартиби дар нусхаи аслии он ҷойгирнамудаи шоир сарфи назар намуда, барои осонии кори хонанда девонро мувофиқи жанрҳо ҷо ба ҷо сохта, аввал ғазалиёт, баъдан мухаммасоту мусаддасот, ҳамчунин ашъори парокандаи адиб ба шумули қитъаоту фардиёт ва дар охир ашъори ба забони ӯзбекӣ иншонамудаи мавсуфро низ бо ҳамин низом ҷойгир кунонидем.

Ниҳоят, ба ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, профессор Шодиён Муҳаммад Султонзода, доктори илми таърих Хоналӣ Қурбонзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Рустам Тағоймуродов, шоирон Муҳаммадалии Аҷамӣ ва Усмон Билолӣ, саромӯзгорон Шерхон Ватанову Саид Холматов барои кӯмак дар баргардон, тасҳеҳ ва таҳрири шеърҳо як ҷаҳон сипос изҳор менамоям.

**Пайнавишт:**


1. Айнӣ Садриддин. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро.// Дар китоби «Энсиклопедияи назму насри тоҷику форс».-Душанбе, 2010.

2. Айнӣ Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик – Душанбе: Адиб, 2010, с. 267 – 270; 447с.

3. Айнӣ. Садриддин. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. // Дар китоби «Энсиклопедияи насри муосири тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009, 680с.– С.281.

4. Алиев. Саидҷон. Унитилмас саҳифалар.- Тошканд, 1986, с.88-91

5.Азизи Фаттоҳ. Қатли Саҳбо дар Қубодиён // Сомонаи http://faraj.tj/life/835-1178atli-sa1203bo-dar-1178ubodien.html, 2. 07. 2012.

6.Азизқулов Ҷумъабой Азизқулов. Имону инсофи устод Айнӣ. // Маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон», 2016, №4, с. 26-35.

7. Гулшани адаб. Намунаи назм иборат аз 5 ҷилд. Ҷилди 5.Тартибдиҳанда А. Афсаҳзод, Л. Сулаймонова, Ҷ.Додалишоев ва дигарон. – Душанбе: «Ирфон»,1980,с. 395 – 401.

8. Ёди ёри меҳрубон. Марзҳои шарқи шеъри порсӣ. Бо муқаддимаи устод Эраҷи Афшор. Бо кӯшиши доктор Мирзо Муллоаҳмад. – Теҳрон: интишорони Тӯс, 1380 ҳ., с.763-772.

9. Зубайдуллоев Саидҷон. Мирзо Ҳайити Саҳбо–адиби қубодиёнӣ\\ Маҷаллаи «Илм ва ҳаёт», 2016, №1, с. 17-19.

10. Зиёдалиев Файз. Фоҷиаи қатли мири Қубодиён.// Адабиёт ва санъат, № 21-22, 31. 05. 2002.

11.Қуввати Дод, Фозили Абдурашид, Қиёмиддин Сатторӣ. Қубодиён. Таърихи мухтасар аз аҳди қадим то имрӯз.– Душанбе: Бухоро, 2014, с. 137 – 142.

12.Маъруф Раҷабӣ. Ислом: ҷадидия ва инқилоб.- Душанбе:Дониш, 1997, 241 с.

13.Назаров Ҳабибулло. Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона.- Душанбе:Балоғат, 2007, 336 с.

13.Неъмат Муҳаммад Саид. Саҳбо (қисса).– Қӯрғонтеппа, 2014, 102с.

15. Сайфиев Н. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX).- Душанбе: Маориф, 1988, 414с.

16. Саҳбо (Танланган шеърлар). Мураттиб ва муаллифи дебоча таҳти унвони ”Сaрояндаи зебоӣ ва ҳақиқат” номзади илмҳои филологӣ Ҳалима Мухторова. – Ташкент: Ташкент ССР фанлар Академиясинг «Фан» нашриёти, 1991. – С. 3-27.

17.Саҳбо. Ғазалҳо.// «Садои Шарқ», 1975, № 2.

18.Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2010, с. 231.

19. Энсиклопедияи Қубодиён. – Душанбе, 2014, с. 9-20.

20. ЭСТ. Ҷилди 7. – Душанбе, 1987, с. 6.

Фитрати аҳли хирад гӯё баҳори раҳмат аст,
Маънии рангин, бубин, аз баргу бори раҳмат аст.
Хоксориҳо дар ин раҳ шуд далели эътибор,
Ваҳшати нозукхаёлон аз шарори раҳмат аст.
Пухтмағзонро либоси лабхамӯшӣ содагист,
Як қалам маънитирозӣ аз хумори раҳмат аст.
Дидаи бино чӣ меҷӯӣ барои дилбарон,
Хоки по гаштан ҳанӯзам интизори раҳмат аст.
Шодмонам аз шикасти дил ба сарҳадди шуур,
Ноумедиҳои ман аз ҷӯйбори раҳмат аст.
Тӯтии табъам ба он пири хирад ояд ба ҷӯш,
Покии домони пирон аз нисори раҳмат аст.
Пайравони роҳи маънӣ аз хирад бегонаанд ,...
*(Идомааш зудуда шудааст).*

* * *

Мижгон ба ҳам овардаму рафтам ба хаёлат,
Парҳези тамошо ба чӣ найранг шикастам.
(Бедил)

***Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим***

# *Ғазалиёт*

Ман андар раҳгузори ишқ дидам баски мушкилҳо,
Саропо хун шуду омад бурун аз дидаам дилҳо.
Дар ин баҳр он қадар мустағриқи гирдоби ташвирам,
Ки умре метапам бар хешу пайдо нест соҳилҳо.
Чунон, эй дӯстон, аз ҷодаи мақсуди худ дурам,
Надидам бо ҳазорон ҷустуҷӯ осори манзилҳо.
Зи сар то пойи ман бигрифт ишқи офиятдушман,
Бар аҳволам магар аз шаш ҷиҳат гардид шомилҳо.
Шудам бегонаи ақлу хирад, яъне ки Маҷнунам,
Дар он водӣ, ки Лайлиест андар ноқа маҳмилҳо.
Надонам, аз чӣ хун умрест меҷӯшад дар аъзоям,
Магар дорад ба сар завқи ҳавои теғи қотилҳо.
Буридам сад биёбон дар ҳавои ишқи ӯ, Саҳбо,
Намеояд бурун пойи ман аз олоиши гилҳо.

* * *

Чашми мастат мекунад яғмо дилу дини маро,
Мебарад тарзи нигоҳат сабру тамкини маро.
Раҳм меорию изҳори талаттуф мекунӣ,
Бишнавед, эй шӯх, боре савту талқини маро.
Доимо аз дарди ишқат ман ҷафоҳо мекашам,
Бин зи хору хора, эй маҳ, фаршу болини маро.
Мекунӣ, албатта, тарки зуҳду тақвову вараъ,
Гар ту, эй зоҳид, бидонӣ кешу ойини маро.
Мӯ ба мӯ аз дарду доғу меҳнати ман воқифӣ,
Пас, чӣ мепурсӣ сабаб ин ҷабҳаи чини маро.
Метапам шаб то саҳар дар кулбаи бемунисӣ,
Раҳм созӣ, гар ту бинӣ ҳоли мискини маро.
Шиддати айёми маҳҷурию ранҷи бекасӣ,
Кард ҳамчун парри коҳе ҷисми сангини маро.
Нест ҷуз савдои ишқат бар сари шӯридаам,
Дидаӣ як- як ҳама болову пойини маро.
Медиҳад барбод ақлу дину идроку хирад,
Ҳар кӣ, эй Саҳбо, бубинад он бути Чини маро.

* * *

Интизорат зи ҳад гузашт,чаро?
Нахиромӣ ба сӯйи кулбаи мо.
Оюю кун чашмам аз карам равшан,
Аз барои Худо биёву биё.
Чанд парҳез мекунӣ аз ман,
Чист фарқе миёни мову шумо.
Ҳоҷате дораму ба сар мушкил,
Ҳоҷатамро бикун зи лутф раво.
Чашми лутфу карам мапӯш зи ман,
Эй бути сарвқади ҳурлиқо.
Бастагиҳои толеам во кун,
Бикушо уқдаҳои банди қабо.
Ман зи сар то ба пой уммедам,
Ҳам ту аз пой то сар истиғно.
Ман, ки дар як нигоҳ муштоқам,
Як нигоҳ охир аз чӣ ин нест ба мо.
Инчунин созу шодмонам кун,
Банд, яъне ту аз камар бикшо.
Кош, ой ту маст дар бағалам,
Бираҳам ман зи ранҷи ҳарду саро.
Сина бар сина, лаб ба лаб бинҳем,
Шавад он лаҳза кор ҷой ба ҷо.
Дасту поят зи шавқ зеру забар,
Бикунам гоҳ пасту гаҳ боло.
Дар миёни ману ту монеъ нест,
Ноз кам созу аз ҳиҷоб баро.
Хуб набвад бар офтоб ҳиҷоб,
Хуш набошад ба бода ҳам мино.
Ману ту ҳар чӣ вақт васл кунем,
Кас надонад ба ғайри зоти Худо.
Меравад ҳамчу бод аҳди шубоб,
Бовару дӯстӣ маҷӯй бақо.
Фурсати умрро ғанимат дон,
Хезу пур кун ту соғари Саҳбо.

* * *

Қасам ба мусҳафи рӯйи ту, эй бути зебо,
Ки рафтааст тавон аз тану мадор аз по.
Лабам ба ҷуз хату холат намезанад ҳарфе,
Дилам ба ғайри хаёлат намепазад савдо.
Биё, назар куну аҳволи зораму бингар,
Ки оҳу нолаи ман аз куҷост то ба куҷо.
Ҷудо зи дил нашавад доғи ишқат , эй маҳрӯ,
Агарчи ҷисм шавад гарду сар кашад ба ҳаво.
Аз ин фиғони хурӯше, ки ҷаст аз табъам,
Чунонки нолаи ман сар кашид сӯйи само.
Намедиҳӣ ба ман он рух, ки рӯзу шаб бинам,
На дар тақаббули ӯ ҳаст, боди туст расо.
Худойро бидеҳ инсоф, эй бути наврас,
Кӣ зортар ба раҳи ишқи туст аз Саҳбо.

* * *

Кай тавонам кард хуррам ин дили ношодро?
Чораи биниш набошад кӯри модарзодро.
Маъбаду меъоди моро ҳақ муқаррар кардааст,
Кас чӣ сон тағйир бидҳад маъбаду мелодро?
Хонаи вайрони бахтам қобили таъмир нест,
То ба кай хоҳӣ задан девори бебунёдро.
Ҳоҷати таълим набвад чархро дар фанни зулм,
Ранҷи шогирдӣ чӣ лозим инчунин устодро?

* * *

Ба дил ҳар лаҳза сад таъзим месозам хаёлатро,
Ба ҳангоме тасаввур мекунам лаъли хушобатро.
Маро бошад ҳазорон дида, то аз шавқ бинмоям,
Тамошо сафҳаи рухсори рашки офтобатро.
Куҷо масти тағофул меравӣ, эй шаҳриёри ҳусн,
Диҳад гар даст, созам бӯсаҳо чашму рикобатро.
Зи қайди ишқи пуршӯрат маро ҳаргиз раҳой не,
Чӣ сон гирам зи гардан турраи пурпечутобатро?
Ба ёдат он қадар рафт имшаб, эй гул, ашки шӯри ман,
Намак ҳоҷат набошад баъд аз ин таъми кабобатро.
Маро маҳҷур кардӣ оқибат аз меҳри рухсорат,
Парешон кардаӣ азбаски зулфи чун саҳобатро.
Ба ҳоли ман ту пеш аз ин нигоҳи лутф мекардӣ,
Намеёбам мани дилхаста акнун ҳеҷ бобатро.
Басуръат меравӣ, эй маҳ, бар аҳволам напардозӣ,
Намедонам, чӣ бошад боис ин тарзи шитобатро.
Чаро, эй бевафо, ин гуна оҳанги ҷафо кардӣ,
Аён бар ҳоли Саҳбо сохтӣ нозу итобатро.

* * *

Маънии субҳ аст дар чоки гиребони шумо,
Нусхаи хур равшан аст аз рӯйи рахшони шумо.
Баски дил чун кард бунёди нишонат раҳгузор,
Як ҷаҳон дил хуфта дар ҳар чини домони шумо.
Пайкарам озурда аст аз новаки мижгони шӯх,
Хотирам ошуфта аз зулфи парешони шумо.
Сархати ишқ аст зоҳир гашта аз атрофи рух,
Чашмаи Хизр аст заҳри лаъли хандони шумо.
Умрҳо шуд медавам мастона дар ин лаъбгоҳ,
То ки гардад ин сари ман гӯйи чавгони шумо.
Аз нигоҳи бехудам рамзи ҷунун шуд ошкор,
Хонабардӯш аст вазъи ман ба даврони шумо.
Сад чаман пажмурда аз як рашки он рухсори гул,
Нахлҳо по дар гил аз сарви хиромони шумо.
Гуфт: ин афтодаи раҳ кист, Саҳбо, гуфтамаш:
Бедили овора, яъне хонавайрони шумо.

* * *

Қайди пойи дил бувад занҷири гесӯйи шумо,
Ҷон асири ҳалқаи зулфи балоҷӯйи шумо.
Лоларо аз рашки он рух ранг аз рӯ мепарад,
Гул гиребон карда чок аз дидани рӯйи шумо.
Як нигаҳ з- он наргиси махмур шуд дар кори дил,
Ин замон афтодаам сармаст дар кӯйи шумо.
Ҷилваи ҳусни кӣ моро ин қадар аз ҳол бурд?
Лек ин донам, дилам бехуд равад сӯйи шумо.
Аз фусуни ишқбозиҳо маро огоҳ кард,
Як нигоҳи наргиси фаттони ҷодуйи шумо.
Нозҳо болида аз он қомати болобаланд,
Ишваҳо хобида андар чини абрӯйи шумо.
Умрҳо, Саҳбо, машоми орзу хуш мекунам,
То маро рӯзе расонад бод аз бӯйи шумо.

* * *

Чу сарвиноз қад кашад ба тарфи ҷӯйборҳо,
Тубоҳи рӯҳбахши хур зи дасти гулъузорҳо.
Нигор зулф бишканад, шикан ту гӯшаи кулаҳ,
Агарчи шиша бишканад, зи май шикан хуморҳо,
Махӯр фиреби осмон, гузин ту ёри дилситон,
Хуш аст сайри бӯстон ба ёрҳо, баҳорҳо,
Нигори лоларух биҷӯ, шароби лолагун бихӯр,
Ба бонги уд баргузар ба сайри лолазорҳо.
Замон - замон рубоб зан, қадаҳ - қадаҳ шароб зан,
Ба ёр печутоб зан, фикан зи дил ғуборҳо.
Расид мавсими тараб, бигир бодаи инаб,
Ба гулъузори шаҳдлаб нишин ба сабзазорҳо.
Шавӣ зи ҷаври чархи дун, агар чу сина пур зи хун,
Ба савти рӯду арғунун бикун тараб нисорҳо.
Каломи тӯтиён шунав, навои қумрӣ гӯш кун,
Чӣ хуш суруд мекашад ба боғҳо ҳазорҳо.
Ғанимат аст даври гул, бигир ёру ҷоми мул,
Ба нағмаи дафу дуҳул ту захма зан ба торҳо.
Шабе, ки он бут оядо, ба ишва дил рабоядо,
Кунам фидош боядо зи ҷону дил нисорҳо .
Саҳар, ки турраи суман сабо чу зебу фар диҳад,
Чӣ вақти истодано, чӣ ҷойи интизорҳо.
Сафири мурғи бӯстон диҳад каломи ёри хуш,
Сафои ҷоми арғувон сазад ба марғзорҳо.
Қазо, агар туро расад зи гулрухон пиёлае,
Нишон ба ҷуръае зи дил ба оби май шарорҳо.

* * *

Ба он сарви сиҳӣ гуфтам : ба ман бинмой қоматро,
Чаро гуфто, ки барпо мекунӣ шӯри қиёматро.
Мазан бар рағми риндон, эй муаззин, наъраи қомат,
Биё дар маҷлиси риндон, бубин ин қадду қоматро.
Барорӣ аз ҳаё обу арақ аз рӯйи оташ кавн,
Бубин, эй пир, аз он тифл подоши кароматро.
Агар бинӣ ту, эй лавло, ҷамоли оламорояш,
Диҳӣ инсоф, созӣ тарк ойини маломатро.
Ҳазар кун, эй рақиб, аз тири оҳам, хез аз кӯяш,
Мадеҳ беҳуда аз каф домани амну саломатро.
Кунӣ дар пойи он бут саҷда, худро боз нашносӣ,
Ту , эй зоҳид, бубинӣ он шукӯҳу он шаҳоматро.
Агар ворастагӣ хоҳӣ зи ранҷу кулфати даврон,
Мадеҳ зинҳор, эй Саҳбо, зи каф ҷоми давоматро.

* * *

Мекунад гесӯйи ӯ шайдо маро,
Чашми шӯхаш мекунад расво маро.
Мезанад аз қаҳр дар пастии хок,
Гар барорад аз карам боло маро.
Сад ҷаҳон сармояро додам ба бод,
Ишқи ӯ гардид то пайдо маро.
Рӯ кучҷо орам, ки дар рӯйи замин,
Ҷуз сари кӯяш набошад ҷо маро.
Дар тариқи ишқи ӯ ҷуз нақди ҷон,
Нест ғайр аз ин дигар коло маро.
Рӯзу шаб савдои васли он санам,
Бурд ҳар сӯ бесару бепо маро.
Як сари мӯ муддаое набвадам,
Ҷуз ту аз дунёву аз уқбо маро.
Ҳар замон аз ишқи он Лайлинасаб,
Кард Маҷнун андар ин саҳро маро.
Тоза гардад пайкари афсурдаам,
Гар диҳад ӯ соғари Саҳбо маро.

* * *

Ҳон, аз лаби шакарин бихандо,
Кун фориғам аз ҳадиси қандо.
Себи зақанат надод дастам,
Сарват чӣ бало бувад баландо.
Мискин дилу ҷони хастаи ман,
Дар ҳалқаи турраат ба бандо.
Нақди дилу ҷон ба бӯсае гир,
Бигзар зи ҳадиси чуну чандо.
Мо боз ҳаёти тоза ёбем,
Ронӣ чу ба хоки мо самандо.
То кай зи висол бенасибӣ,
То чанд зи ишқ ин газандо.
Афсӯс, ки сӯхт ҷисми Саҳбо,
Дар миҷмари ишқ чун сипандо.

* * *

Накунад ёди мани сӯхта дилдор чаро?
Медиҳад ин қадар аз баҳри чӣ озор маро?
Ҳар замон хуни дил аз дидаи тар меборад,
Мекунад аз ғаму андӯҳу ситам зор чаро?
Қадам аз бори ҷафо кард хам он сарви равон,
Боз дар боғи ҷаҳон мекунадам хор чаро?
Дари шодию тарабро ба рухам мебандад,
Мебарад ҳуш зи ман он бути айёр чаро?
Сӯям аз лутфу карам ҳеҷ нигоҳе накунад,
Гаштааст аз мани дилсӯхта безор чаро?
Оби андӯҳ маро оқибат аз сар бигузашт,
Инчунин мефиканад боз чу дар нор чаро?
Дуди ҳасрат ба фалак мерасад аз синаи ман,
Дорад он дилбари бераҳм зи ман ор чаро?
Сӯхтам з-оташи ҳиҷрону танам ахгар шуд,
Надиҳад оби карам бар мани бемор чаро?
Сояи лутфу карам бар сари Саҳбо мафиканд,
Баъд аз ин ҷон надиҳам дар талаби ёр чаро?

* * *

Қанду шакару шаҳд зи лаъли ту ҳувайдо,
Дурру гуҳар аз тарзи каломат шуда пайдо.
Лавҳе, ки дар ӯ сурати ҳусни ту нигоранд,
Созад хиҷил аз лутф маҳу меҳр муҷалло.
Як ҳалқаи гесӯи сумансои ту дорад,
Сад таъна ба мушки Хутану анбари соро.
Ҷаъди шикан андар шиканатрост ба ҳар хам,
Ақлу дилу ҳушу хиради ошиқи доно.
Абруи фусунсози ту аз нозу тағофул
Сӯйи мани дилхастаи маҳзун кунад имо.
Нози ту басе дидаму лутфи ту надидам,
Эй шӯх, нигоҳе зи карам соз Худоро.
Саҳбо, ки бувад шефтаи холу хати ту,
Дар дом аз ин дона фитад мурғаки доно.

* * *

Эй гули хушрангу бӯй, эй гулшани аҳду вафо,
Бе вуҷудат маҳфили моро намебошад сафо.
Гарчи базми мо нашуд равшан зи юмни мақдамат,
Гоҳ-гоҳе пурсиши ҳоли ғарибонро намо.
Гаҳ намепурсӣ ту ин афтодагонро аз карам,
Баъд аз ин мову ғами ҳиҷрон, ту дониву Худо.
Мерасад ҳар дам хаёлат бар дили маҷрӯҳи ман,
Аз буни ҳар мӯйи ман сар мезанад сад марҳабо.
Пурсиши ҳоли ғарибон айни лутфу раҳмат аст,
Пас, ту аҳволи ғарибонро намепурсӣ чаро?
Сайри гулзори чаман бе  дӯстон беравнақ аст,
Сози танҳоӣ надорад ғайри маъюсӣ садо.
Ҳарчи мегӯем мо андар ниҳону ошкор,
Нест ғайр аз дидани дидори ҷонон муддао.
Бо ғами дурӣ чӣ сон бошам мани маҳзун сабур?
Мекунам чун булбули ошиқ ба рӯзу шаб наво.
Бо илоҷ ҳаргиз намегардад қарин захми дилам,
Дарди танҳоии мо ҷуз васл кам дорад даво.
Сурати аҳду вафо, Саҳбо, дар ин олам намонд,
Лутф фармову мапӯшон гӯшаи чашме зи мо.

* * *

Маро омад ба ёд он ҳусни рӯйи беҳиҷоб имшаб,
Парид аз ошёни дидаи ман мурғи хоб имшаб.
Саводи чашми хунрези ту аз бас дар назар дорам,
Раги ҷон ҳамчу зулфи ёр шуд дар печутоб имшаб.
Танам аз новаки мижгони ту захми гарон дорад,
Кунун дар оташи ҳаҷри ту мегардад кабоб имшаб.
Агар лаъли шакарборат табассум созад арзонӣ,
Мазоқи ҷон шавад саршор аз мавҷи тазоб имшаб.
Надонам кулбаам аз тобиши нури чӣ шуд равшан,
Гумон кардам, ки он маҳ дур кард аз рух ниқоб имшаб.
Ҷудоӣ аз сари кӯяш на танҳо кард Маҷнунам,
Ки дил чун қатраи симоб шуд дар изтироб имшаб.
Аз он вақте ки бебок омад ӯ бар кулбаи тангам,
Зи юмни мақдами ӯ зарраам шуд офтоб имшаб.
На танҳо ҷонфишони остонат гашт ин Саҳбо,
Ки сар бахшид исботаш ба номат бошитоб имшаб.

* * *

**Мувашшаҳи Очилдиҷон**

Эй зи рашки оразат хуршед андар изтироб,
Чун ҷамолат дар назарҳо нест маҳбуб офтоб.
Чашми бад дур аз ту, эй моҳи сипеҳри дилбарӣ,
Авҷи хубиро ту меҳрӣ, фанни донишро ту боб.
Лоиқи васфат чӣ сон созам иборат мунтазам,
З–он ки шуд мафҳуми хубӣ аз ҷамолат интихоб.
Дидаи маҳҷур бар рӯйи ту во созам даме,
Мешавад аз пастии толеъ саросар мавҷи об.
Ё зи дил меҳрат бикан, ё аз бадан ҷонам бибар,
Ё маро бо ваъдаи имрӯзу фардо деҳ ҷавоб.
Ҷуфти абрӯят ҳилоли ид агар хонам, равост,
З-он ки дар ҳар айшу ишрат ид бошад фатҳёб.
Имшаб аз шавқи ҷамолат дил саропо нола буд,
То ки аз фарёди ман гардид берун офтоб.
Номи некат бурдан аз Саҳбо саросар айб буд,
З-ин сабаб шуд аз сари ҳар байт номат интихоб.

* * *

Набурд бе ту маро як дақиқа хоб ба шаб,
Фитод пайкари зорам дар изтироб ба шаб.
Шаби фироқ бинолам зи норасоии бахт,
Надидааст касе ҳаргиз офтоб ба шаб.
Хуш аст сайру тамошои бӯстон дар рӯз,
Чу маҳфили тарабу соғари шароб ба шаб.
Ба базми васли муҳаннам маҷӯ оролзи хубон,
Чӣ мекунӣ ба ман, эй муддаӣ, хитоб ба шаб.
Зи ҳарфи таъни ту, зоҳид, намераҳам рӯзе,
Ту боз ин қадарам медиҳӣ азоб ба шаб.
Шаби висол маро ин қадар заҳмати сайр
Чӣ лозим аст ба мову ту ин ҳиҷоб ба шаб.
Мапӯш рӯйи чу маҳ аз мани сияҳнома,
Ҳамеша баски бувад тоби моҳтоб ба шаб.
Шаб аз мутолиаи мусҳафи рухат кардам,
Хуш аст бар ҳама кас хондани китоб ба шаб.
Мадор дасти умед ҳаргиз аз талаб, Саҳбо,
Ки ҳаст фурсату ҳангоми фатҳи боб ба шаб.

* * *

**Мувашшаҳи Мансурҷон**

**М**аро азбаски дил дар фикри он лаъли шакарханд аст,
Саросар туъмаамро метавон гуфтан, ки аз қанд аст.
**Н**а танҳо шавқам он рухсори гулгунат зи ҷо бурда,
Дили хунгаштаам дар чини гесӯйи ту пайванд аст.
**С**уроҳӣ баски дар базми тарабхези ту мерақсад,
Ба гирди маҳфили нози ту мастон банд дар банд аст.
**В**а аз даври ҷаъди мушкини ту бод, эй шаҳриёри Чин,
Димоғи ҷумла олам атрбезу мушкоганд аст.
**Р**асид аз новаки чашми ту захме бар раги ҷонам,
Ки, эй бедодгар, ин тундхӯӣ бо ту то чанд аст?
**Ч**ӣ сон дар парда дорам оташи ишқи ту, эй золим,
Ки рози ишқ бо расво шуданҳо сахт пайванд аст.
**А**гар дар ҷилва ояд қадду болои ту дар гулшан,
Зи ҳасрат сарв ҳамчун дона дар гул пой дар банд аст.
**Н**а Саҳбо худ бувад дар водии ишқи ту саргардон,
Сари абёти ӯ бо ҳарфи номат низ пайванд аст.

* * *

Боз сарви нози ман азми гулистон карду рафт,
Ҳоли зорам аз фироқи худ парешон карду рафт.
Ақлу ҳушу тоқату сабру қарор аз ман рабуд,
Дидаи ҳайронам аз ин ғусса гирён карду рафт.
Бе рухаш дил метапад шаб то  саҳар андар бадан,
Мулки ҷисмам аз ҷафову зулм вайрон карду рафт.
Ханҷари нозе, ки мезад бар дил он бедодгар,
Доғҳо бар синаи решам намоён карду рафт.
Ними ҷоне доштам дар тан дар айёми висол,
Ин тани афсурдаам аз ҳаҷр беҷон карду рафт.
Он қадар гаштам зи дарди ӯ гиребончоки ишқ,
Пайкарамро аз либоси сабр урён карду рафт.
Сӯхт сар то по зи ғам ин ҷисми роҳатдушманам,
Гӯиё оташ ба мағзи сина пинҳон карду рафт.
Бисмили теғи нигоҳи ӯям,эй аҳбоби ишқ,
Дар шаҳодатгоҳи ишқам бурду қурбон карду рафт.
Аз фироқи он бути бедодгар, Саҳбо, манол,
Ҳарчи бошад, бар мани дилхаста эҳсон карду рафт.

* * *

Ниҳод бар дилам аз ғамза оташ он бути маст,
Ниҳоли қоматам аз бори дарду ғуссаҳо бишкаст.
Илоҷи ташналабиҳои мо бад–он лаби лаъл
Накарду гардани ҷонро ба чини гесу баст.
Муқим з-ӯ ба ғамистони доғу ҳиҷронам,
Забони нола чу мӯ аз танам ҳазор бираст.
Агар зи ноз нишинад ба маснади шӯхӣ,
Кунад бутони ҷаҳонро ба хоки хоре паст.
На ман ба ҳалқаи он зулф дил ниҳодаму бас,
Ба фанни дилбарӣ он сарви ноз дорад даст.
Ҳаданги новаки ӯ синаам басе афсурд,
Зи ғусса субҳи маро шом карду гуфт, шаб аст.
Висол, агар ба хаёлам расад, ба вақти фироқ
Кунам ба кунҷи адам ҳамчу бахти хеш нишаст.
Ишорат аст ба ҳолам зи вазъи абрӯяш,
Ба ростқавлии он шӯх дил набояд баст.
Ҷудоӣ аз сари кӯяш маро чу Маҷнун кард,
Чӣ сон ба домани Лайлии худ расонам даст?
Ҳазор зулм ба Саҳбо намуду ҳеҷ накард
Тараҳҳуме зи сари лутфу меҳр он бути маст.

* * *

Чун қадат сарв ба гулзори ҷаҳон ҳаст, маро нест,
Ҳамчу абрӯйи ту дар даҳр камон ҳаст, маро нест.
Хизр аз чашмаи ҳайвон хабаре дошт, вале
Бо хатти Хизри ту з-он чашма нишон ҳаст, маро нест.
Кабк аз рашки хироми ту зи по мемонад,
Тарзи рафтори ту дар оби равон ҳаст, маро нест.
Бе ту ман сайри тамошои гулистон чӣ кунам,
Дидаам боз ба сӯйи дигарон ҳаст, маро нест.
Ғайри васфи қади мавзуни ту н-ояд ба хаёл,
Ҷуз ҳадиси лаби лаълат ба даҳон ҳаст, маро нест.
Ба ҳақиқат ту маро ҷонию ҳам ҷононӣ,
Бе ту дар ҷисми мани сӯхта ҷон ҳаст, маро нест.
Ман, ки аз дарду ғами ишқи ту хунҳо хӯрдам,
Бе ту аҳволи мани зор аён ҳаст, маро нест.
Шаби ҳиҷрони ту аз умри гаронмоя чӣ ҳаз,
Бе висолат ба тани хаста тавон ҳаст, маро нест.
Ба мазоқи дили Саҳбо зи лаби майгунаш
Оби ҳайвон ба ҳақиқат беҳ аз он ҳаст, маро нест.

* * *

Дилам аз ҳаҷри ту дар оҳу фиғон нест, маро ҳаст ,
Чашм аз ёди рухат ашкфишон нест, маро ҳаст.
Рӯям аз ҳасрату андӯҳи ту зард аст чу коҳ,
Қадам аз бори ғамат ҳамчу камон нест, маро ҳаст.
Субҳ то шом ду гӯшам шунавад шарфаи поят,
Рӯзу шаб дида ба роҳат нигарон нест, маро ҳаст.
Риштаи ишқи ту дар гардани дилҳо афтод,
Шӯри шавқат ба сари пиру ҷавон нест, маро ҳаст.
Шуд фурӯғи рухи зебои ту оламафрӯз ,
Нури чашми ту чу хуршед аён нест, маро ҳаст.
Қомати шӯх ба пироя ту зевар додӣ,
Ба тани нозукат он ҷома гарон нест, маро ҳаст.
Дилам аз ханҷари нози ту саропо хок аст,
Тири мижгони ту дар ковиши ҷон нест, маро ҳаст.
Дар хаёлам набувад ғайри таманнои висол,
Шавқи рухсори ту дар сина ниҳон нест, маро ҳаст.
Ҳама аз нағмаи ишқи ту ба ракс омадааст,
Сифати ҳусни ту дар тарфи ҷаҳон нест, маро ҳаст.
Хатти мушкини ту рашки суману ёсуман аст,
Қадди мавзуни ту чун сарви равон нест, маро ҳаст.
Тани маҳзуни ситамдидаи Саҳбои ҳазин,
Пеши тири нигаҳат ҳамчу нишон нест, маро ҳаст.

* * *

То ба сайри гулшан он сарви сиҳиболо гузашт,
Нолаи қумрӣ ҳам аз ин чархи сандалсо гузашт.
Баҳри побӯсаш ба ҳар сӯ баски кардам изтироб,
Аз ҳуҷуми шавқ ҳар соат сарам аз по гузашт.
Он қадар аз яъси матлаб оби хиҷлат рехтам,
Оби рӯям, к–аз шитоби рафтан аз дарё гузашт.
Сояи боли ҳумо бар фарқи ҳар ноаҳл нест,
Кори уқбо мекунад он кас, ки аз дунё гузашт.
Кай зи саъйи норасо бар авҷи матлаб мерасем,
Ҳар магас азми сурайё кард, аз анқо гузашт.
Фитрати пасти ман оё аз чӣ унсур кардаанд,
Ҳарфи берабтам бурун аз хотири доно гузашт.
Сози дилҳоро ба ғайр аз бехудӣ оҳанг нест,
Дар шабистоне, ки зикри он қамарсимо гузашт.
Соясон шуд пайкарам фарши қудуми нози ӯ,
Ҳамчу хуршеди ҷаҳон якборагӣ аз мо гузашт.
Дар ҳуҷуми яъс фикри роҳату меҳнат куҷост?
Нест тадбир он замон об аз сари Саҳбо гузашт.

* * *

Соғар шикасту нашъа париду шароб рехт,
Сад ҷӯйи хун зи дидаи ман ҷойи об рехт.
Шодӣ нуҳуфтааст рухи худ зи чашми ман,
Ин орзуи хуншуда дар моҳтоб рехт.
Қасри бадан зи ғуссаи кулфат хароб шуд,
Таъмири ишратам ҳама тарҳи хароб рехт.
Гулзори табъро гули бишкуфтае намонд,
Чун ғунча ғам ба синаи ман тарҳи хоб рехт.
Дар орзуи дидани дидори дӯстон,
Шаб то саҳар ду дидаи ман дурри ноб рехт.
Парвози рангам он қадар аз Каҳкашон гузашт ,
Дар мавҷи соям араќи офтоб рехт.
Барҷаста мисрае на ба девони табъи ман,
Ашкам зи ғусса бар сари ҳар фаслу боб рехт.
Шаккарфишонии пайи килкам намондааст,
Азбаски ғам ба пайкари ман изтироб рехт.
Санги ҷафо расид ба минои ишратам,
Саҳбо, зи ҷоми айшу нишотам шароб рехт.

* * *

То дар ин маърака он сарви равон омадааст,
Дилам аз шавқи ҷамолаш ба фиғон омадааст.
Эй дил, аз фитнаи он чашми ситамкеш манол,
Ин балоест, ки бар пиру ҷавон омадааст.
То ба кай даст ба домони висолаш нарасад,
Ки аз ин ҳодиса ҷонам ба лабон омадааст.
Нигаҳ афтод ба чоҳи ширин аз лағжиши по,
Чӣ латофат, ки бар он сарви равон омадааст.
Нуктаи мӯйи миёни ваю рамзи даҳанаш,
К-ин ҳадисест, ки бе шарҳу баён омадааст.
Гарна дар куштани мо шуд мижаю абрӯяш,
Бар сарам арчи ба он тиру камон омадааст.
Аз ҳуҷуми ғаму андӯҳи фироқаш охир
Ашксон хуни дил аз дида равон омадааст.
Иқди он луълӯи дандон ба чӣ тавсиф кунам,
Ки ба ҳангоми сухан дур ба даҳон омадааст.
Килки  тасвир ҷуз ин нақш наяст аз камараш,
Чӣ латофат, ки бар он тарзи миён омадааст.
Ҷоми Саҳбо ту дар ин базм бигардон, соқӣ,
Рангу бӯйи чаман аз оби равон омадааст.

* * *

Бастаам дилро ман, эй маҳваш, ба тори кокулат,
Нақди ҷонро мекунам акнун нисори кокулат.
Хуни ҳасрат мечакад шаб то саҳар аз дидаам,
Баски боз аст умрҳо дар интизори кокулат.
Ҳар дил аз сӯйи адам дар арсаи тан по ниҳад,
Мешавад охир дар ин саҳро шикори кокулат.
Мечакад оби ҳаёт аз лаъли ширинат мудом,
Медамад сунбул дамодам аз баҳори кокулат.
Сад ҷаҳон дилро ту, эй маҳрӯ, ба дом овардаӣ,
Нест ғайр аз иқди лаб-т имрӯз кори кокулат.
Шона зад машшота то бар он хами гесӯйи ту,
Оламе шуд мушкафшон аз ғубори кокулат.
Рӯзу шаб дар ҷустуҷӯи бурдани дил метапад,
З-ин сабаб ҳаргиз намебинам қарори кокулат.
Меравад ҳар сӯ дилам аз печутоби кокулат,
З-он ки дилҳо ҳаст андар ихтиёри кокулат.
Умрҳо, Саҳбо, асири тори мӯе гаштаам,
Ман намедонам, ки ӯ будаст тори кокулат.

* * *

Метапад ҷони ман аз бими камони абруят ,
З-он ки бар дил мерасад ҳар дам синони абруят.
Дар тамошогоҳи ишқ як дил бари суҳбат намонд,
Кай раҳад як тан дар ин ҷо аз нишони  абруят.
Ҳамчу мурғи нимбисмил пайкари ман метапад,
Бисмилистон аст олам дар замони абруят.
Мерасад санги ҷафо ҳар дам зи тоқи абруят,
Ин замон гардидаам ман нотавони абруят.
Реза-реза шуд танам аз шиддати гурзи ғамат,
Ё магар афтодаам аз осмони абруят.
Он назокатҳо, ки дар абрӯи шӯхат дидаам,
Ки ҳилоли ид гардад тавъамони абруят .
Донаи холе, ки андар гӯшаи чашмат нишаст,
Ё ки ҳиндузодае шуд посбони абруят.
Аз тағофулҳои абруят дилам хун гаштааст,
Ҷон бувад ҳам хаста аз тири камони абруят.
Ин қадар бедод бар Саҳбо макун, эй бевафо,
З-он ки бошад ҷисму ҷони ӯ аз они  абруят.

***

Маро нигору лаби ҷӯй дар баҳор хуш аст,
Суруди маҳфили ишрат дар обшор хуш аст.
Ба гашти боғ бути гулузор мебояд,
Зи баски сайру тамошои гул ба ёр хуш аст.
Чаман ғам аз дили маҳзун намебарад бе ёр,
Гулу назораи гулшан ба ғамгусор хуш аст.
Ба бода бе лаби ҷонон назокате набувад,
Ки даври ҷом ба он шӯхи гулузор хуш аст.
Таровате ба чаман нест бе табассуми гул,
Ки хандаи намакин бар лаби нигор хуш аст.
Чӣ хуррамӣ ба гулистону боғ бе шабнам,
Аз ин сабаб ҳама дам чашми ашкбор хуш аст.
Ба ман қаробаи май бе нигор нӯшидан
Ҳазор бор маро мурдан аз хумор хуш аст.
Ниҳам ба раҳ, ба дари кӯ-т чашмро то кай?
Садои кӯси аҷал ҳам зи интизор хуш аст.
Туро, ки ҳаст дуо дар забону дил, Саҳбо,
Макун ту сарф ба ҳар кас, ба шаҳриёр хуш аст.

* * *

Ҳусни дилҷӯйи ту, эй шӯх, зи бас бебадал аст,
Нақши ишқи ту ба лавҳи дили ман аз азал аст.
Талхкоми шаби ҳиҷрони туро рӯзи висол
Ношито аз лаби ширини ту қанду асал аст.
Ман, ки дар кулбаи ғам ҳеҷ касам ҳамдам нест,
Қади мавзуни ту, эй кош, маро дар бағал аст.
Ҳаст накди дилу ҷон бар кафам андар талабат,
Сад чунин моя ба пеши ту, вале бемасал аст.
Бидеҳ инсоф, ки ҷуз пойи хуму гӯшаи даҳр
Ба куҷо манзили беранҷу ғаму бехалал аст.
Масали орази рахшони ту бар ҳалқаи зулф,
Ҳамчу хуршеди ҷаҳонтоб ба бурҷи Ҳамал аст.
Хок шуд пайкару умеди висолест ҳанӯз,
Лутф бинмо, ки маро ин ҳама тӯли амал аст.
Ҳайф бошад ба ту, эй шӯх, бад -ин зебоӣ,
Ҳамдаму ёри ту ин шумрақиби дағал аст.
Баҳри тавсифи рухи меҳрфиребаш, Саҳбо,
Доимо табъи ман омодаи байту ғазал аст.

* * *

Қиблаву меҳроби ман рӯйи туву абруйи туст,
Дар ҳақиқат Каъбаам тавфи ҳарими кӯйи туст.
Ломи лаббайкам бувад ҳарфе зи лаъли дилкашат,
Ҳарчи гӯям,ҷумла васфи орази дилҷӯйи туст.
Ёди эҳроми висолат мебарад аз худ маро,
Мекашад бо хештан ҳар сӯ маро, гесуйи туст.
Оташи ишқам нагардад паст аз борони ашк,
Ин ҳама хосияти оташмизоҷ аз хӯйи туст.
Ҷилвае фармо, ки дилҳо дар тамошо моил аст,
Ноз камтар кун, ки ҷон дар иштиёқи рӯйи туст.
Накҳати хуш дар машоми ман гар аз ҳар сӯ расад,
Аз камоли шавқ пиндорам, ки он аз бӯйи туст.
Гарчи Саҳбои ҳазин вомонда шуд чун нақши по,
Лек дар ҳар ҷо ки мебошад, ба ҷустуҷӯйи туст.

* * *

Моро ҳавои дидани рӯйи ту дар сар аст,
Рафтан ба сӯйи Каъбаи кӯят муқаррар аст.
Ҳаргиз фалак муроди дили дӯстон надод,
Шавқат вагарна бар дили ман шаҳду шаккар аст.
Чарх аз чӣ дур мефиканад  ҳамдамон зи ҳам,
Аз зулми ӯ ба синаи аҳбоб ханҷар аст.
Гар раъйи осмон набувад бар ҷафои мо,
Баҳри чӣ сӯйи ман гузари дӯст камтар аст?
Шаб дар хаёли рӯйи туам хоб даррабуд,
Дидам ба хоб рӯ-т маро дар баробар аст.
Эй кошки ҳамеша ба хоб умр мегузашт,
Маъюси васлро ҳама дам хоб беҳтар аст.
Дар интизор мегузарад рӯзу шаб маро,
З-ин рӯ ҳамеша чашми мани зор бар дар аст.
Кай бошад он замон, ки ба ҳам рӯ ба рӯ шавем,
З-ин орзу ҳамеша хаёлам мукаддар аст.
Чашмам барои дидани рӯйи ту мепарад,
Бе дӯстон ҳамеша маро дидаҳо тар аст.
З–ин чархи бадшиор чӣ гӯям, чӣ дам занам,
Камтар ҷафои ӯ ба қиёмат баробар аст.
Ин абрҳо зи дуди дили мост заррае,
Ин офтоб аз оташи дил камтарахгар аст.
Эй дӯст, ҳарчи ҳаст ту чашми карам мапӯш,
Айшу нишоту кулфати Саҳбо муқаддар аст.

* * *

Қиёмат мекунад ҳар лаҳза бар ман тарзи ҷавлонат,
Ҳазорон ишва резад ҳар дам аз сарви хиромонат.
Либоси нозҳо низ бар саропойи ту зебо шуд,
Чакад оби назокат ҳар замон аз лаъли хандонат.
Агар бар хоки ман аз ноз, эй маҳрӯ, хиром орӣ,
Зи ҷо бархезаму чун гард овезам ба домонат.
Ҷафо то чанд аз дарди фироқат мекашам,ҷоно,
Қабо шуд ҷомаи сабру сукун аз дасти ҳиҷронат.
Аз он рӯзе, ки аз базми висолат дур афтодам,
Парешон хотирам бошад, ки чун зулфи парешонат.
Нависам номае аз хуни дил бо хомаи мижгон,
Фиристам ҳамраҳи пайки сабо сӯйи шабистонат.
Набошад ҷуз хаёли орази моҳи ту Саҳборо,
Ки бошад кулбааш равшан зи ёди меҳри рахшонат.

* * *

Муждае аз ман бибар, эй пайк, андар кӯйи дӯст,
Руқъаи беҳосили моро расонӣ бар сӯйи дӯст.
Бӯса зан бар остонаш бо ҳазор умеду бим,
Баъд аз он шав бо ҳазор одоб рӯ бар рӯйи дӯст,
Номаи моро расону арзи ҳоли мо бикун,
Гар ту худ ҷо ёфтӣ бар суҳбати дилҷӯйи дӯст.
Гӯ, ки ҳоли зори ӯ аз бекасӣ маҷрӯҳ шуд,
Рӯзу шаб хун мехӯрад дар орзуйи бӯйи дӯст.
Ҳар дам аз ёди висолат меравад аз хештан,
Печутобе мехӯрад ҳар лаҳза чун гесуйи дӯст.
Аз ғаму дарди ғарибӣ он қадар маҷрӯҳ шуд,
Пайкараш аз ҳаҷр лоғар гашта ҳамчун мӯйи дӯст.
Аз заифию низорӣ шуд кунун чун хоки раҳ,
Эй сабо, раҳме куну ӯро расон аз бӯйи дӯст.
Ашки ҳасрат мечакад аз дидааш ҳар субҳу шом,
Ин замон бо ӯ намеояд хабар аз сӯйи дӯст.
Умрҳо шуд нола месозад зи дарди бекасӣ,
Баски умре шуд, ки дур афтодааст аз кӯйи дӯст.
Ахтари толеъ ба он маҷрӯҳ намесозад мадад,
То шавад як лаҳза он афтода ҳамзонуйи дӯст.
Кай шавад рӯзе, ки бо аҳбоб биншинад даме,
Ҷоми шодӣ нӯшад ӯ аз суҳбати дилҷӯйи дӯст.
Шарҳ созад дарди дурию ғарибӣ сар ба сар,
Арзи ӯ шояд мувофиқ ояд андар хӯйи дӯст.
Хуш замон он гаҳ ки бо аҳбоб биншинад касе,
Дидаро равшан кунад аз наргиси ҷодуйи дӯст.
Бода бе аҳбоб аз тарёк бошад талхтар,
Кай шавад моро муяссар ҷом рӯ бар рӯйи дӯст.
Оҷизиҳои туро, Саҳбо, магар нашнидаанд,
То ки бифристанд сӯят руқъае аз сӯйи дӯст.

* * *

Аз ту расми бевафоиҳо ба олам мондааст,
Аз мани зори ҳазин як чашми пурнам мондааст.
Бас ҳуҷум овард ишқат бар сари шӯридаам,
Хотирам чун ҳалқаи зулфи ту дарҳам мондааст.
Чашми шӯхи фитнаангези сияҳат чун дидаанд,
Дидаи оҳу зи ҳайронӣ ҳам аз рам мондааст.
Парваридам умрҳо дар пардаҳои дил ғамат,
Дил саропо об шуд, аз вай кунун ғам мондааст.
Баски умре ранҷи бефоида диданд аз бутон,
З-ин сабаб як нукта аз Соиб муқаддам мондааст:
Эй, ки мегӯӣ, гурезонӣ зи суҳбат аз чӣ рӯ,
Дар бисотам умри зоеъ карданӣ кам мондааст.
Он бути ноошно, Саҳбо, зи нозу дилбарӣ
Аз намак дар синаи маҷрӯҳ марҳам мондааст.

* * *

Ҷаҳон, ки бо ҳама вусъат ба чашми ман танг аст,
Ки зиндагӣ ба чунин ҳол бас маро нанг аст.
Кашидаанд зи ман ёру дӯстонам дом,
Ба роҳи омадушуд пояшон кунун ланг аст.
Намуда ахтари масъуд рух зи ман ниҳон,
Ки бахти гашта ба ман умрҳост дар ҷанг аст.
Ба зарби путки ҳаводис нагаштаам фонӣ,
Магар, ки пайкарам аз оҳан асту аз санг аст.
Либоси толеи ман аз ҳаводисоти фалак,
Ки ҳар дақиқа ба як сурат асту якранг аст.
Ба асли гавҳари худ гарчи гавҳаре дорам,
Вале чӣ суд, ки теғам фасонаи занг аст.
Ғазалсароии ман кам зи ҳеҷ кас набуд,
Дар ин замона чӣ созам, ки қаҳти фарҳанг аст.
Ба пеши ҳиммати ман баҳру кон бувад яксон,
Ба назди дониши ман сахту суст якранг аст.
Гаҳи масоф натобам рух аз набарди касе,
Агарчи хасм чу деви сафеду арҷанг аст.
Ба бӯстони хаёлам ҳазор ранг бувад,
Ки сафҳаи дили ман коргоҳи Аржанг аст.
Чӣ бим, аз он ки аду таънаҳо ҳамезанад,
Ки кӯҳро чӣ тафовут зи бориши санг аст.
Зи жожхонии ноаҳл қадр кам нашавад,
Миёни олиму ҷоҳил ҳазор фарсанг аст.

* * *

Қоматам аз бори ҳиҷрони ту охир хам гирифт,
Ранҷи ишқат ҷисми зорамро ба бар маҳкам гирифт.
Лаб агар аз бодаи васли ту ҳар кас тар кунад,
Сар ба сар юмну шараф аз даври ҷоми Ҷам гирифт.
Як назар дидам ғизоли чашми ҷодуи туро,
Ақлу дониш ҳамчу ваҳшӣ аз мизоҷам рам гирифт.
Ҷаннату ризвон ба нархи гандуми холат фурӯхт,
Тинати маҷбурам ин мерос аз Одам гирифт.
Абрҳо сад дастгоҳи Даҷлаfor дар рӯзи ҳаҷр
Дар яке соат зи баҳри дидаи пурнам гирифт.
Нағмаи ишқат нишоторои базми ошиқ аст,
Маҳфили мо бас ривоҷ аз савти зеру бам гирифт.
Туъмаи Саҳбо намебошад ба ғайр аз хуни дил,
Коми худ ҳар кас ба якрангӣ аз ин олам гирифт.

* * *

Он ёри паричеҳра надонам, ки куҷо рафт?
Чун рӯҳ ба як чашм задан аз бари мо рафт.
Ӯ рафт, бирафт аз дили хунгашта сабурӣ,
Ӯ рафт, ҳам аз дидаи мо нуру зиё рафт.
Ӯ рафт, бирафт аз тани бемор тавонам,
Ӯ рафт, ҳам аз синаи мо ранги сафо рафт.
Эй моҳи мунаввар, зи чӣ рафтӣ ту аз ин бурҷ,
Чун рафтӣ ту, аз маҳфили аҳбоб ҷило рафт.
Рафтӣ туву аз рафтанат, эй моҳи ҷаҳонгард,
Ҳангоми ҷафо омаду айёми вафо рафт.
Сад ҳасрату андуҳу дусад нолаву афғон,
Андар сари мо бе ту аҷаб дарду бало рафт.
Саҳбо, чӣ ситезӣ ту бар ин гардиши айём?
Ҳар ҷо бути мо рафт, ба тақдири Худо рафт.

* * *

Бо ишва ту меоию халқе зи қафоят,
Эй сарви равон, бин, ки чӣ шӯрест бароят.
Гар даст диҳад, хоки қудуми ту бибӯсам,
То ҳашр нагирам сари худ аз кафи поят.
Ҳарчанд ки ҷавру ситаму зулм намудӣ,
Масруф бувад рӯзу шаб умрам ба дуоят.
Ҳарчанд шикастаст ғамат болу парамро,
Мурғи дили ман мепарад умре ба ҳавоят.
Ҳарчанд ҷаҳон пур бувад аз шӯхмизоҷон,
Маҳбуби дилу дидаи ман ҳаст савоят.
Ҳар ҷо ки равӣ, дар тарафи лутфу карам бош,
Бодо ба ҳама ҳол нигаҳдор Худоят.
Хуш он ки шавам маҳрами рози ту шаби васл,
Гар даст диҳад, боз кунам банди қабоят.
Минбаъд Худоро караме кун, ки аз ин беш
Дидем басе ҷавру кашидем ҷафоят.
Магзар зи сари лутф, ки дар шаҳри муҳаббат
Шоҳаншаҳи ҳуснӣ туву Саҳбост гадоят.

* * *

Манам мафтуни чашми фитнаҷӯят,
Асири доми зулфи мушкбӯят.
Зи по то сар хароби сарви қаддат,
Зи сар то пой маҳви меҳри рӯят.
Зи шаб то рӯз, эй маҳ, зору ҳайрон,
Ба ҳар сӯ медавам дар ҷустуҷӯят.
Дилу идроку ақлу ҳуши ошиқ,
Гирифтор аст дар ҳар тори мӯят.
Чунон гардидаам муштоқи ҳуснат,
Давам ман бехуду сармаст сӯят.
Ба сад шӯру фиғон аз субҳ то шом,
Бигардам ҳамчу саг бар гирди кӯят.
Саломат кардаму дашном додӣ,
Аҷоиб нозук афтодаст хӯят.
Шудам хоку нарафт аз тинати ман,
Ҳанӯз, эй шӯх, нақши орзуят.
Бувад то даври базми ишқ барпо,
Мабодо холӣ аз саҳбо сабӯят.
Зи ранҷу меҳнати хуммор доим
Бувад муштоқ Саҳбо дар сабӯят.

* * *

Аз карам ҳоли дил он ёр намепурсад ҳеч,
Хун шуданҳои дили зор намепурсад ҳеч.
Мезанад тири ҷафо дам ба дам ӯ бар дили ман,
Захми ҷони мани бемор намепурсад ҳеч.
Сад ғам аз дурии ӯ бар мани маҳзун омад,
Хок гардидаму як бор намепурсад ҳеч.
Хонаи сабри маро сели ғамаш кард хароб,
Ҳоли ман он бути уззор намепурсад ҳеч.
Сӯхт дар оташу хокистари ман дод ба бод,
З-ин фаногаштаи афгор намепурсад ҳеч.
Мечакад дар раҳи ӯ об зи чашми тари ман,
Ҳоли ин дидаи хунбор намепурсад ҳеч.
На маро хобу на танро зи фироқаш таскин,
Маст меояду дилдор намепурсад ҳеч.
Чӣ ҷафоҳо, ки ба ман з-он бути бераҳм гузашт,
Аз ғаму дарди шаби тор намепурсад ҳеч.
Рафтам аз хеш ман аз нашъаи Саҳбои висол,
Сархушам он бути хаммор намепурсад ҳеч.

* * *

Қабилаи дилу ҷон кард ишваат тороҷ,
Фурӯғи ҳусни ту ойини ишқ дод ривоҷ.
Лаболаб аст зи чашми ту соғари мастӣ,
Саводи дидаат аз ранги сурма гирад боҷ.
Яқин, ки ҷаъди хам андар хамат зи чини шикан
Ҳазор таъна занад бар тасалсули амвоҷ.
Ҷаҳон зи шавкати ҳуснат гирифт зебу фар,
Расид аз ту кунун қадри ҳусн дар меъроҷ.
Агар ба ишваву нозу карашма бихромӣ,
Хиҷил зи гашт шавад кабк аз рави дурроҷ.
Ниҳодаанд ба назди ту дилбарон сари аҷз,
Фикандаанд ба пеши ту шаҳсаворон тоҷ.
Ба ҳар куҷо ки нигоҳи ту тир бикшояд,
Дили шикастаи Саҳбо дар ӯ бувадо тоҷ .

* * *

Зиҳӣ, зулфат, ки кори нофаи тотор месозад,
Гули рӯйи ту нусха аз гули гулзор месозад.
Лабат бар тунги шаккар дарси ширинӣ диҳад таълим,
Нигоҳат фитнаи хобидаро бедор месозад.
Кунад сад таъна ҳар дам гесӯят бар сунбулу райҳон,
Рухат аз шаҳри хубӣ меҳрро бекор месозад.
Ду абрӯят бувад ду мисраи барҷастаи мавзун,
Хатат аҳкоми қатли ошиқон такрор месозад.
Саводи кокулат зад сурма бар чашми шаби ялдо,
Қадат бар сарв машқи нуктаи рафтор месозад.
Ба қонуни адофаҳмӣ чунон табъат бувад моил,
Ба ҳар кас ишваат сад ваъдаи дидор месозад.
Даҳони нозукат бар ғунча роҳи ханда мебандад,
Гулистони ҷамолат синфи гулро хор месозад.
Ба ҳангоми саҳар умре дили булбулнавойи ман,
Ҳадиси хубии ҳусни туро такрор месозад.
Ҳар он кас нашъаманди ҷоми Саҳбои висолат шуд,
Куҷо майле ба сӯйи бодаи гулнор месозад.

* * *

Меҳри рухсори ту бар ҳар дил, ки маскан мекунад,
Як ҷаҳон нурон ҳуҷуми шавқ хирман мекунад.
Боғбони даҳр умре баҳри фарши мақдамат,
Ҳар баҳор аз абри найсон сабза гулшан мекунад.
Осмон ин машъали хуршеду маҳро рӯзу шаб,
Дар таманнои ту умре шуд , ки равшан мекунад.
Баски дорад оташи шавқи ту дар дилҳо асар,
Барҳаман васфи ту дар атрофи гулхан мекунад.
Мезанад бар ҳарду олам такя бар садри шараф,
Ҳуллаи меҳри туро нагсаста бар тан мекунад.
Ғарқи тӯфони ҳаводис мешавад дар ҳарду кавн,
Он ки паймони туро азми шикастан мекунад.
Мезанад мастона по дар сафҳаи боғи ҷинон,
Ҳар кӣ аз гулзори лаълат гул ба доман мекунад.
Ҳар кӣ дар бозори ишқат нақди ҷон орад ба каф,
Суд аз ин савдо яқин медон, ки безан(н) мекунад.
Умрҳо шуд маҳфилорои маонӣ гаштаам,
Ғам махӯр, Саҳбо, ки охир чашм бар ман мекунад.

* * *

Ҳуққаи лаълат гар аз мавҷи табассум во шавад,
Сад чаман ранги малоҳат он замон пайдо шавад.
Аз таби ишқат зи бас дар нотавонӣ хуфтаам,
Метавонад пайкарам ҳамбистари анқо шавад.
Ҷуз садои яъс аз шӯри шикасти дил нахост,
Ҳар қадар санги ҷафоҳоят бад-ин мино шавад.
Як сари мижгон агар шӯхӣ барад чашмат ба кор,
Рамзи сад майхона дар ҳар анҷуман пайдо шавад.
Мардуми чашмам ба шоми ғам зи бас дар хун нишаст.
Дар канорам ҳар замон ранги шафақ дарё шавад.
Рафтию сабр аз дилу ҳушу хирад рафт аз сарам,
Бар сарам ҳар дам зи савдои ту сад ғавғо шавад.
Он хами гесӯи мушкинат зи боди субҳдам,
Сунбулосо ҳар замон бар орази гул во шавад.
Дар камин сад фитна дорад чашми кофиркеши ту,
Оҳ, аз ин бераҳмӣ, гар бар ғорати дилҳо шавад.
Ҷилва дар ҳар ҷо ки сарви қоматат орад ба ёд,
Баҳри исори қудумат нақди ҷон пайдо шавад.
Абрӯйи мардафканат аз ғамза резад хуни дил,
То кай ин ҷавру ҷафоҳоят ба ҷони мо шавад.
Нест дар майхонаи ишқат сазо ҳар беҳунар,
Ҷӯшише пайдо кунад он кас, ки то Саҳбо шавад.

* * *

**Мувашшаҳи Муллобаротҷон**

**М**астии чашми ту азбас ғорати майхона кард,
**Я**к ҷаҳон махмури базми ишқро девона кард.
**Л**оласон доғи диле дар сина пинҳон доштам,
Ранги зардам оқибат изҳори ин афсона кард.
**О**н қадар шамъи ҷамолат равшанӣ дар кор дошт,
Оламеро сӯхт андар оташу парвона кард.
**Б**аски сарви қоматат кард ишваомӯзӣ ба ноз,
Сад ҷаҳон муштоқро аз ақлу дин бегона кард.
**Р**афтани ҳуш аз хиромат он қадар боло гирифт,
Зуҳраро охир фиғону нолаам девона кард.
**О**н қадар зинат дар он зулфи суманбӯ хуфтааст,
Дасти зебу зинати машшота ор аз шона кард.
**Т**о нигоҳат фитна дар кори дили девона дошт,
Тан басе афсурду ҷон ҳам тарки ин вайрона кард.
**Ҷ**аври ҳиҷрону ҷафоҳои ту, эй Лайлӣ, маро
Ҳамчу Маҷнун оқибат берун аз ин кошона кард.
**О**нчунон чашм аз саводи ранги холат сурма ёфт,
Рушноӣ сар ба сар дар дидаи ман хона  кард.
**Н**омаи Саҳбо, ки унвонаш саросар номи ӯст,
Ҳар кӣ дид ин номаро, ташхиси ин  афсона кард.

* * *

Наврӯз шуд, шукуфа сар аз хок  баркашид,
Гул ҳуллаҳои сурхи шафақгун ба сар кашид.
Бишкаст сабза қадри зумуррад ба обу ранг,
Сунбул шикан ба зулфи баён сар ба сар кашид.
Савсан забон ба васфи гулистон дароз кард,
Наргис ба тарфи боғ ба ҳар сӯ назар кашид.
Бар даври боғ ҷилвае, ки ҳамчу он насим,
Гӯё зи баҳри зеби қазову қадар кашид.
Шабнам мудом гӯши баноти наботро
Аз донаҳои лӯълӯву фирӯза зар кашид.
Холе магар ба орази гулзор боғбон
Гӯё ки аз бунафшаву аз нилфар кашид.
Ашҷорҳо ба саҳни гулистон ба ҳар тараф
Сад боғи баргу бар ба сари шох баркашид.
Булбул ба шодию тарабу ишрату сурур,
Рахти бисоти хеш ба гулзор даркашид.
Чун сорҳои дер ба шавқу ба аҷди том
Дар ишқи гул таронаи дилсӯз баркашид.
Саҳбо, агар ба гулшани олам ту бингарӣ,
Наққоши сунъ бар рухи ҳар гул асар кашид.

* * *

Бути Чину Чигил аз ҳусни он маҳ гар хабар дорад,
Ки доим чун магас дасти тағобунҳо ба сар дорад.
Саропо пайкарам афсурда гардид аз ҳуҷуми ғам,
Ҳанӯз он бевафо дар набзи ҷонам нештар дорад.
Дар айёми висоли ӯ мазан фоли таносоӣ,
Замони васл ҳам чун нашъаи май дарди сар дорад.
Савори нолафарсо то кадомин ҷода бинмояд,
Ки роҳи ишқ дар ҳар по ниҳодан сад хатар дорад.
Зи оҳи оташину ашки хунин огаҳ аст, аммо
Чаро ӯ бо рақибон майли хотир бештар дорад.
Ба ҳиҷронаш чунон шахси вуҷудам шуд наҳиф аз ғам,
Ки ҳар сӯ бод ин ҷисми маро чун коҳ бардорад.
Тапидам, нола кардам, об гаштам, хок гардидам,
Пайи қатлам ҳанӯз он шӯх ойини дигар дорад.
Маро аз изтироби шахсии хуршед медонанд,
Ки ӯ аз ҳусни ҷонсӯзи бути ман як асар дорад.
Бад-ин афсурдагӣ аз ахгари мо ҳам машав ғофил,
Ту бингар, мавҷи Саҳбо оташе дар зери пар дорад.

* * *

Қубҳатободи ҷаҳон бе ӯ ба чашмам танг шуд,
Чун шарар, то дида во кардам, шикасти ранг шуд.
Судани пешонии аҷзам ба хоки мақдамаш,
Ин хамӯшӣ оқибат ҷавлонгаҳи оҳанг шуд.
Фоли таслиме, ки з-он вазъи хами абрӯ задам,
Ин таманно шишасон охир насиби санг шуд.
Сайри ин гулзор бе рӯяш чӣ меорад маро?
Ҷилва, то аз по нишаст, оинаи мо ранг шуд.
То нашуд таҳрики мижгон боисе сӯйи нигаҳ,
Дар тамошогоҳи ӯ  наззораи оҳанг шуд.
Баски охир дар раҳи ишқаш ҷунунпаймо шудам,
Орзу хун гашт дар ҳар манзилу фарсанг шуд.
То шудам савдоии мӯйи миёни нозукаш,
Дам ба дам сози вуҷуди ман  адамоҳанг шуд.
Аз дами оҳе, ки дар ишқаш раҳо месохтам,
Хомӯшӣ тарҳи иқомат рехт, то дилтанг шуд.
Гарчи аз мо ҷон рабояд ҷилвааш дар ҳар адо,
Додани ҷон пеши Хизри хатти ӯ найранг шуд.
Соясон, то ҳар куҷо, Саҳбо, ба ёдаш меравам,
Тирабахтӣ ҳаминони ман ба ҳар фарсанг шуд.

* * *

Ёди рухсорат зи дил сабру зи сар ҳушам рабуд,
Чашми бадмастат дари бедод бар рӯям кушуд.
Аз висолат даври субҳам шому аҳволам хароб,
Инчунинам сохтӣ, ҷурми мани маҳзун чӣ буд?
Дар диёри ғурбат аз ҳаҷрат наёсудам даме,
Баски шаб то рӯз дил дар ёди рухсори ту буд.
Гуфта будам, бе ҷамолат ҷон маро даркор нест,
Ҷон чӣ бошад, дину дунё ҷумла қурбони ту буд.
Он қадар ин ҷисми зорам аз ғамат афсурда гашт,
Ҳамчу нақши сода бар ман ҷунбиши мижгон набуд.
Рух намудӣ бо ҳазорон ишва, дил бурдӣ зи ман,
Бедилеро хаста кардан, худ бигӯ, кеши кӣ буд?
Аз қади мавзуни дилҷӯйи ту сайри гулситон,
Барг-барги хешро чун дафтари хиҷлат кушуд.
Пой то сар з-оташи ҳаҷри ту аъзоям гудохт,
Нест пайдое вуҷудамро ба ғайр аз мавҷи дуд.
Дидаамро сурма кай равшан кунад, эй гулъузор,
Ҷуз кафи хоке, ки нақши пойи гулгуни ту буд.
Аз лаби майгуну чашми фитнаангези ту дил
Ҳамчу мурғи нимбисмил дар бадан бетоб буд.
Шоҳи хубонию аммо бар гадоён раҳм ор,
Подшоҳонро карам бар бандагони зинда буд.
Ранги Саҳбо сар ба сар аз лаъли майгунат шикаст,
Тарҳи сад майхонаро дар як табассум дода буд.

* * *

Чу Одам ба хулди барин ҳам намонад,
Бад-ин зиндагӣ бар замин ҳам намонад.
Сулаймон куҷо рафту тоҷу нигинаш,
Нигин чист, нақши нигин ҳам намонад.
Хате баҳри қатли асирон навиштӣ,
Ки ин мустамандон чунин ҳам намонад.
Сар аз хоб бардору фикри сафар кун,
Чу дӣ рафт,  рӯзи пасин ҳам намонад.
Ба чашми тааммул дар ин боғ бингар,
Чу гул рафт, булбул ҳазин ҳам намонад.
Ҷаҳон чун ҳубоб аст бар рӯйи обе,
Ки ин коргоҳ инчунин ҳам намонад.
Макун нуктадонию нозукбаёнӣ,
Ки як нуктаи дилнишин ҳам намонад.
Қадаҳсубҳии базми Саҳбо талаф шуд,
Ки ин базми ишратгузин ҳам намонад.

* * *

Манеҳ ҷом аз каф, ки Ҷам ҳам намонад,
Ғам аз дил бадар кун, ки ғам ҳам намонад.
Макаш ранҷ аз буду нобуди олам,
Ба даҳр он чӣ беш аст, кам ҳам намонад.
Машав маҳви ин сози аблаҳфиребӣ,
Дар ин парда зер аст, бам ҳам намонад.
Бикаш ҳамчу анқо сар аз хатти оҳаш,
Ки ҷуз ном ин ҷо рақам ҳам намонад.
Гар аз шамъ парвона маҳви фано шуд,
Ки ин шамъ то субҳдам ҳам намонад.
Зи чашм ашки тар ҳамчу селоб пур  кун,
Шуд он дам, ки дар дида нам ҳам намонад.
Ҳавои зару сим аз сар бадар кун,
Чу маъдан динору дирам ҳам намонад.
Ҳарифон, к-аз ин базм рафтанд, Саҳбо,
Туро чархи гардон дижам ҳам намонад.

* * *

Ҳама ба ид бувад шоду ман зи ёр баид,
Чу ман зи ёр ба идам маро чӣ кор баид.
Хамид қоматам аз бори ҳаҷр ҳамчу ҳилол,
Гудохт пайкарам аз суду интизор баид.
Ҳинои дасти ман аз ранги ашк гулгун аст,
Ки бастаам зи ғамаш баски бешумор баид.
Бишуд либоси ман аз ранги хуни дил гулгун,
Баид гаштаам азбаски з-он нигор ба ид.
Агар чу ҷомаи идӣ ба сар кунад он шӯх,
Шавам баид зи таскину в-аз қарор баид.
Ба ид агар гузарад он бути ҳилолабрӯ,
Қиёмате кунад аз ишва ошкор ба ид.
Чу айби омият аз чашми бад ситам макун,
Карам намову аз ин ғуссаам барор ба ид.
Агар чу ид ба дасти касе наёяд зар,
Шавад ҳамеша баид аз нишоту хор ба ид.
Ба ид чашм зи Саҳбои дилфигор мапӯш,
Макун ба ваъдаи фардояш интизор ба ид.

* * *

Мекунад айёми васлатро дили ношод ёд,
Гӯ, биё, дидори Ширин мекунад Фарҳод ёд.
Чашми мастат медиҳад бар ишва доим дарси ноз,
Ҳамчу бар шогирди худ дарсе диҳад устод ёд.
Зулфи мушкинат зи хубӣ қадри сунбулро шикаст,
Илми мавзунӣ диҳад қадди ту бар шамшод ёд.
Он чӣ бар ҷони ман аз тири нигоҳат рафтааст,
Як дам, эй номеҳрубон, кун он ҳама тадбир ёд.
Бӯйи ҷонафзо дамодам бар машомам мерасад,
Муждаи кӯйи ту моро медиҳад ин бод ёд.
Аз дилу в-аз ҷону аз ёдам ҷамолат дур нест,
Дар раҳи ишқи ту гардад ҷону дил барбод ёд.
Ҷисми Саҳборо ту андар оташи ғам сӯхтӣ,
Аз карам ҳаргиз насозӣ аз мани ношод ёд.

* * *

То аз он гул муждае сӯйи мани шайдо расид,
Ҳамчу булбул нолаам бар чархи сандалсо расид.
Мезадам об аз ду чашми хунфишон дар роҳи ӯ,
То ба сарвақти ман он ҳури малаксимо расид.
Карда он Фарҳоду Маҷнун тай биёбони ҷунун,
Ҳуш дор, эй дил, ки навбат ин замон бар мо расид.
Сӯйи базми мо магар меояд он сарви равон,
Баҳри истиқболи ҷон имрӯз бар фардо расид.
Маҳфили мо гашт, то равшан зи нури оразаш,
Кӯси ишрат дам ба дам аз гунбази мино расид.
Куштаи тири нигоҳаш  гашта будам умрҳо,
Баҳри эҳсони тани афсурдаам Исо расид.
Сад гулистон гулбуни шодӣ ба ҳар соат дамид,
Ҳар куҷо аз ишваву ноз он гули раъно расид.
Гарчи аз хони қазо ҷуз ғам насиби мо нашуд,
Қатрае аз ҷоми ишқи ӯ ба коми мо расид.
Ҳамчу ман махмур дар майхонаи ишқаш куҷост?
Дам ба дам санги  ҷафо бар соғари Саҳбо расид.

* * *

Дар фироқат аз заифӣ тобу фарёдам намонд,
Сурати фарёду нақши нола дар ёдам намонд.
Он қадар дар ҳасрати рӯйи ту хунҳо рехтам,
Қатрае акнун ба чашми ҳайратободам намонд.
Баски дар васфи даҳонат рамзҳо кардам рақам,
Дастгоҳи як  сухан дар табъи ношодам намонд.
Ончунон дар оташи ишқат фано гардидаам,
Як асар дар сафҳаи олам зи бунёдам намонд.
Пешаи қатъи биёбони ҷунун моро набуд,
Лек расму мазҳаби Маҷнуну Фарҳодам намонд.
Баски ҳайрат дар мизоҷи ман ҳуҷум овардааст,
Он фиғону нолаву он доду бедодам намонд.
Хостам дар маҳфили васли ту бидҳам доди айш,
Чархи ишрат душмани бадмеҳр дилшодам намонд.
Расму роҳи ишқбозиро ман эҳё мекунам,
Дар ҷаҳон лекин ба роҳи ишқ ҳамзодам намонд.
Ончунон, Саҳбо, аз ин маҳфил ҳарифон рафтаанд,
Дар гулистони ҳақиқат ранги як одам намонд.

* * *

Ҳар куҷо қиссаи ишқи ману ту мехонанд,
Шарҳи ҳусни туву муштоқии ман медонанд.
Кунад авсофи саропойи ту донишмандон,
То расидан ба даҳону лаби ту натвонанд.
Ба чӣ сон Монию Беҳзод кашанд нақши қадат,
Ки ба тасвири миёнат ҳама дам дармонанд.
Чашму абрӯи ту ҳар лаҳза ба як ишваю ноз,
Дилу ҷонро зи тани хастаи ман бистонанд.
Орази моҳу рухи меҳри ту, эй, гулшани ҳусн,
Ҷумла дар нозукию хубии ту бурҳонанд.
Кас нахоҳад, ки ба домони ту биншинад гард,
Об дар раҳгузарат дидаварон афшонанд.
Кист он қавм, ки Лайлӣ ба ту нисбат бикунад,
Гар бисозанд ҳамон қавм, аҷаб нодонанд.
Написандам, ки кафи пойи ту дар хок расад,
Кош, дар дидаи мо сарви қадат библшонанд.
Гар ба майхонаи ишқи ту дарояд Саҳбо,
Сар ба сар хуфта бубинад, ки ҳама мастонанд.

* * *

Ба чашмат чашми ман чун чашми мардум чор мегардад,
Ба чашмам ғайри чашмат ҳамчу чашми мор мегардад.
Хушо чашме, ки дар чашми ту ҳайрон шуд чу чашми ман,
Ба чашмат чашм чун чашме фитад, бемор мегардад.
Ба чашми фитна чашмак мезанад ҳар дам ду чашми ӯ,
Ба чашмам чашм агар чашмак занад, хунбор мегардад.
Агар чашме ба чашмат ғайри чашмам во шавад як дам,
Ба чашмат чашм во шуд, чашми ман хунбор мегардад.
Ба чашмат чашм агар афтод, равшан шуд чу чашми ман,
Ба чашмат чашм афтад, чашми вай анвор мегардад.
Чу чашмони ту чашме дар ҷаҳон тобад ба чашми ман,
Ба ҷуз чашмат ба чашмам чашмҳо бекор мегардад.
Ба чашмат чашмҳо чун чашми Саҳбо худ фидо бодо,
Зи чашме чашм агар пӯшӣ ту, чашми чор мегардад.

* * *

Иди Қурбон дили маҳзуни туро шод кунад,
Хотиратро ҳама аз қайди ғам озод кунад.
Айшу шодӣ ба шабу рӯз рафиқат гардад,
Маҳфили нози туро Ҳақ тарабобод кунад.
Ом то хоси ҷаҳон аз ту ҳама дилшоданд,
Маснади айш Ҳақ аз баҳри ту обод кунад.
Ҷоми табъат зи майи хуррамӣ гар пур нашавад,
Давлату бахт зи шаш сӯй туро ёд кунад.
Аз карам халқи ҷаҳонро зару хилъат додӣ,
З-ин сабаб баҳри дуоят ҳама фарёд кунад.
Халқи олам ҳама қурбони сари кӯйи ту шуд,
То зи сад карда яке табъи туро шод кунад.
Ба фиғон омада, Саҳбо, дили ман мегӯяд,
Иди Қурбон дили маҳзуни туро шод кунад.

* * *

Дар сайри чаман будам он сарви равон омад,
Ин ҷисми ҳазинамро як ҷавҳари ҷон омад.
Дар базми висоли ӯ шаб то саҳар осудам,
Чун даст ба ӯ бурдам, овози азон омад.
Мехостам аз лаълаш як бӯса фаро гирам,
Ногоҳ рақиби шум аз роҳи ниҳон омад.
Бо он бути кофиркеш дар базми тараб будам,
Гуфтам, ки қадаҳ нӯшам, моҳи рамазон омад.
Имшаб зи фироқи ӯ бехуд шудам аз ҳасрат,
Дил гуфт, ки, ҳон, бархез, он абрукамон омад.
То чашми ҷаҳонбинам он орази гулгун дид,
Мурғи дилам аз шавқаш дар оҳу фиғон омад.
Саҳбо, зи ғами ишқаш нанмой ту маҳзунӣ,
Ҳамчун рамазон ин амр бар пиру ҷавон омад.

* * *

Сайри гулшан менамудам, дилбарам омад ба ёд,
Шаҳдрезиҳои лаъли шаккарам омад ба ёд.
Он қадар афтодаи махмури ҷоми ӯ шудам,
Дида ҳар сӯ боз кардам, соғарам омад ба ёд.
Сафҳаи рӯйи гул умре бӯсагоҳи шабнам аст,
Он гули рухсору в-он чашми тарам омад ба ёд.
Бетакаллуф нест сайри гулшанободи висол,
Дар саводи шом моҳи анварам омад ба ёд.
Чашми хоболуди ӯ сад фитна дорад дар камин,
То мижа хобонд, захми ханҷарам омад ба ёд.
Соя умре шуд, ки дур аз партави хуршед нест,
Дар сияҳбахтӣ, рухи чун ховарам омад ба ёд.
Ҷӯшиши Саҳбо дар ин майхона дорад рӯзу шаб,
Масти май будам, хумори дилбарам омад ба ёд.

* * *

Шаб ба кунҷи ҳаҷр васли дилбарам омад ба ёд,
Меҳнату ранҷи дили ғампарварам омад ба ёд.
Хондаам аз дафтари ҳуснаш дамодам дарси шавқ,
Нуктае з-он рамзи хатти анбарам омад ба ёд.
Зулфи ӯ афтода дидам то ба тарфи оразаш,
Аз ҳиҷоби абру меҳри ховарам омад ба ёд.
Аз ҳуҷуми нотавонӣ рафта будам ман зи хеш,
То ки он лаъли лаби ҷонпарварам  омад ба ёд.
Ҳар сари мӯям забони нола дорад дар камин,
Баски шабҳои висоли дилбарам омад ба ёд.
Дар таманнои майи шавқаш  зи каф додам хирад,
Охир, аз ин сархушӣ дарди сарам омад ба ёд.
Нашъаи Саҳбои мо ҳам бе лабаш юмне надошт,
З-ин сабаб айёми даври соғарам омад ба ёд.

* * *

Шаҳди тараб ба коми ту шуд, шуд, нашуд, нашуд.
Ваҳшии бахт роми ту шуд, шуд, нашуд, нашуд.
Эй дил, макун ту шиква зи бедоди чархи дун,
Сайди талаб ба доми ту шуд, шуд, нашуд, нашуд.
Ғамгин машав зи кулфату ранҷу хуморихо,
Ин бода гар ба ҷоми ту  шуд, шуд, нашуд, нашуд.
Ҳарфи хуше маҷӯй зи абнои рӯзгор,
Дилдор ҳамкаломи ту шуд, шуд, нашуд, нашуд.
Ҳиҷрони ёр гӯшаи байтулҳазан турост,
Ишрат агар ба ба номи ту шуд, шуд, нашуд, нашуд.
Ҳангоми васл ашк раҳи дида во гирифт,
Ин айш нотамоми ту шуд, шуд, нашуд, нашуд.
Аз бурҷи толеат надамид ахтари нишот,
Он маҳ агар ба боми ту шуд, шуд, нашуд, нашуд.
Саҳбо, зи сӯйи ёр туро мужда вакти шавқ,
Як нукта гар паёми ту шуд, шуд, нашуд, нашуд.

* * *

Ҳазор шукр, ки банди қабои ӯ во шуд,
Дили ҳазини моро сад умед пайдо шуд.
Сафои синаи софе наҷоти ӯ дидам,
Хумори шавқи ман аз ин сабаб дуболо шуд.
На ман фирефтаи ҳусни дилкашаш гаштам,
Ҳар он ки орази хубаш бидид, шайдо шуд.
Чӣ хуш бувад, ки аз ӯ коми ман шавад ҳосил,
Ки умрҳост маро завқи ин таманно шуд.
Намонд бар сари ман шавқи улфати мардум,
Аз он даме, ки ба дил меҳри ишқи ӯ ҷо шуд.
Ба вақти ханда гирифтам зи лаъли ӯ бӯса,
Ба фаҳми қосирам ин кор  турфа бар ҷо шуд.
Зи ишва бар рухи худ зулфи анбарин шикаст,
Баёнгаре ба шамоил чӣ хуб зебо шуд.
Ба ёди дидани ӯ баски гиряҳо кардам,
Ки оби дидаи ман ҳамчу мавҷи дарё шуд.
Қазо намуд чу тақсим мояи ишқаш,
Тамоми дарду ғами ӯ насиби Саҳбо шуд.

* * *

Ҳоҷати ман зи ту, эй шӯх, раво мешуд, нашуд.
Дили маҷруҳи маро аз ту даво мешуд, нашуд.
Он қадар дар раҳи умед такопӯ кардам,
Даст дар ҳалқаи он зулфи дуто мешуд, нашуд.
Гарчи сад ҷавру ҷафо аз ғами ҳаҷрат дидам,
Дилам аз риштаи ишқи ту раҳо мешуд, нашуд.
Ту шаҳи кишвари ҳуснию сармасти ғурур
Илтифоте зи ту  бар ҳоли гадо  мешуд, нашуд.
Аҳд кардӣ, ки кунун тарки ҷафо хоҳам кард,
Ба чунин ваъдаи худ карда вафо мешуд, нашуд.
Ту зи бедоди ситам гарчи маро хун додӣ,
Зи мани хаста, бигӯ, тарки дуо мешуд, нашуд.
Лашкари дарду ғамат мулки дилам кард хароб,
З-ин сабаб ҳеч маро чуну чаро мешуд, нашуд.
Бо рақиби ғалатандеш карамҳо кардӣ,
Тинати ӯ ба раҳи сидқу сафо мешуд, нашуд.
Дар раҳи ишқи ту Саҳбо ба чапу рост давид,
Муддаои дилаш ҳосил зи шумо мешуд, нашуд.

* * *

Гуфтам ба ту, ки хати рухи анварат чӣ шуд?
Ҳусни нишотбахшу сафогустарат чӣ шуд?
Нахли қади ту таъназани сарвиноз буд,
Он хубию латофати ҷонпарварат чӣ шуд?
Дар гулшани ҷамоли ту боди хазон вазид,
Бо зулфи ёсамину хати анбарат чӣ шуд?
Лаъли туро ҳаловати қанду набот нест,
Ҷонбахшии ақиқи лаби шаккарат чӣ шуд?
Бо чашми пурхумори ту оё чӣ во расид,
Бо шеваҳои ишваи нозоварат чӣ шуд?
Онҳо, ки лофи ишқи ту, эй шӯх, мезаданд,
Бо ошиқони хокнишини дарат чӣ шуд?
Акнун ки боғи ҳусни туро хуррамӣ намонд,
Он зулмҳои рафта ба ин чокарат чӣ шуд?
Ҳар булбуле ба ёди гуле нола мекунад,
Ҳушёр шав, ки он ҳама карруфарат чӣ шуд?
Саҳбо, ки буд шефтаи лаъли дилкашат,
Базми нишоту даври майи соғарат чӣ шуд?

* * *

Боз дил андешаи гесӯи угро мекунад,
Иштиҳо табъи маро равшан зи шӯрбо мекунад.
Кори себи ғабғабу шаҳду шакаррези лабаш,
Кӣ ба ин сармояи ширин мураббо мекунад.
Калла, пӯсту дунбаву поча нашуд ороми дил,
Хотири мо майл акнун сӯйи ке по мекунад.
Нуктаи мошобаву умоч н-орад бар забон,
Аз палав як дегаке ҳар кас, ки боло мекунад.
Гар нашуд тушбераи хушмурчи хотирхӯраро,
Дил сӯйи санбӯсаи қандин тақозо мекунад.
Пашмаку бақобаи тезе агар ёрам шавад,
Пас, муборакбод бар ҳолам нишалло мекунад.
Гар шавӣ аз яхинию баррабирён баҳраманд,
Иштиҳо кай ёд аз мурғу мусаммо мекунад.
Фурсати хамёзаву инам таманно бар сар аст,
Кош, бар гардан фитад, дасте, ки боло мекунад.
Бӯса аз лаълаш талаб кардам, баромад коми ман,
Боз дил баҳри чӣ дар пешаш тавалло мекунад.
Хостам, чун хирмани гул андар оғӯшаш кашам,
Аз фиреб имрӯз бо мо аҳди фардо мекунад.
Аз лаби ӯ лаззати шафтолу омад дар мазоқ,
Турфа шафтолу, ки кори чанд хурмо мекунад.
Дасти ӯ мехостам дар гардан андозам ба шавқ,
Аз сари шӯхӣ ишорат ҷонибӣ по мекунад.
Бодае аз ҷоми ишқаш шуд насиби коми ман,
Қатрааш изҳори сад майхона Саҳбо мекунад.

* * *

То дида ба рухсори ту во шуд, чӣ ба ҷо шуд,
Ишқи ту насиби дили мо шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Ҷустам зи лабат, бӯсаву инъом намудӣ,
Як ҳоҷати ман аз ту раво шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Дар гардани ман зулфу гаҳе даст фикандӣ,
Имрӯз магар навбати по шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Бар реши дилу ҷони мани хастаи маҳзун,
Он шаккару бодом даво шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Дар водии ҳаҷри ту бубинам зи заифӣ,
Чун моҳи нав ангуштнамо шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Ҳарчанд ки хунам зи ғазаб рехтаӣ ту,
Дастат ба чунин ранг ҳино шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Дирӯз ту рафтиву рақибам зи паят рафт,
Он саг зи ту имрӯз ҷудо шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Дарбохтам охир ба раҳат мояи ҷонро,
Ин ҷисм ба пойи ту фано шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Саҳбо ба таманнои лаби лаъли ту хун гашт,
Шавқи ту чунин рангфизо шуд, чӣ ба ҷо шуд.

* * *

Иштиёқи оразаш бе хӯрду хобам мекунад,
Печутоби туррааш дар изтиробам мекунад.
Ғамзаи чашмаш зи дил сабру қарорам мебарад,
Хандаи лаъли лабаш масти шаробам мекунад.
Наштари мижгони ӯ дар набзи ҷонам мехалад,
Оташи ишқаш зи сар то по кабобам мекунад.
Гоҳ лутфу мерубонию гаҳе зулму ғазаб,
Гоҳ эҳсону тараҳҳум, гаҳ итобам мекунад.
Зулфу чашму абруву мижгону хатту холи ӯ
Рӯзу шаб ҳар як ба якрангӣ азобам мекунад.
Ман намедонам, кай аз ҷавру ҷафояш вораҳам,
Зулмҳо то аҳди пирӣ аз шубобам мекунад.
Сарви қаддаш гоҳ бар сар соям меафканад,
Меҳри рухсораш гаҳе дар офтобам мекунад.
Кай диҳад меҳри дурахшони фалак он равшанӣ,
Он чӣ андар шоми ҳиҷрон моҳтобам мекунад.
Доим аз хайли сагонаш мешуморам хешро,
Бар умеди он ки ӯ рӯзе ҳисобам мекунад.
Дар биёбони таманнояш чунин бигзашт умр,
Ҳар қадар ман медавам, ӯ иҷтинобам мекунад.
Ҳар замон он маҳ ба ёди гесӯяш, Саҳбо, маро
Ҳамчу тори зулфи худ дар печутобам мекунад.

* * *

Лутфи баргаштанигоҳаш нигаред,
Шикани зулфи сиёҳаш нигаред.
Пояи қадри баландаш бинед,
Тарфи бишкастакулоҳаш нигаред.
Дар гулистони рухаш аз хати сабз,
Ранги наврастанигоҳаш нигаред.
Баҳри яғмои дил аз хайли мижа
Саф ба саф баста силоҳаш нигаред.
Кашад аз ишва ба қалбам ханҷар,
Хоҳиши хоҳу махоҳаш нигаред.
Гар кунад худ ба гунаҳ мутаҳҳамам,
Аз ду наргис, ду гувоҳаш нигаред.
Чашми ибрат бикушоед башавқ,
Шеваи рафтани роҳаш нигаред.
Гирди рухсораш аз хатти сияҳ,
Мӯр бар хирмани моҳаш нигаред.
Шоҳи хубон бувад он маҳ, Саҳбо,
Охир ин рутбаву ҷоҳаш нигаред.

* * *

Гар мусаввир нақши он меҳроби абру мекашад,
Саҷдаи дилҳо дар атрофаш зи шаш сӯ мекашад.
Наргиси масташ шавад бедор гар аз хоби ноз,
Хат зи мижгон бар фунуни сеҳру ҷоду мекашад.
Гар кунад суратгар  азми нақши сар то пойи ӯ,
Нақши он қомат ҳамон дар пайкари мӯ мекашад.
Аз сари дониш мусаввир гар ниҳад, ҳуснаш манол,
Ҷавҳари рӯҳи равон дар сафҳаи рӯ мекашад.
Ёбад аз даврон шаҳиди ишқи ӯ умри абад,
Рашҳае дар ком агар з-он лаъли дилҷӯ мекашад.
Хубии андоми ӯ берун зи ҳадди қомат аст,
Ҳусни ӯ бингар сон сангу тарозу мекашад .
Дониши Саҳбо зи тавсифи даҳонаш оҷиз аст,
Пас, чӣ сон наққош нақши он парирӯ мекашад?

* * *

То рӯйи ту аз назар ниҳон шуд,
Оҳам зи замин бар осмон шуд.
Аз сели сиришки ман ба гулшан
Яксар ҳама сарвҳо равон шуд.
Аз бори ғами фироқат, эй шӯх,
Дил хаставу  қоматам камон шуд.
Дил баски фиғону нола сар кард,
Дар ишқи ту шуҳраи ҷаҳон шуд.
Бихром ту, эй парӣ, Худоро,
Чашмам ба раҳи ту дурфишон шуд.
Бо рӯйи ту гул баробарӣ ҷуст,
Аз боди ғурури худ хазон шуд.
Дар васфи рухи ту килки Саҳбо,
Дар сафҳаи даҳр тарҷумон шуд.

* * *

Қадат зи дидаи ҳайрони ман ниҳон гардид,
Зи ғусса мардумаки чашм хунфишон гардид.
Лабам фасонаи ишқи ту мекунад такрор,
Гаҳи даме ки ба ҳарфи сухан забон гардид.
Маро зи васли ту як лаҳза тоби дурӣ нест,
Ки бе ҷамоли ту рангам чу заъфарон гардид.
Зи дида ашк фишондам ба ёди қомати ӯ,
Ки сел шуд ба чаман, сарв ҳам равон гардид.
Намеравад зи дилам шавқи чашми шаҳлоят,
Зи баски ишқи ту бо синаам аён гардид.
Умеди васли ту дар дил хаёл мекардам,
Зи шавқ ҷон зи тани хастаам равон гардид.
Ба дил муҳаббати ӯ доштам ниҳон, Саҳбо,
Ҳуҷуми ишқи ман имрӯз тарҷумон гардид.

* * *

Ё Раб, нигаҳам маҳви тамошои кӣ бошад?
Дил бастаи гесӯи сумансои кӣ бошад?
Ман бесарупо меравам аз хеш ба ҳар сӯ,
Ақлу хирад ошуфта зи савдои кӣ бошад?
Дар раҳгузараш хештан аз шавқ фикандам,
То ҷисми ҳазин  фарши кафи пои кӣ бошад?
Аз дидани ин арса дилам дар тапиш афтод,
Ин манзили ишраткада маъвои кӣ  бошад?
Аз меҳру маҳи чарх барад нуру зиёро,
Ин тобиши рухсораи зебои кӣ бошад?
Ақлу хираду сабру сукун бастаи ӯ шуд,
Ин силсилаи зулфи чалипои кӣ бошад?
Ин гуна маро мастию девонагие  ҳаст,
Аз нашъаву кайфияти Саҳбои кӣ бошад?

* * *

Қосиде ку, ки зи ман нома ба дилдор барад,
Хокбӯсӣ зи мани зор ба он ёр барад.
Лоласон чоки дили хуншудаамро гӯяд,
Ашкафшонии ин дидаи хунбор барад.
Як салом аз мани афтодаи маҳзун шунавад,
Ки бар он маҳваши симинбари айёр барад.
Ҷигари решу тани костаам дид кунун,
Шарҳи ҳолам бари он ёр ба зинҳор барад.
Ашк дар ёди висолаш давад аз қулзуми чашм,
Баҳри исори қудумаш дури шаҳвор барад.
Нолаву оҳу фиғоне, ки кунам чун булбул,
Аз навоям асаре бар бути гулзор барад.
Чашми Саҳбо ба раҳаш шому саҳар мунтазир аст,
Хабари мунтазириҳои мани зор барад.

* * *

Эй ҳарифон, як-ду дам ороиши маҷлис кунед,
Он бути ваҳшитабиатро ба худ мунис кунед.
Базми ишратро агар зевар диҳед ин панҷ тан,
Аз барои ҳаққи ман афтодаро содис кунед.
Бодаи гулгун агар нӯшед  бо айшу тараб,
Ҷуръае аз гарди ӯ қисми мани муфлис кунед.
Нест моро тоқати дарду ғами айёми ҳаҷр,
Бо ду- се соғар маро бедонишу беҳис кунед.
Гар ба чашми шӯхи ӯ боре зи ҳасрат ҷон диҳам,
Наъши моро зебу зиннат аз гули наргис кунед.
Дар мизоҷи аҳли дунё баски мо дидем фахр,
Аз тило гаштан пушаймонем, моро мис кунед.
Аз ғами айём, Саҳбо,  рӯ диҳад афтодагӣ,
Аз шаҳоби бода табъи хешро форис кунед.

* * *

Қисмати бад бин, ки гоҳи васл хобам мебарад,
Вақти ҳаҷр аз гиряи бисёр обам мебарад.
Лаззати ҷоми маю айши тарабхези висол
Ёд агар созам, зи ҷисми хаста тобам мебарад.
Ёр ҳамроҳи рақибам мекунад таклифи базм,
Бо тааммул бингарам, баҳри азобам мебарад.
Ҷилваи ҳуснаш зи шавқи зулфу рухсораш маро
Гоҳ андар соя, гаҳ дар офтобам мебарад.
Омад он шӯху ба нозу ишва аз пешам гузашт,
Дил зи дунболаш кунун бо сад шитобам мебарад.
Нағмаи ишқаш занад сар баски аз тобу табам,
Хубии танбӯру қонунро рубобам мебарад.
Меравад сӯйи шикор он шӯх, Саҳбо, пурумед,
Бар дараш истода чун саг дар рикобам мебарад.

* * *

Қомати шӯхи ту ҳар ҷо ҷилва барпо мекунад,
Оламеро бехуду сармасту шайдо мекунад.
Лаъли ҷонбахши ту дӯкони табассум во кунад,
Шӯрише пайдо ба бозори Масеҳо мекунад.
Як гиреҳ аз ҳалқаи зулфи сумансимои ту
Сад ҷаҳони риштаи занҷир савдо мекунад.
Ҷуз нигоҳи фитнаангези ту, эй сармасти  ноз,
Шеваҳои сеҳри ҳозиқро, ки пайдо мекунад.
Аз фиреби абрӯи мардафканат ғофил наем,
Кори сад тиру камонро бо як имо мекунад.
Накҳати зулфи абиролудат аз рангу шамим,
Мушки Чинро сар ба сар бозори расво мекунад.
Ҷастан аз занҷири савдоят ба Саҳбо мушкил аст,
Шавқро азбаски ишқат дар дилам ҷо мекунад.

* * *

Ёр имрӯз зи гулгашти чаман меояд,
Сарви қаддаш ба сарам сояфикан меояд.
Умрҳо мунтазири субҳи висолаш будам,
Лиллоҳилҳамд, ки чун рӯҳ ба тан меояд.
Шона зад ёр магар турраи анбаролуд,
Накҳати мушки тару бӯйи суман меояд.
Муждаи айшу тараб боз ба аҳбоб расид,
Ки насими хуше аз сӯйи Қаран меояд.
Мешавад маҳфили аҳбоб саросар равшан,
Шамъ афрӯхта имшаб ба Лакан меояд.
Дӯстон дидаи иқболи шумо равшан бод,
Дурри якдона зи дарёи  Адан меояд.
Эй гулистони тараб, фахр кун имрӯз ба худ,
Ки ба гулгашти ту он фахри заман меояд,
Лаълу ёқут магар васфи лаби ӯ бишунид,
Обаш аз шавқ дамодам ба даҳан меояд.
Буд маҷруҳ дили хастаи Саҳбо имрӯз,
Марҳаме баҳри давои дили ман меояд.

* * *

Арақ ҳар ҷо ки аз рухсори он гулгунқабо резад,
Ки шабнам аз рухи гулҳои саврӣ аз ҳаё резад.
Ба рафтораш агар кабки дариро дида во гардад,
Зи шавқи он хироми ноз аз пояш ҳино резад.
Давиданҳо зи ҷону дил ба ёди манзили васлаш
Ба сад кӯшиш ҳама сомон дар аввал нақши по резад.
Агар як укда зулфашро насими субҳ бикшояд,
Ба базми бедимоғон накҳати Чину Хито резад.
Лабаш рамзи табассум во кунад дар маҳфили ишрат,
Ба гулшан рангу бӯйи ғунча аз боди сабо резад.
Қади ӯ рост гардад, сад қиёмат мешавад қоим,
Ки ҳар як ҷилваи ӯ тарҳи сад маҳшар ҷудо резад.
Агар бо қадди хамгашта чу азми кӯйи ӯ созам,
Ки ҳар мӯ бар танам аз шавқ вазъи сад асо резад.
Дар ин маҳфил агар аз ноз оҳанги хиром орад,
Ки дар ҳар макдами ӯ  дида дурри пурбаҳо резад.
Рами вахшиғизолон нест ҳамчун оҳуи чашмаш,
Ки ваҳшат аз нигоҳаш ҳамчу шабнам аз ҳаво резад.
Ҷигар пурдоғу дил пурхуну ашкам заъфаронигун,
Ки ҳар як узви ман аз ҳасраташ ранги ҷудо резад.
Илоҳо, бодаи васлаш насиби ҷоми мо гардад,
Ичҷобат сар кашад дасте, агар тарҳи дуо гардад.
Набошад базми Саҳбо бе фурӯғи рӯйи ӯ равшан,
Агар ӯ ояд, аз ҳар бому дар мавҷи сафо резад.

* * *

Муждаи васлат шунидам, рӯзгорам тоза шуд,
Чун рухат дидам, ду чашми ашкборам тоза шуд.
Аз хазони ҳаҷр боғи ишратам пажмурда буд,
Ин замон аз гулшани рӯят баҳорам тоза шуд.
Бесарусомон зи ҳаҷрат рӯзгорам мегузашт,
Аз вуруди мақдамат шаҳру диёрам тоза шуд.
Умрҳо аз ранҷи махмурӣ танам афсурда буд,
Охир аз як рашҳаи лаълат хуморам тоза шуд.
Бе маҳу меҳри ҷамолат субҳу шомам тира буд,
Аз фурӯғи оразат лайлу наҳорам тоза шуд.
Теғи ҳиҷрон кард ҷисми хастаамро реш-реш,
Аз висолат оқибат ҷони фигорам тоза шуд.
Мазраи умеди Саҳбо дар фироқат хушк буд,
Аз саҳоби иттисолат киштзорам тоза шуд.

* * *

Ишқ омаду зи пайкари зорам қарор бурд,
Бо як карашма  аз дили ман ихтиёр бурд.
Бепову сар ба кӯчаи расвоиям давонд,
Дар ҳар макону манзилу дар ҳар диёр бурд.
Дидам ҳазор ғурбату меҳнат ба ҳар қадам,
Охир маро ба кӯйи бути гулъузор бурд.
Омад буте ба дидаи ман ҳамчу офтоб,
Меҳри рухаш зи ҷону дили ман виқор бурд.
Лаъли лабаш зи ҳуққаи ёқут боҷ хост,
Зулфаш гарав зи накҳати мушки татор бурд.
Қадаш ҳазор таъна ба шамшоди боғ зад,
Ҳуснаш тароват аз чаману лолазор бурд.
Аз ғамза наргисаш дари сад фитна боз кард,
Оби рухаш зи шабнами гул эътибор бурд.
Дар синаам зи шуълаи ишқ оташе фиканд,
Хокистарам ба боди фано чун ғубор бурд.
Рухсорааш гирифт зи маҳтоб равшанӣ,
Сими ҷамолаш аз зари хуршед иёр бурд.
Ҷаъди каҷаш ба дом дили ошиқон гирифт,
Шавқи висолаш аз тани ошиқ мадор бурд.
Андар танам ҳар он чи зи сабру шикеб буд,
Як ишва карду ҷумла ба як бор ёр бурд.
Нозам ба рашҳаи лаби шаккарфишони ӯ,
Саҳбо зи табъи ман ҳама ранҷи хумор бурд.

* * *

Аз ҷамоли ту гулу сабза аён сохтаанд,
Гарди ӯ аз хирқати оби равон сохтаанд.
Боғи хубест ҷамоли ту, ки дар ҳар тарафаш
Ҳамчу сунбул хату чун ғунча даҳон сохтаанд.
Сар то пойи ту, эй шӯх, чӣ эъҷоз бувад,
Ки ба кӯҳи Ширин аз мӯй миён сохтаанд.
Ҳаст мардум ҳама андар талаби оби ҳаёт,
К-аш ба зери лаби лаъли ту аён сохтаанд.
Пой дар пардаи чашмам бинеҳ, эй гул, ки туро
Мардуми дидаи соҳибназарон сохтаанд.
Қади зебои ту чун умр дароз аст зи бас,
Тори гесӯи ту аз риштаи ҷон сохтаанд.
Ҳамчу Саҳбо ҳама ушшоқи туро рӯзи азал,
Ки ба сад доғу ғаму ғусса нишон сохтаанд.

* * *

Дарду доғи ишқ то бар ошиқон тақсим нашуд,
Ҳиссаи пурғуссаи мо аз ҳама такдим нашуд.
Ишва кардан, дил рабудан дилбарони даҳрро,
Аз ту, эй номеҳрубон, як-як  ҳама таълим нашуд.
Эй дил, аз душвории ҷаври парирӯён манол,
Пайкарат дар оташи ғам гар чу Иброҳим нашуд.
Чанд рӯзе сабр кун дар гӯшаи байтулҳазан,
Юсуф аз зиндон баромад, шоҳи ҳафт иқлим нашуд?
Рашҳае ҳар кас зи ҷоми ишқи гулрухон нахӯрд,
Кай насиб ӯро зи оби Кавсару латним нашуд.
Аз хами абруи ӯ дигар мазан фоли нишот,
Теғ баҳри хунфишонӣ соҳиби таъзим нашуд.
Ин қадар бар ман ту таъни бодапаймоӣ мазан,
Аз ту, эй зоҳид, маро кай як сари мӯ бим нашуд?
Аз ту, эй соқӣ, нишони лутф агар бошад маро,
Аз чӣ ҷоми дигарон пурбода, аз мо ним нашуд?
Ёфт Саҳбо аз камоли ҳусни дилҷӯят хабар,
Баъд аз ин пеши ту доим дар сари таслим нашуд.

* * *

Расид рӯзу имрӯз боби майкада гил шуд,
Тамоми бодапарастон аз ин фасона хиҷил шуд.
Ба базми бодакашон дарнигар ба чашми ҳақиқат,
Қароба холию хум сарнагуну ҷом сабил шуд.
Чу дид аҳли тарабро зи ғусса зору мушавваш,
Ба ханда зоҳиди худбин ба хонақоҳ касил шуд.
Зи хоб сар набарорад ҳамеша аҳли харобот,
Чаро ки аз ғами хаммор кори ҷумла сақил шуд.
Зи сӯзи сархушию иҳроқи ташназабонӣ,
Ки тан чу кураи Ҳаддоду дил чу нори Халил шуд.
Макун ту ёд зи минову ҷому бодаи гулранг,
Ки қуфл бар дари майхона то ба ид кафил шуд.
Машав малулу нишин хуш, ки, соқиё, з-ин пас,
Ба шурби субҳдаме ҷоми шом вакил шуд.
Агарчи субҳ нахӯрдӣ, биё, ба шому қадаҳ каш,
Ту шод бошу тараб кун, ки кору бори ту зил шуд.
Мабош зору ҳазин баъд аз ин ту, эй Саҳбо,
Зи гуфтаҳои ту соқии базм боз бадил шуд.

* * *

Зи ман имрӯз табъи нозукат бисёр рам дорад,
Дилат лутфу тараҳҳум сӯйи ин дилхаста кам дорад.
Бирафт аз ёди васлат ҳушу идроку хирад аз ман,
Маро ишқи ту дар олам ба расвоӣ алам дорад.
Намудӣ ҷисму ҷонам аз ғами ҳиҷрон заифу зор,
Даме бингар бар аҳволам, агар табъат карам дорад.
Нашуд чашми таманноям дар ин ибратсаро равшан,
Аҷаб носозгорӣ бар ман ин бахти дижам дорад.
Маро ин нисбат андар  ишқбозӣ бас бувад, ҷоно,
Қадам чун ҳалқаи зулфи сумансои  ту хам дорад.
Набошад чун ту, эй гул, дилбари нозукадо ҳаргиз,
Куҷо ҳамчун ту зебое бути турку Аҷам дорад?
Агарчанде задӣ тири ҷафо бар синаи Саҳбо,
Дили хунгашта пайкони ту бо худ муғтанам дорад.

* * *

Бе рухат гар назарам бар гули гулзор афтад,
Беҳтар, эй дӯст, ки бар дидаи ман хор афтад.
Бе таваққуф бикунӣ лутфу тараҳҳум, оре,
Гар туро чашм бар ин дидаи хунбор афтад.
Нест андар дили хунгашта ҷуз ин тӯли амал,
Кош, дар гардани ҷон зулфи ту як бор афтад.
Гар бубинам маҳи рухсори туро аз сари шавқ,
Даст аз кор равад, пой зи рафтор афтад.
Ёд аз он шарбати унноб насозад ҳаргиз,
Ҳар киро чашм бар он лаъли шакарбор афтад.
Мекашам бори ғами ишқ ба ин ҷисми заиф,
Кӯҳ оҷиз шавад, ар бар сараш ин бор афтад.
Аз ҳама кавн тавон қатъи таъаллуқ кардан,
Гар ба каф ришта аз он турраи таррор афтад.
Баҳри исори қудуми ту ба ҳангоми висол
Ҳамчу дур ашки ман аз чашми гуҳарбор афтад.
Гар ту аз соғари Саҳбо лаби худ тар созӣ,
Аз дили хуншудааш меҳнати хаммор афтад.

* * *

Парда бардошт зи рух, меҳру вафо барпо кард,
Бӯсае доду дили зори маро шайдо кард.
Камараш танг дар оғӯш  кашидам  дишаб,
Ду ҷаҳон баста ба як ишваи рангин во кард.
Ончунон бода ба коми мани саргашта бирехт,
Нашъаи табъи ман аз ҳадди фузун боло кард.
Аз лабаш сахт газидам, сухани талхам гуфт,
Ин аҷаб талх, ки кори шакару хурмо кард.
Сухан аз он даҳану бӯй аз он турраи зулф
Ба ман ин нукта саҳар пири хирад илқо кард.
Дида азбаски ба сайри чамани ҳуснаш тохт,
Сояи қоматаш аз баҳри дилам барпо кард.
Хостам дасти булӯрин фиканам дар гардан,
Аз сари ишва ба ман ҷониби по имо кард.
Ман аз он себи зақан гар намакидам зи адаб,
Раҳм оварду ду-се бӯса насиби мо кард.
Ман ба он теғмижа сина сипар мекардам,
Ақл мегуфт, ки бозӣ ба риши бобо кард.
Сирри чашмак задани ӯву тапишҳои дилам
Ҳалли ин нукта мукаррар хиради момо кард.
Маъдани ғуссаву ғам, нолаву андӯҳи дил аст,
Зулфаш ин дил зи миён бурд, аҷаб барпо кард.
Ишқ бар гардани ман риштаи шавқаш барбаст,
Каш-кашон бурду ба бозори ҷунун савдо кард.
Он чӣ кард он лаби майгуну нигоҳи шӯхаш,
Ки аз он ушр ба махмур майи Саҳбо кард.

* * *

Соқӣ, биё, ки дил ба ҳавои май об шуд,
Обе бидеҳ, ки пайкарам аз ғам хароб шуд.
Дар ёди мавҷи бодаи гулранг набзи ҷон,
Чун турраи нигор, ки пурпечутоб шуд.
Лутфе намову ҷоми булӯрин ато бикун,
Аз оташи аташ тани зорам кабоб шуд.
Ман ташнаву ту оби разам чун намедиҳӣ,
Бо як заифи хаста чаро ин азоб шуд.
Аз даври ҷом даври нишотам тамом кун,
Ҷаҳде намо, ки тайи замони шубоб шуд.
Холист соғарам зи карам пурзироъ кун,
Ҳушу хаёли ман ҳама маҳви шароб шуд.
Сармояи ҳаёти ман аз файзи бода аст,
Баҳри Худо, биё, ки замони шитоб шуд.
Май деҳ маро, ки шодию ғам барқарор нест,
Олам тамом дар назарам чун сароб шуд.
Саҳбо, намонд қатрае дар ҷоми ишратам,
З-он рӯ ҳамеша кулфати ман беҳисоб шуд.

* * *

Сӯйи гулшан гулъузори ман хиромон меравад,
Ҳамчу гарди раҳ ба дунболаш дилу ҷон меравад.
Гар бувад чун санги хоро, нарм мегардад дилаш,
Ҳар куҷо гар қиссаи шавқам ба поён меравад.
Дур набвад, гар ҷаҳон мустағриқи тӯфон шавад,
Оби беҳад баски аз ин чашми гирён меравад.
Мекашад ҷоми паёпай ҳар замон дар базми ғайр,
Ҳамчу умр аз маҳфили мо доманафшон меравад.
Ашки ман аз доғи ишқаш мефитад андар замин,
Оҳи ман аз шӯри ишқи ӯ ба Кайвон меравад.
Як сари мӯе насиби пайкари душман мабод,
Он чӣ бар ҷони ман аз он тири мижгон меравад.
Ман намедонам, чаро дил меравад ҳар дам зи тан,
Ин магар дар доми он зулфи парешон меравад.
Шуҳрати ишқи ману ҳуснаш ҷаҳонро баргирифт,
Баски дил дар кӯйи ӯ бо оҳу афғон меравад.
Бингар, эй Саҳбо, ки аз ҷавру ҷафои ишқи ӯ,
Нолаам бар чарху ашки ман ба домон меравад.

* * *

Доме ниҳод зулфи ту, дилро асир кард,
Бо як қалилмоя ҷафои касир кард.
Мурғи дилам ба ёди гули рӯйи дилкашат,
Шаб то саҳар чу булбули ошиқ нафир кард.
Аз чашми фитнаҷӯйи ту шуд синаам хароб,
Нозам нигоҳи масти туро кори тир кард.
Мерафт ҳар тараф дили ваҳшатсиришти ман,
Шукри Худо, ки зулфи туаш дастгир кард.
Аз ишқи ту насиба қазо дод ҳар киро,
Бар мо ҷафову ҷаври туро мунҳасир кард.
Холӣ мабод ҳамчу най аз нола табъи ман,
Андар раҳи ту ишқ маро чун ҳасир кард.
Ҷаъдат намуд сарзаниши сунбулу суман,
Қанди лаби ту таъна ба шаҳду ба шир кард.
Хам кард бори ҷавру ҷафои ту қоматам,
Охир ғами ту ранги рухамро зарир кард.
Ҳаргиз масоз шиква ту аз заъфи пайкарат,
Саҳбо, чунин туро ғами дилдор пир кард.

* * *

Дилам бастаи тори кокул намешуд,
Ба ман ин қадар кор мушкил намешуд.
Намерехт аз дида ашки шафақгун,
Агар шавқи он меҳр дар дил намешуд.
Рақиби сияҳрӯйи сагро чӣ мешуд,
Миёни ману дӯст ҳоил намешуд.
Қадашро агар сарви гулшан намедид,
Зи ҳасрат чунин пой дар гил намешуд.
Намедошт хунам агар ҷӯш бар  тан,
Мунаққаш чунин теғи қотил намешуд.
Намедид ишқи ман ар ҳусни ӯро,
Касе аз сари сидқ коил намешуд.
Тапишҳо намекард дар синаам дил,
Гар аз теғи ӯ нимбисмил намешуд.
Намерафт бар чарх оҳу фиғонам,
Бар аҳволи ман ишқ шомил намешуд.
Касе майл бар ҷоми Саҳбо намекард,
Агар он парирӯ ба маҳфил намешуд.

* * *

Аз сари ишва агар рӯй ба мо бинмояд,
Гиреҳ аз хотири ғамдидаи мо бикшояд.
Бе фурӯғи рухи хуршедфиребаш ин ҷо
Кас чӣ сон маҳфили базму тарабе орояд?
Ҳар кӣ бинад мани дилхаста ба он сарви равон,
То бувад зинда, паси даст зи ҳасрат хояд.
Рӯзи айшу тараби ман шавад аз шаб бадтар,
Гар ба базми мани савдозада он маҳ н-ояд.
Ғараз аз сайру тамошои гулистони ҷаҳон
Сунбули зулфу гули орази ӯ мебояд.
Дар ғами ҳасрати айёми висолаш ағёр
Даст умре ба сад афсӯс ба ҳам месояд.
Ҳар қадар мадҳ кунам қомати ӯ, мезебад,
Ҳар қадар васф кунам орази ӯ, мешояд.
Симу зар, гуфтамаш, эй шӯх, зи Саҳбо маталаб,
Бахудо, ғайри дуоят чӣ зи досташ ояд?

* * *

Соқӣ, биё, ки мужда зи дилдор мерасад,
Пайки хуҷаста аз тарафи ёр мерасад.
Май деҳ, ки тоби кулфати махмуриям намонд,
Айёми айши рафта дигар бор мерасад.
Аз бода ғам махӯр, ки моро башорате,
З-ин раҳ ба сӯйи хонаи хаммор мерасад.
Қосид паёми васл  маро доду бозгуфт,
Ҳушёр шав, ки он бути айёр мерасад.
Назри қудуми дӯст кунам нақди ҷони хеш,
Хуш давлатест ин, ки ба як бор мерасад.
Бо ёри худ нишинию нӯшӣ майи нишот,
Бонги тараб зи гунбади даввор мерасад.
Хуштар зи даври бодаву базми висол чист,
Ин бахшише бувад, ки зи дилдор мерасад.
Ҳаргиз хумори май зи мизоҷам намеравад,
Ҳар лаҳза гарчи соғари саршор мерасад.
Саҳбо, ҳамеша шукри замони висол кун,
Ин давлате бувад, ки на ҳар бор мерасад.

* * *

Кош, он симбар аз ҷониби Рустоқ ояд,
Фараҳе дар дили пурҳасрати ушшоқ ояд.
Маҳваш ин аст, ки ҳам ҷон бараду ҷон бидиҳад,
Магар ин кор аз он дилбари қалмоқ ояд.
Гар ба гулзор равад, нола зи мурғон хезад,
Гар ба бозор равад, шӯр дар офоқ ояд.
Зоҳидо, риндаму ҳам бодапарастам хонӣ,
Чӣ туро сарфа аз ин туҳмати шилтоқ ояд?
Эй рақиб, ин қадарам лоф мазан, бим мадеҳ,
Чӣ зи дасти ту бар ин аҳмақи айғоқ ояд?
Воизи шаҳр кунад шуҳра ба дуридкашиам,
Оре, ин шева аз он дузди қарампоқ ояд.
Он бути ишвагарам шом наёмад боре,
Шукру сад шукр кунам, гарчи ба ишроқ ояд.
Рӯҳ бахшад ба танам хандаи шакаршиканаш,
Инчунин сеҳр аз он шӯхи хушахлоқ ояд.
Ба таманно, ки канам холи лабонаш, Саҳбо,
Тарки ҷаннат нанамояд, ба падароқ ояд.

* * *

Қади ман зи бори ҳаҷрат чу камон хамида бошад,
Ки зи сина тири оҳам ба фалак расида бошад.
Лаби лаъли ҷонфизоят, ки бувад зи шаҳд ширин,
Кӣ ба шавқу завқ ӯро шабаке макида бошад?
Шаби ғам  ҳама фиғоне бинамудам аз фироқат,
Чӣ кунам, яке ба гӯшат зи чӣ норасида бошад?
Чу барад паём қосид, кунам ин хаёл бо худ,
Ки ҳикояти фироқам, ҳама кас шунида бошад.
Асари намак чу бинам ба шароб, бас бидонам,
Ки ба ҷом қатраи май зи лабат чакида бошад.
Набарад ба ҳеҷ қонун зи хаданг ғайри лаззат,
Ба диле, ки тири ишқат, агарам халида бошад.
Чӣ хуш аст он ки Саҳбо ба каманди зулфи мушкин,
Ки дар ӯ фитода рӯзе, ба шаб орамида бошад.

* * *

Чу тарфи рӯйи ту аз гӯшаи ниқоб бароянд,
Зи  тахти абр ҳамоно, ки офтоб бароянд.
Ҷаҳон ба чашмаи хуршеди мавҷи нур фурӯ шуд,
Даме ки ҳусни ту аз пардаи ҳиҷоб бароянд.
Зи баски домани васлат наметавон ба каф орам,
Ки кори ошиқи мискин кай аз шитоб бароянд?
Китоби дафтари ишқаш чунин мазан варақ, эй дил,
Ки матлаби ту зи туғрои фаслу боб бароянд.
Бутон ба пеши рухат чун зананд даъвои хубӣ,
Ки кори меҳр кай аз дасти моҳтоб бароянд.
Ҳазор фол задам ман, ки доманаш ба каф орам,
Магар ки ин талаби ман ба вақти хоб бароянд.
Зи бори дарду ғаму ғусса қоматам чу камон шуд,
Ки тири нолаам аз дил ба  печутоб бароянд.
Ту базми бода мадеҳ зеб, эй аниси мувофиқ,
Ки дафъи нашъаи Саҳбо кай аз шароб бароянд?

* * *

Биёр бода, ки махмуриям зи по афканд,
Фиғони нолаи ман шӯр дар само афканд.
Гузаштӣ аз ману масти тағофулат дидам,
Бубин, ки бар сарам ишқи ту  моҷаро афканд.
Ба мулки ҳусн ту шоҳию аз ғурур надонӣ,
Чи ғуссаҳо, ки ғамат бар мани гадо афканд.
Нишонд мардуми чашмам фалак ба Даҷлаи хун,
Аз он даме ки зи васлат маро ҷудо афканд.
Нанолам аз ситами чарху бахти номасъуд,
Ки меҳри ишқи туро бар сарам ҷудо афканд.
Ҳазор шукр бисозам, ки гардиши айём
Маро ба суҳбати он шӯхи маҳлиқо афканд.
Ба пири майкада, Саҳбо, зи сархушӣ гуфтам:
Биёр бода, ки махмуриям зи по афканд.

* * *

Дар роҳи талаб пойи равон мешиканад,
Аз шиддати яъс ҷисму ҷон мешиканад.
Маълум бувад ҳоли дилам аз рӯяш,
Ранг аз ғами ишқ бегумон мешиканад.
Аз дарду ғами ишқ зи по афтодам,
Бори ғами ошиқӣ миён мешиканад.
Ҳар дам зи фалак ғусса ба дил меояд,
Ин шиша зи санги осмон мешиканад,
Дар базм чу даври бода барпой кунанд,
Ҳар ҷом ба мо расад, ҳамон мешиканад.
Мехонд яке дӯш ба гӯшам ин байт,
Яъне ба мисоли коҳ он мешиканад.
Тири ҳама ошиқон ба матлуб расид,
Навбат, ки ба мо расид, камон мешиканад.
Сар то қадамам мешиканад аз ҳасрат,
То зулфи худ он сарви равон мешиканад.
Саҳбо, ба ман он шӯхлабе аҳд намуд,
Сад бор чунин аҳду ба он мешиканад.

* * *

То зи пеши назар он сарви хиромон гузарад,
Новаки ғамзаи ӯ аз сипари ҷон гузарад.
Ҳар кӣ як бор бубинад рухи дилҷӯяшро,
Масту мадҳуш шавад, аз сару сомон гузарад.
Шӯр дар боғ фитад, валвала хезад зи чаман,
Аз пайи сайр агар сӯйи гулистон гузарад.
Олам аз накҳати ӯ мушкфишон мегардад,
Гар сабо аз сари он зулфи парешон гузарад.
То қиёмат расадам давлати ширинкомӣ,
Ҳарфи номи ман агар бар лаби ҷонон гузарад.
Зинда гарданд ҳама, пеши рухаш саҷда кунанд,
Масту бебок гар аз хоки шаҳидон гузарад.
Гар наёяд ба кафам домани васлаш, Саҳбо,
Мавҷаи ашки ман аз ҷӯшиши Уммон гузарад.

* * *

Он моҳваши шӯхи дилоро ба кӣ монад?
В-он холу хату сурату симо ба кӣ монад?
Он хандаи лаъли намакинаш ба чӣ монад?
В-он тарзи хирому қаду боло ба кӣ монад?
Инсоф деҳ, эй муҳтасибо, шаръ, Худоро,
К-он рӯйи гулу зулфи сумансо ба кӣ монад?
Дар гулшани хубӣ ту даро, хуб назар кун,
Он сабзаи тарфи рухи зебо ба кӣ монад?
Эй дил, ту барандеш бар он ҳусни назофат,
Абрӯи каҷу зулфи мубарро ба кӣ монад?
Дар оташи пуршӯри ҷаҳонсӯзи фироқаш
Ин пайкари бигдохта оё ба кӣ монад?
Бар ин ҳама зорию заифию низорӣ,
Ин ҷисми ситамдидаи Саҳбо ба кӣ монад?

* * *

Аз ман он маҳваши  сангиндили бераҳм бурид,
Пой якборагӣ аз маҳфили ин хаста кашид.
Гарчи умре  ба раҳаш доми умед афкандам,
Ҳамчу ваҳшӣ зи ман он оҳуи мушкин бирамид.
Орази меҳрсиришт аз назарам боз нуҳуфт,
Дил аз ин ғуссаву ғам хун шуду аз дида чакид.
Охир аз ханҷари бедоди ду чашми сияҳаш,
Тан бишуд бисмилу дар хок ба сад ранг тапид.
Дид ҳар кас агар он хубии рӯю хатту хол,
Ақл барбод заду пираҳани сабр дарид.
Аз ғами меҳнати ишқаш ҳама шаб то дами субҳ,
Оҳу фарёду фиғон кардаму ҳаргиз нашунид.
Он қадар шефтаи ҳусну ҷамолаш гаштам,
Мурғи ақлу хирад аз кохи димоғам бипарид.
Накунад ёди гулу майли гулистони Ирам,
Як гуле ҳар кӣ зи гулзори  ҷамолаш барчид.
Лутфу эҳсон гар аз он шӯх надидӣ, Саҳбо,
Шиква кам кун, ки аз ӯ ҳеҷ касе меҳр надид.

* * *

Қаддам зи ҷафову ситам он шӯх дуто кард,
Баргашта ба ҳоли мани дилхаста ниго кард.
Лаълаш ба шакарханда дилу ҷон зи танам бурд,
Чашми сияҳаш боз ба ман ҷавру ҷафо кард.
Як бӯса зи лаълаш талабидам ба ҳақиқат,
Рӯ тофт ба ноз аз ману андешанамо кард.
Ҷон бар лабам омад ба таманнои висолаш,
Ӯ роҳи тағофул заду изҳори ҳаё кард.
Он абрӯи шӯху сафи мижгони балоҷӯ,
Бар ошиқи маҳзуни ситамдида чиҳо кард.
Номи хуши он моҳ чунон аст, ки Саҳбо
Абёти ман имрӯз сари хеш фидо кард.

* * *

Хиром то зи қадат сарв шармсор шавад,
Ниқоб гир зи рух, хона чун баҳор шавад.
Табассуме бикуну шаъни ғунча барҳам зан,
Такаллуме бинамо, дур(р) камэътибор шавад.
Гиреҳ зи зулф кушо, базм анбаромез кун,
Фурӯз чеҳра, ҷаҳон рашки лолазор шавад.
Нигоҳи маст кун аз ноз сӯйи махмурон,
Ки чашми ҳасадхори ин замон хумор шавад.
Ҷамоли хеш бидеҳ зебу зевар аз ғамза,
Ки ошиқони ту беҳушу ихтиёр шавад.
Ту зулфи мушкфишон ҳалқа кун, эй шӯх,
Ки то ба доми ту мурғи дилам шикор шавад.
Агар ба гулшани ҳуснат кунад назар Саҳбо,
Ба субҳу шом навосанҷ чун ҳазор шавад.

* * *

Гуфтам: ба сар аз ишқи ту ғавғо нашавад, шуд,
Дил дар талаби рӯйи ту шайдо нашавад, шуд.
Гуфтам, ки равам хилвату фориғ бинишинам,
То рози дили хаста ҳувайдо нашавад, шуд.
Гуфтам, ки кунам сабр, зи дил нола баромад,
Ошиқ ба сари кӯйи ту расво нашавад, шуд.
Гуфтам, ки ниҳон кун рухи худ аз назари ғайр,
То шӯр дар ин доира пайдо нашавад, шуд.
Гуфтам, ки аз он холи сияҳ дида бибандам,
Ин дона маро мояи савдо нашавад, шуд.
Гуфтам, ки ман аз кашмакаши ишқ гурезам,
То меҳри ту дар синаи ман ҷо нашавад, шуд.
Гуфтам, нафитам дар хами он турраи таррор,
Вобастаи он силсила Саҳбо нашавад, шуд.

* * *

Чашмат ба фитна ҷон зи  тани хаста мебарад,

Рухсораат таровати гулдаста мебарад.

Дар доми турраат наравад дил ба ихтиёр,

Оинаи дили маро бишкаста мебарад.

Таълими ноз қадди ту бо сарв медиҳад,

Хатти ту зеби сабзаи навраста мебарад...

* * *

Савдои хами зулфи ту то бар сарам афтод,
Сад дарду алам бар дили ғампарварам афтод.
Азбаски зи ҳиҷрони ту ман ғусса кашидам,
Чун шуд дил маҷрӯҳу зи ҷисми тарам  афтод.
Аз оташи ҳиҷрони ту бас сӯхт  вуҷудам,
Сад шуълаи андуҳ ба хокистарам афтод.
Бе рӯйи ту ман хоби фароғат натавонам,
Хори алам аз ҳаҷри ту дар бистарам афтод.
Аз шиддати дарду табу андӯҳи фироқат,
Сад ларзаи ҷонкоҳ дар ин пайкарам афтод.
Ҳар ғусса, ки аз меҳнати ишқи ту кашидам,
Хун шуд ҷигар аз дида ба ҷайбу барам афтод.
Аз ёди ғами васли ту хун шуд дили Саҳбо,
Шӯробаи ҳасрат ҳама дар соғарам афтод.

* * *

Ҷамоли ту чун меҳр рахшанда бошад,
Ба пеши қадат сарв чун банда бошад.
Хату холҳои ту бар даври рӯят,
Чӣ хуш лоиқу хубу зебанда бошад.
Зи бурҷи шараф моҳи ҳусни ту, ё Раб,
Ки то бандаам, бо туам банда бошад.
Зи лаъли лаби ҷонфизойи ту бӯсе,
Ки бо накди ҷону дил арзанда бошад.
Чу дидӣ маро, рӯй пинҳон намудӣ,
Ба ҳар хандаи ман туро ханда бошад.
Шавад то чаман сабзу гулзор хуррам,
Чу шамшоди қаддат фарозанда бошад.
Зи рашки ҷамолат бутон аз хиҷолат,
Ба пеши ту ҳар як сарафканда бошад.
Фикандаст ҳусни ту имсол шӯре,
Бинобар Худо соли оянда бошад.
Маяфкан ту аз дида Саҳбо худ ӯро,
Ки ҳарчанд нолоиқу ганда бошад.
Маро кард ишқи ту охир қаландар,
Кунун ҷома андар танам ҷанда бошад.
Бинозам ба чашмони сеҳрофаринат,
Ҳам ошиқкушу ҳам фиребанда бошад.

* * *

Дӯстон, арзу ниёзи ман ба ёри ман  баред,
Шарҳи аҳволам ба он гулгунсавори ман баред.
Ман, ки гаштам аз ғами ҳиҷрон шаҳиди нози ӯ,
Ба раҳи номеҳрубондилбарфирори ман баред.
Ё паёми васл аз он кӯҳи тамкин оваред,
Ё ки бетобӣ зи ҷисми беқарори ман баред.
Гаштаам овора аз кӯяш ман аз бечорагӣ,
Чорае созеду ӯро бар диёри ман баред.
Ӯ, ки сӯйи ман наояд гар ба сад арзи ниёз,
Ҷони бекадр аз тани беэътибори ман баред.
Гар намеояд ба гулгашти чаман он сарви ноз,
Хуррамӣ  якбора аз боғу баҳори ман баред.
Гар ба коми мо нашуд як рашҳа, Саҳбо, аз лабаш,
Як ҷаҳон ҳасрат зи табъи пурхумори ман баред.

* * *

Гар аз сӯйи ту моро оварад қосид нишон коғаз,
Фишонам бемуҳобо накди ҷону дил бар он коғаз.
Магар дар нома вақти мухр кардан судаӣ лабро,
Ки дод ин пайкари афсурдаамро тоза ҷон коғаз.
Ба ҳангоми рақам бар сафҳа рӯят партавафкан шуд,
Ки дорад дар назарҳо рангу бӯйи гулситон коғаз.
Варақгардонии воиз назебад суҳбати моро,
Каси оқил намесозад ба оташ имтиҳон коғаз.
Чӣ сон ҳоли дили хунгаштаро бар саҳфа бинвисам,
Шавад аз дуди оҳам ҳамчу сақфи осмон коғаз.
Ман  аз доғи ҷудоӣ гар ба ту мактуб нафристам,
Ҳадиси дарди ҳиҷронро намесозад аён коғаз.
Чӣ сон созам рақам ман аз ҳуҷуми ашк рози дил,
Ки мебинад заволи нақш аз оби равон коғаз.
Рақиби шуми бадкирдори нокас гар маро бинад,
Ба чандин изтироб, албатта, месозад ниҳон коғаз.
Ба роҳи ишқ ин як шева доим бас бувад, Саҳбо,
Миёни ошиқу маъшуқ бошад тарҷумон коғаз.

* * *

Эй насими субҳдам, аз кӯйи ҷонон  кун гузар,
Дар мақоми он маҳи тобон бикун некӯ назар.
Гар бувад  дарбораш аз лавси рақиби шум пок,
Он замон бар остони ӯ фикан худро ба сар.
Бо ҳазорон аҷз бар хоки дараш кун саҷдаҳо,
Баъд аз он бар ҳазраташ номи мани маҳзун бибар.
Ҳарчи дидӣ бар мани дилхаста аз дарди фироқ,
Як ба як дар пеши он сарви сиҳиболо шумар.
Гӯ, ки ӯ аз дарди ҳиҷронат саропо доғ шуд,
Хуни ҳасрат меравад аз дидааш шому саҳар.
Он қадар аз шиддати ғам пайкараш афсурда шуд,
Бар сари роҳи ту афтодаст аз худ бехабар.
Ҳарфи айшу ишрат аз ёду хаёлаш рафтааст,
Дорад андар ранҷрӯйиву парешонӣ сафар.
Нолаву фарёди ӯ гӯши Зуҳалро карда кар,
Бар дили сангинат, эй маҳрӯ, намесозад асар,
Ҷоми ҳолашро набошад қатрае Саҳбои айш,
Ташнаи васл аст, яъне қисса кардам мухтасар.

* * *

Гаштаам аз ҷавру зулми он бути хунхор хор,
Кард моро оқибат он шӯхи дилозор зор.
Ишқи бебокаш маро ҳар дам ба ранге мекушад,
Мезанад бар синаам аз орази гулнор нор.
З-интизораш рӯзу шаб аз дидаам хун мечакад,
Кай шавад, ё Раб, маро он дилбари айёр ёр.
Дам ба дам дар орзуи дидани меҳри рухаш,
Бо ҳазорон ҷустуҷӯ дар кӯчаву бозор зор.
Ҷоми май бе лаъли ширинаш маро лаззат надод,
Беҳ бувад, бошад маро аз кулфати хуммор мор.
Ҳар куҷо бе ӯ ниҳам по, кулфатам ояд ба сар,
Меписандам з-он ки аз нодидани дилдор дор.
Ин фиғону нолаи ман аз фалакҳо бигзарад,
Баски шуд он бевафо умрест бо ағёр ёр.
Гардани дилҳои муштоқон фурӯ орад ба қайд,
Дилкушо дид як дам аз он зулфи сунбул тор-тор.
Ҷону тан афсурда шуд, Саҳбо, зи ранҷи он санам,
Боз аз қатлам надорад шӯхи бадашъор ор.

* * *

Якчанд дил зи ҳаҷри ту, эй сарви гулъузор,
Месӯхтам дар оташи ишқат сипандвор.
Ваҳ, оқибат хаёли хами зулфу турраат,
Яксар рабудаанд зи ман ҳушу ихтиёр.
Сар то қадам ба ёди ту гаштам таронасанҷ,
Азбас ғами ту рехт ба дил чархи бадшиор.
Фикри даҳонат ар ба адам мекушад маро,
Лаъли ту лек мекунадам тозаҷоннисор.
Ё шавқи меҳри худ зи дили ман тамом бар,
Боз аз майи висол бидеҳ ҷоми хушгувор.
Хун мехӯрам мудом чу Саҳбо зи ранҷи ту,
Бишкаст шишаву қадаҳам дар ғами хумор.

***

Чаро ба кулбаи эҳзони ман намеоӣ,
Наменамоӣ магар бо ман он гули рухсор.
Чӣ аҳдҳо, ки миёни ману ту шуд қоим,
Кунун магар ҳама рафт аз хаёлат, эй дилдор.
Намекунӣ пас аз ин ёди уфтодаи худ,
Намекунӣ ту магар сӯйи ин ҳақир гузор.
Чӣ саҳв аз мани нодон шуд, ин ки баргаштӣ,
Ба табъи нозукат аз ман магар расид ғубор?
Мизоҷи поки ту аз ман магар тамом гирифт,
Фикандиям зи назар хору зор чун  ағёр.
Агар зи ман ту ба қаҳру ғазаб наранҷидӣ,
Чаро ба лутф насозӣ чу аз ғамат саршор.
Маронам аз дару пиндор чун саги кӯят,
Агарчи чун саги кӯйи ту нестам ба шумор.
Ба ҳаққи орази гулгуну зулфи мушкинат,
Чунин харобу залилу шикастаам магзор.
Сафинаи дили ман ғарқи баҳри ҳиҷрон аст,
Карам намову маро аз  муҳит берун ор.
Кунун кӣ ҳамдами васл аст бо ту имшабу рӯз,
Кӣ мекунад зи шароби лаби ту дафъи хумор?
Зи гулситони ҷамоли ту гул кӣ мечинад?
Кӣ ҷони худ ба ду чашми ту мекунад исор?
Каломи рӯҳфизоят кӣ гӯш месозад?
Ҳадиси васфи ҷамолат кӣ мекунад такрор?
Ба хоки по-т кӣ сар мениҳад ба аҷзу ниёз?
Кӣ ноласанҷи гули рӯйи туст ҳамчу ҳазор?
Кунун чӣ созаму бо хештан чӣ чора кунам?
Ба ҷуз дуои ту, эй моҳи оташинрухсор.
Куҷо  ки мераваму бо касе, ки менигарам,
Ба ҷуз рухи ту наёяд ба дидаи хунбор.
Агар ба хок ниҳам рух ба ёди бӯси кафат,
Бад-он умед, ки з-ин роҳ кардаӣ ту гузор.
Гаҳе ба шарфаи пойи касон намоям гӯш,

Дар интизор нишинам ба ҳар таҳи девор.
Талаб кунам зи Худованди осмону замин
Ба аҷзи беҳаду оҷизии фузунмиқдор.
Ки эй шифонеҳи захми ситамкашони ҷаҳон,
Ки эй табиби дили бекасони синафигор,
Ба ҳаққи Каъбаи кӯйи бутони сангиндил,
Ба ҳаққи оразу меҳроби абруйи дилдор,
Зи чашми пурнами Саҳбои дилфигори ҳазин
Ғубори мақдами он ҷаврпешаи давр биёр.

* * *

Маро мутолиаи рӯят аз ҷаҳон хуштар,
Ки як назораат аз мулки ҷовидон хуштар.
Шамими зулфи ту беҳтар бувад зи накҳати мушк,
Ҳарими кӯйи ту аз равзаи ҷинон беҳтар.
Даме ба гулшани ҳусни ту дида бикшудан
Ҳазор мартаба аз сайри  бӯстон хуштар.
Талиаи рухи хубу сафои орази ту,
Зи тобиши маҳу хуршеди осмон хуштар.
Қади чу сарви ту дар бӯстони раъноӣ
Ҳазор бор зи шамшоду арғувон хуштар.

* * *

Эй, ба ёди оразат дил метапад шому саҳар,
Шуд танам афсурдаву аз ман намегирӣ хабар.
Чашми бадмастат ба ҳар мижгон задан хунам бирехт,
Ҳаргиз аҳволам намепурсӣ ту, аз ман бехабар.
Лаъли ширинат, ки дорад дар бағал оби ҳаёт,
Аз чӣ дар ҳар ханда ҷонам мекунад зеру забар.
Як сари мӯ ҳалқаи зулфат надорад ростӣ,
В-арна дар роҳи вафову аҳд мебастӣ камар.
Дар хами гесӯи мушкинат дилу ҷон шуд асир,
Кай кунӣ аз лутф бар ин бастаи домат назар?
Як тараф теғи нигоҳу як тараф тири мижа,
Мезанад бар синаам гаҳ тир, гоҳе нештар.
Хонаи сабрам шуд аз дарди ғами ишқат хароб,
Ҳаргиз аз лутфу карам бар ман ту нанмудӣ назар.
Он қадар дар ҳасратат оҳу фиғон бардоштам ,
Бар ту, эй бераҳм, фарёдам намесозад асар.
Нест моро шеваи изҳори номат, эй санам,
Баҳри номат медиҳад исбот Саҳбо лингу сар.

* * *

Дилам ба ёди висолат имшаб чу шамъ дорад шарора бар сар,
Танам-баноту лабам– пиёла, рухам чу коҳеву наъш–озар,
На айшу ишрат ба рӯзгорам, на сабру тоқат дар ихтиёрам,
Ба боғи олам чӣ хору зорам, ману фироқу ду дидаи тар**.**
Гаҳе бигирям, гаҳе бинолам зи ҳаҷри фурқат, зи дарди дурӣ
Шавад ду рӯям чу коҳ зарду шавад ду чашмам чу чашми соғар.
Дар ин замона маро на ёрӣ, ба кунҷи меҳнат на ғамгусорӣ,
Гузашт умрам ба беқарорӣ, бирафт сабру сукунам аз бар.
Парид рангам зи ғусса, аз зӯри дард гаштам заиф чун мӯ,
Зи ғам ниҳодам чу сар ба зону, зи сӯзи дури-т шудам чу ахгар.
Ғами фироқу ҷафои ҳиҷрон рабуд сабру гирифт тоқат,
Чӣ сон бисозам давои дурӣ, ки дар азобам зи наҳси ахтар.
На субҳи хуррам, на шоми беғам, на рӯзи ишрат, на шаб фароғат,
Зи интизорӣ ҳамеша дорам ду чашм бар раҳ, ду гӯш бар дар.
Маро замоне шуд ончуноне, ки уфтодам ба кунҷи ғурбат,
На ёри ҳамдам, ки ӯст маҳрам, на базму ишрат, на даври соғар.
Зи дӯст дурам мани шикаста, ду чашмам аз ғам ба хун нишаста,
Ба ҳоли маҳзун, ба ҷони хаста, на ҷӯш дорам, хурӯши маҳшар.
Зи ман ту, эй ҷон, чӣ дидӣ охир, буридӣ охир, ки тори васлат
Ту доман аз ман кашидӣ охир, гирифтӣ як бор ҳушам ту аз сар.
Ба сӯйи базмам намехиромӣ, намефиристӣ гаҳе паёме,
Ба ҳоли зорам чӣ талхкомӣ, дар инбисотам намудӣ шаш дар.
Гаҳе паёме фирист моро, сулуки дерин макун ту барпо,
Накун ба сӯят хатар ту иншо, ба ҳаққи фазли карими довар.
Хати муҳиббон фараҳ физояд, паёми ёрон дилам кушояд,
Ки аз ту мужда ба сӯям ояд, нишоту айшам шавад муқаррар.
Макун ту маҳвам зи лавҳи хотир, манам ба роҳат ҳамеша нозир,
Зи дарди фурқат шудам мусофир, бирафт тоқат зи ман саросар.
Мабанд чашми карам зи оҷиз, даме ба ҷонам зи лутф овез,
Бикун тараҳҳум ба чашми Саҳбо, кунам дуои ту то  ба маҳшар.

* * *

Зи ҳаҷри рӯйи ту азбаски гаштаам ранҷур,
Чунон ки заъф зи ҳар узви ман намуд зуҳур.
Агар ба лутфу тараҳҳум маро набинвозӣ,
Шавам фитодаи роҳи ту то дамидани сӯр.
Хаёлат аз дилу шавқат зи сар нахоҳад рафт,
Ба гашти ҳафтаву моҳу ба рафти солу хур.
Ба ёди дидани рӯйи ту, эй хазинаи ҳусн,
Гузаштаам зи хаёли биҳишту ҳуру қусур.
Зи ҳаҷри рӯйи ту, эй сарви оташинрухсор,
Намондааст ба дил сабру дар бадан мақдур.
Зи баски аз ғаму дарди ту нолаҳо кардам,
Дар ин замона ба ишқи ту гаштаам машҳур.
Ба ҷуз рухи ту маро шамъи маҳфиле набувад,
Маро зи баҳри чӣ аз васл кардаӣ маҳҷур.
Ба як карашма рабудӣ зи дил қарору сукун,
Кунун зи дидаи ман рӯйи хеш кардӣ дур.
Гаҳе зи лутф ба Саҳбои дилфигор нигар,
Ба гирди хирмани маҳ, пеш аз он ки шавад кӯр.

* * *

Қадат чӣ? – Сарв. Сарв чӣ сон?- Сарви боровар.
Рухат чӣ?- Моҳ. Моҳ чӣ сон ? - Моҳи меҳрсипар.
Лабат чӣ?-Шаҳд. Шаҳд чӣ сон?- Рӯҳфизо.
Хатат чӣ?- Сабза. Чӣ сон сабза?-Сабзаи ахзар.
Сипаҳ чӣ?- Хайл. Хайл баҳри чӣ?- Пайи ғорат,
Куҷо ба мулки дилу ҷон?- На, балки по то сар.
Ҷигар чӣ туҳфа?- Хун. Баҳри чӣ?- Зи новаки ишқ,
Чӣ ишқ?- Ишқи ту, ки кард рӯзӣ нақши сувар.

Умед аз чӣ?- Зи васлат. Чӣ рӯз?- Рӯзи нишот,
Нишот, ки ту дар он гаҳ-гаҳе ойим дар бар.
Нигоҳ чист?- Ду ҷоду. Чӣ сон?- Баҳри фиреб,
Фиребу сеҳр ба ман на ба ҷумла аҳли башар.
Фиғону нола .- Аз чӣ?- Аз ҷафои ёр. Чаро?
Зи баҳри он ки ба Саҳбо накард ҳеч назар.

* * *

Қанди лаби лаълат надиҳам бар шакари Миср,
Нутқат накунам вазн ба ҷуз моли тари Миср.
Лабҳои ту як хандаи ширини сафар шуд,
Ӯро натавон дод зи по то ба сари Миср.
Як лаҳза тамошои рухи меҳрфиребат
Додан натавон бо ҳама дурру гуҳари Миср.
Ҷаъди шикан андар шиканат бурд ба ҳар хам,
Чун турк ба яғмо дили аҳли гузари Миср.
Ин хубию зебоию ҳусне, ки туро ҳаст,
Шарманда шавад аз ту ҳамон гулбасари Миср.
Нодида туро майл намуданд ба Юсуф,
Равшан бувад ин нукта ба соҳибназари Миср.
Саҳбо, зи наботи лабат умед надорад,
То он ки бувад ному нишон аз асари Миср.

* * *

Қадат сарву рухат моҳи мунаввар,
Хатат мушкину гесӯят муанбар.
Лабат ёқути тар бо лаъли сероб,
Даҳонат ҷоми май бо тунги шаккар.
Яке аз ноз бо ман ишва кардӣ,
Рабудӣ сабр аз дил, ақл аз сар.
Ҷамолат аз ниқоби  ҳусн пӯшон,
Ки то пайдо нагардад рӯзи маҳшар.
Агар аз ғамза барбандӣ миёнро,
Чӣ ояд дар камар ҷуз мӯйи лоғар?
Битоб аз зери кокул нисфи рухро,
Ки то бо рӯз гардад шаб баробар.
Бигир аз шавқ охир ҷоми Саҳбо,
Бинӯш ӯро ба нози чашми дилбар.

* * *

Ҷамолат аз маҳи тобон маҳинтар,
Хатат аз сунбулу райҳон маҳинтар.
Қадат сад бор аз шамшод некӯ,
Ду гесӯят зи набзи ҷон маҳинтар.
Арақ андар гули рӯйи ту, эй маҳ,
Бувад аз қатраи борон маҳинтар.
Бувад ҳар тори зулфи мушкбезат,
Ки аз сад риштаи имон маҳинтар.
Ба рӯйи дилкашат холи муҷалло
Зи тарфи кавкаби рахшон маҳинтар.
Ба даври оразат хатти муанбар,
Ки аз сад сабзаи бӯстон маҳинтар.
Саропо пайкари нозукмизоҷат,
Маҳин аз ҳарчи ин аз он маҳинтар.
Маро ҳар ваъдае кардӣ, бидодӣ,
Бувад аҳди ту аз паймон маҳинтар.
Зи лаъли дилкашаш як қатра Саҳбо
Маро аз чашмаи ҳайвон маҳинтар.

* * *

Меравӣ бо ишваву ой ба ноз, эй гулъузор,
Шӯрише з-ин рафтуомад менамой ошкор.
Гул зи рашки рӯят аз шабнам арақ меоварад,
Аз тароватҳои ҳуснат  мебарад хиҷлат баҳор,
Мезанад тарзи хиромат таъна бар кабки дарӣ,
Чашми мастат мекашад аз бода таъсири хумор.
Лаъли ширинат ҳаловат мерабояд аз шакар,
Турраи анбарфишонат мекунад аз нофа ор.
Ғунча мегардад зи рашки хандаат хуни ҷигар,
Мешавад гул аз фурӯғи оразат беэътибор.
Реш шуд сар то ба пойи ман зи теғи ғамзаат,
Мекашад сад нола сар ҳар лаҳза аз ҷони фигор.
Доманафшон гар равӣ, эй сарви ноз,  аз пеши чашм,
Меравад аз ҷони Саҳбои ҳазин сабру қарор.

* * *

Нола аз савдои зулфат шуд расо, эй сарафроз,
Аз сари мастӣ ҳанӯз, эй шӯх, мекӯшӣ ба ноз.
Зоҳиду зуҳду риёву ҷаннату ҳуру қусур,
Мекунам умрест ман дар тоқи абрӯят намоз.
Рози ишқатро чӣ сон дар пардаи дил во ниҳам,
Зери коҳ оташ кунӣ, пинҳон кӣ созад сарфароз.
Ёди хатат кардаам, шерозаи ақлам гусехт,
Шуд дилам аҷзои дарди ишқро маҷмӯасоз.
Ҷуз мақолоти ғами ишқат маро такрор нест,
Баски дарси дафтари табъи ту дорад эҳтироз.
Интизорат дидаамро ҳалқасон дорад ба дар,
Кай бурун орӣ маро аз интизор, эй сарфароз.
Номаи Саҳбо, агар пайки сабо сӯят барад,
Сар ба сар пеши ту ин коғаз диҳад шарҳи ниёз.

* * *

Ҳамчу анқо ибратам, аз ҳарфу пайғомам мапурс,
Ман ҳамон овораам, аз шуҳрату номам мапурс.
Аз вуҷудам то адам як ҷунбиши мижгон бувад,
Чун хати паргор аз оғозу анҷомам мапурс.
Мекашам умрест з-ин майхона ташвиши хумор,
Рӯзу шаб хун мехӯрам, аз гардиши ҷомам мапурс.
Чун пари коҳ аз азал афтодаам дар раҳни бод,
Хонабардӯши табу тобам, зи оромам мапурс.
Аз азал, Саҳбо, шудам вобастаи зулфи бутон,
Пойбанди ибратам аз ҳалқаи домам мапурс.

* * *

Кай тавонад, ки кунад фитна муҳайё наргис,
З-ин сабаб нест ба чашмони ту ҳамто наргис.
Умрҳо баҳри чӣ чун дидаи ҳайрон бошад,
Ки магар кард ба чашми ту нигаҳ во наргис.
Шуд ба акси найи наргис ба ҳақиқат, яъне
Аз мижа чашми ту ҳамчун найи боло наргис.
Зи пайи ҷоизаи мақдамат аз шабнами тар
Орад ҳар шому саҳар луълӯи лоло наргис.
Ҳар куҷо чашмат агар боз кунад маҳзари ноз,
Баъд аз он ҳеч надорад лаби даъво наргис.
Гар бипурсанд, ки ҷамъияти эъҷоз кирост?
Сӯйи чашми ту ба чашмак кунад имо наргис.
Фитнаву мастиву ноз аст ба чашми ту, вале
Сар ба сар ҳаст аз ин ҷумла мубарро наргис.
Гарчи бо чашми сияҳмасти ту ҳам мушкил буд,
Лек бо ин ҳама норафта ҳам аз ҷо наргис.
Ин ҳама ғамзаву сеҳр омада ӯ сурати маҳз,
Фарқи бисёр зи чашми ту бувад то наргис.
Гаштаам маст ман аз нашъаи чашми сияҳаш,
Нест огоҳ зи кайфияти Саҳбо наргис.

* * *

Аз доми ишқи ӯ нараҳидаст ҳеч кас,
Ҳарфе аз он даҳон нашунидаст ҳеч кас.
Дар орзуи бӯсу канораш фано шуданд,
Он сарвро ба бар накашидаст ҳеч кас.
Сад захми хор дида, валекин яке гуле
Аз гулшани висол начидаст ҳеч кас.
Ҷон додаву ба доғи таманно-ш сӯхта,
Аҳду вафо зи ёр надидаст ҳеч кас.
Бо сад ҳазор саъю ҳунар бол рехта,
Дар авҷи муддао нарасидаст ҳеч кас.
Аз дарду доғи ҳаҷр гиребони хешро
Ғайр аз мани ҳазин надаридаст ҳеч кас.
Дар роҳи ишқи ӯ чу мани зору дилфигор
Ҷон додаву ғамаш нахаридаст ҳеч кас.
Саҳбо мисоли хаставу бемор гаштааст,
З-он лаъл шарбате начашидаст ҳеч кас.

* * *

Биё, эй килки мушкин, нома ба он дилрабо бинвис,
Ғаму дарду фироқи ҳаҷр ҳар якро ҷудо бинвис.
Саводи бахти номасъуди моро ҳам рақам фармо,
Саропо хун шуданҳои дили бемуддао бинвис.
Шафақгун гаштани ашки ду чашми интизорам гӯ,
Хазон гардидани рангам ба он ноошно  бинвис.
Шудан фарши замин чун нақши по ин ҷисми бас зорам,
Ба он шӯхи ҷафоҷӯ,  тудхӯйи бевафо бинвис.
Чу Маҷнун сар ба саҳро мондан, аз хонумон ҷастан,
Саросар шарҳи аҳволам ту аз баҳри Худо бинвис.
Бигӯ, аз дарди ҳиҷрон дам ба дам ҳолаш забунтар шуд,
Яке бинвоз Саҳборову дардашро даво бинвис.

* * *

Аз чӣ рӯ рафт аз мани дилхаста таъсири нафас,
Метапад мурғи дилам ҳар лаҳза дар кунҷи қафас.
Бодаи гулранг ақлу ҳуши ӯро кам рабуд,
В-арна бо чавгони долаш бурдаам ман гӯй пас.
Он, ки гул бишкуфтааст аз бода ранги оразаш,
Кай кунад сайри гули гулзорро бо худ ҳавас.
Бе маю мутриб абас аз каф мадеҳ айёми умр,
Гашт бунёди ҷаҳон чун фурсати бонги ҷарас.
Соқии гулрӯ талаб кун, бодаи гулранг нӯш.
Хонаи ишрат биоро, то туро бошад ҳавас.
Дарди оламро ба ғайр аз май даво нанвиштаанд,
З-он ки оташ мегудозад хирмани ҳар хору хас.
Аз азал бошад гар андар коми Саҳбо даври ҷом,
Кай шавад тағйир ин тақдиру монад он ба кас.

* * *

Шоми фироқро зи шаби интизор пурс,
Аҳволи дил зи новаки дилдӯзи ёр пурс.
Шодона завқи айш зи субҳи висол ҷӯй,
Дарду ситам зи нози бути гулъузор пурс.
Сӯзу гудози шамъ зи парвона боз хоҳ,
Носури захми синаи булбул зи хор пурс.
Таълими дарси ишқ зи Маҷнуни мо бигир,
Одобу рамзи ишва зи Лайлиузор пурс.
Афғону нола аз дили маҷрӯҳи мо шунав,
Нозу итоб аз нигаҳи масти ёр пурс.
Хуршедро зи рӯйи арақрез нусха гир,
Оби ҳаётро зи хати мушкбор пурс.
Талхии роҳи ҳаҷр зи Саҳбо ту гӯш кун,
Кайфияти шароб зи соҳибхумор пурс.

***

Дилам хун мехӯрад умре ба ёди нашъаи ҷомаш,
Таманное ҳанӯзам бар сар аст аз шӯри бодомаш.
Ҳавои донаи холаш чунин фарши заминам кард,
Ки охир мурғи дил афтод андар ҳалқаи домаш.
Намедонам чӣ гул дар парда дорад ҷавҳари ҳуснаш,
Сафои меҳру маҳ сар мезанад аз ҳар лаби бомаш.
Кадомин бевафо дилро ба яғмо мебарад аз ман,
Намедонам хабар як зарра аз оғозу анҷомаш.
Ба шоми ҳаҷр дар худ метапидам аз сияҳбахтӣ,
Намеорад ҳанӯзам қосиди гумгашта пайғомаш.
Хароби кишвари ҷон кард турки чашми бадмасташ,
Қарору сабр бурд аз ман лаби лаъли майошомаш.
Муяссар нест, эй Саҳбо, тавофи Каъбаи ҳуснаш,
Агарчанде дар ин раҳ бастаӣ умрест эҳромаш.

* * *

Зери бори кулфатам аз бахти номасъуди хеш,
Баски бар шаш сӯ давидам, во надида суди хеш.
Мехалад хори ҷафо бар синаи маҷрӯҳи ман,
Гар кунам чандин таманнои гули мақсуди хеш.
Банд- бандам шуд магар мулки ғаму вақфи алам,
Ҳар кӣ меҷӯяд маро, ёбад зи мавҷи ҷуди хеш.
Пайкари афсурдаам аз шӯриши дил об шуд,
Баски меҷӯям суроғ аз буду аз нобуди хеш.
Дарду доғи бекасӣ ҷисми заифамро гудохт,
Нест ғайр аз нолаву афғон маро беҳбуди хеш.
Он қадар дарди ғарибӣ синаамро реш кард,
Мерасонам бар фалакҳо оҳи дардолуди хеш.
Оташи ғам мекашад сар аз дилам ҳар субҳу шом,
Мекунам ҳар дам фалакҳоро сиёҳ аз дуди хеш.
Нест кас, эй дӯст, бар ҳолам бупардозад даме,
Мекунам аз дарду ғам ман нола бар масъуди хеш.
Кош, будӣ бо мани вомонда ёри ғамгусор,
То намегаштам забуни дарди номасъуди хеш.
Ҳамдами ман рӯзу шаб дарду фироқи нокасист,
Фориғ аз кулфат надидам чашми ғамфарсуди хеш.
Синаи Саҳбо зи дарду ғам басе маҷрӯҳ шуд,
Ҳоли зори ӯ намепурсӣ магар аз ҷуди хеш.

* * *

Ба рақс ояд дили маҷрӯҳам аз зулфи парешонаш,
Биларзад ҷисми зорам ҳар замон аз тири мижгонаш.
Чӣ сон он сарви нахлу қоматашро метавон санҷид?
Занад сад таъна бар шамшод к-он сарви хиромонаш.
Шавад ошуфта сунбул ҳар замон аз накҳати мӯяш,
Кунад пажмурда гулро дар гулистон рӯю рухсораш.
Миёни нозукаш нозуктар аст аз риштаи ҷонҳо,
Дамодам писта мегардад хиҷил аз лаъли хандонаш.
Ба ҳар як тори гесӯяш ҳазорон ҷон бувад пайванд,
Ҳазорон дил бувад афтода дар чоҳи занахдонаш.
Давидам умрҳо девонасон дар роҳи ишқи ӯ,
Ҳанӯз, эй дӯстон, дар дида пайдо нест тобонаш.
Муқими кӯҳи дарду ғам чу Саҳбо кас намебошад,
Тавон фаҳмид ҳоли синааш аз чашми гирёнаш.

* * *

Тобиши меҳр мебарад арзи ҷамол доданаш,
Пардаи ғунча медарад лаб ба сухан кушоданаш.
Дар дили нофаи Хутан хун зи ҳасад гиреҳ занад,
Аз хами зулфи пуршикан чину гиреҳ кушоданаш.
Сабру қарору ақлу дил мебарад аз диёри тан,
Кокули мушкфоми ӯ то ба камар фитоданаш.
Бар сари суфраи ҷаҳон бонги салои айш зад,
Аз сари нозу дилбарӣ ғоза ба рух ниҳоданаш.
Шӯриши рӯзи ҳашрро  рост кунад ба як адо,
Ҷилвакунон гузаштану бар сари по ситоданаш.
Маҳваши сеҳрофарин  бар ҳама кас аён кунад,
Фитнаи хобрафтаро сурма ба чашм соданаш.
Теғи ҷафои ӯ маро, Саҳбо, шаҳид карду лек,
Нуфхаи рух медиҳад мужда фиристоданаш.

* * *

Қилуқоле доштам бо хеш аз ишқи ту дӯш,
Ҳамчу най омад бурун аз ҷони афгорам хурӯш.
Лаҳзае кардам ба худ фикри миёни нозукат,
То ки дидам риштаи мавҳуму додам ақлу ҳуш.
Як табассум аз лабат созад маро саршори шаҳд,
Як нигоҳ аз наргиси мастат маро орад ба ҷӯш.
Ҷилваи ҳусни ту сар то по маро тасхир кард,
Ғайри савти ишқ оҳангу наво н-ояд ба гӯш.
Аз ҳуҷуми шавқ гаштам он қадар зору заиф,
Баски умре мекашам ман бори ишқатро ба дӯш.
Накҳати зулфи ту дорад дастгоҳи мушки тар,
Чашми махмури ту созад кори пири майфурӯш.
Соғари Саҳбо ба базми айш пур созӣ агар,
Он замон аз шаш ҷиҳат ояд садои нӯш, нӯш.

* * *

Шӯхе, ки манам шефтаи меҳри ҷамолаш,
Дилдодаи чашми сияҳу турраву холаш.
Ҳарчанд ба ман ҷавру ситам мекунад он моҳ,
Хоҳам зи Худованд фузунии камолаш.
Зоҳид, ту мазан таънаву инсоф деҳ имрӯз,
Дар доираи даҳр кӣ дидаст мисолаш.
Шарманда шавад кабку зи роҳу равиш афтад,
Тӯтӣ равад аз хеш зи хубии мақолаш.
Дар маркази ушшоқ гарам ҷой надорад,
Сад шукр кунам, гар бирасад саффи ниолаш.
Хам гашт қадам дар талаби дидани абрӯ-ш,
Бигзашт маҳу сол надидам ҳилолаш.
Хурсандию шодӣ ба мани хаста рух овард,
Дар хоб магар дидаам имрӯз хаёлаш.
Барбод диҳӣ накду тавоноии худро,
Бисёр макун ҷаҳд ба савдои висолаш.
Саҳбо, ту аз ин қайд раҳоӣ натавонӣ,
Азбаски фитодӣ ба хами зулфи чу долаш.

* * *

Гардани ҷонам нашуд з-он ҳалқаи гесу халос,
То шавад дил як замон аз зулми он бадхӯ халос.
Метапам умрест чун бисмил бароят рӯзу шаб,
З-он ки як дил нест аз он ҳалқаи гесӯ халос.
Дар раҳи ишқаш чунон растам ман аз номусу нанг,
Ҳамчу гул фасли хазон гардад зи  рангу бӯ халос.
Хок гаштам, баъд аз он фарши раҳи ҷонон шудам,
З-ин  сабаб гардидаам аз дарди ҷустуҷӯ халос.
Пайкарам дар ишқи он хуршед шуд зору заиф,
Заррасон гардидаам аз қуввати бозу халос.
Сад ҷаҳон дил дар хами зулфи сумансо бастааст,
Аз каманди ӯ дили мо ҳам нашуд з-он рӯ халос.
Эй, хуш он соат, ки дар васлаш тарабҳо доштам,
Он замон будам ман аз дарду ғами шаш сӯ  халос.
Сар ба сар хун шуд дилу аз дидайи зорам чакид,
З-он ки як дил кай бувад з-он наргиси ҷоду халос.
Охир афсурдем, Саҳбо, аз ғаму дарди фироқ,
То ки аз мо дар ҷаҳон шуд он бути дилҷӯ халос.

* * *

Умрҳо шуд кардаам аҳволи худ бо ёр арз,
Бар дили сангини ӯ ҳаргиз насозад кор арз.
Ҳар сари мӯйи ман изҳори таҳайюр мекунад,
Кардаам з-ин сон ба пеши он парӣ бисёр арз.
Гар ман аҳволи дили ғамгин нагӯям пеши ӯ,
Мекунад як-як ҳама бо дидаи хунбор арз.
Вонамудам дарду доғи ҳаҷр аз пайки насим,
Кӣ  кунад, ё Раб, ба пеши он парӣ изҳор арз?
Меҳнати андуҳи ман аз хатти ҷайбам зоҳир аст,
Варна  ҳоли хеш мекардам ба ӯ ночор арз.
Чашми пурхуну қади хамгаштаро гӯям ба ӯ,
Медиҳад табъи шарифашро басе озор арз.
Маст агар гардад, ҳиҷоби шарм бардорад зи пеш,
Баъд аз ин, Саҳбо, ба ӯ кун ҷуръаи саршор арз.

* * *

Ба чандин ранг он сарви хиромон мекунад бозӣ,
Зи шавқаш дар тани афсурдаам ҷон мекунад бозӣ.
Гаҳе он моҳрӯ чун Зуҳра андар рақс меояд,
Ба даври оразаш зулфи парешон мекунад бозӣ.
Ба чарх ояд гар аз шӯхӣ бути ширинлиқои ман,
Дар атрофаш чу дилҳо чини домон мекунад бозӣ.
Агар дар табъи шарминаш ҳаё яксар шавад ғолиб,
Чу ҳур дар зери  абр аз халқ пинҳон мекунад бозӣ.
Парирӯён агар ду-ду дароянд дар сафи бозӣ,
Бути ман ҳам ба ин хуршеди тобон мекунад бозӣ.
Ба гулшан меравад чун бӯйи гул он дилрабойи ман,
Гаҳе дар боғу гоҳе дар гулистон мекунад бозӣ.
Ҳама парвонасон худро занад дар реҷаи ишқаш,
Дар он маҳфил, ки он шамъи шабистон мекунад бозӣ.
Ман, эй Саҳбо, надорам тоқати як ҷилваи ҳуснаш,
Чӣ сон хаффош бо хуршеди рахшон мекунад бозӣ.

* * *

Лаби лаъли шакарин аз ту, макидан аз ман,
Парда аз рӯй гирифтан зи ту, дидан аз ман.
Ғуссаи дарди дили мо нашунидан аз ту,
Бори ҳаҷри ту ба сад ғусса кашидан аз ман.
Сӯйи гулзор ба сад ишва гузаштан аз ту,
Риштаи сабр ба шамшер буридан аз ман.
Базми май кардану бо ғайр нишастан аз ту,
Бодаи заҳр зи сад ҷом чашидан аз ман.
Сабру тоқат зи тани хаста гирифтан аз ту,
Об гардидану дар хок чакидан аз ман.
Ваъдаи аҳду вафо кардану куштан аз ту,
Бар сари аҳду вафо ҷон гузидан аз ман.
Дили Саҳбо чу дар он силсила бастан аз ту,
Рӯзу шаб дар хами он зарра тапидан аз ман.

* * *

Дил аз савдои гесуи ту гардидаст савдой,
Хирад шуд аз фусуни наргиси масти ту ҳарҷой.
Ту дар ҳар ҷо ниқоб аз орази гулгун барандозӣ,
Даванд аз чор сӯ сӯят ҳама халқи тамошой.
Хиромӣ гар ба гулшан, аз тароватҳои ҳусни ту
Занад чок аз хиҷолат гул ба худ ҷайби шикебой.
Ба сӯйи байтулэҳзонам наёйӣ аз карам рӯзе,
Шавад афсурда аъзоям зи дарду доғи раҳпой.
Басуръат гар равам аз шавқ сӯйи Каъбаи кӯят,
Ба ман дар роҳ натвонад намудан бод ҳампой.
Зи по афтодам аз афсунтарозиҳои паймонат,
Шавад чун пайкари ман хок он дам бар сарам ой.
Харифи ҷом, Саҳбо, кай тавон шуд тангизарфе,
Ки орад дарди сар бо хушкмағзон бодапаймой.

* * *

Дил зи ҳаҷри ту кабоб аст, ту ҳам медонӣ,
Тан чу зулфи ту ба тоб аст, ту ҳам медонӣ.
Қоматат сарви равон аст, ҳама медонанд,
Суханат ҳамчу шароб аст, ту ҳам медонӣ.
Лабат ошуфта ба қанд аст зи ҳар лутфу шараф,
Чашмат олуда ба хоб аст, ту ҳам медонӣ.
Тири мичҷгони ҷигардӯзи ту дар шому саҳар,
Пайи қатлам ба шитоб аст ту ҳам медонӣ.
Дар таманнои қудуми ту танам чун хок аст,
Лек аз ғам дилам об аст, ту ҳам медонӣ.
Дам ба дам ҷон ба видоъ  аст зи бедоди ғамат,
Сар ба сар ҷисм хароб аст, ту ҳам медонӣ.
Шудаам дарди сар аз нашъаи Саҳбо имрӯз,
Дафъи  ӯ бодаи ноб аст, ту ҳам медонӣ.

* * *

Меравад ишвакунон ёр ба сад таннозӣ,
Мебарад дил зи мани хаста ба бозӣ-бозӣ.
Ба мани ғамзада ҳар рӯз кунад нозу итоб,
Ба рақибон ҳама шаб мӯнисиву дамсозӣ.
Ё Раб, аз он бути бемеҳр бихоҳам, ки мудом
Ӯ кунад дилбарию ман бикунам ҷонбозӣ.
Бикунад рӯзу шаб аз шавқ пайи одати худ
Дили ман содагию наргиси ӯ шаҳбозӣ.
Чӣ хуш имшаб, ки ба сарвақти ман ояд он моҳ,
Ба мани зор кунад ҳамдамиву ҳамрозӣ.
Дӯш дар байни бутон дидаму гуфтам ӯро,
Лоиқи туст сарафрозию ҳам мумтозӣ.
Дидам он шӯх дар ин арсаю гуфтам, Саҳбо,
Ки ту бемисл ба раъноию бо таннозӣ.

* * *

Ҳарфи мо ношуниданат ганда,
Доман аз мо кашиданат ганда.
Пой то сар тамоми ҷойи ту хуш,
Лек аз мо рамиданат ганда.
Ҳамдами ғайр гаштану аз мо,
Тори улфат буриданат ганда.
Бо рақибон шароб нӯшидан,
Майи мо ночашиданат ганда.
Бо ҳарифон анису ёр шудан,
Ҷониби мо надиданат ганда.
Аз ту бӯсе ба ҳазл агар талабам,
Лаб ба дандон газиданат ганда.
Омадан, нонишастану рафтан,
Худ ба худ ин тапиданат ганда.
Ишва ба мо фурӯхтан, аз ғайр
Моли косид хариданат ганда.
Дӯш гуфтӣ ба ишва Саҳборо,
Лаби мо номакиданат ганда.

* * *

Чӣ хуш бошад, ки бо ман як замоне ҳамнишин бошӣ,
Анису ҳамдаму ҷону дилу ҳайратқарин бошӣ.
Маро бе дидани рӯйи ту ҷон андар бадан набвад,
Чаро аз баҳри қатли ман ту, эй маҳ, дар камин бошӣ.
Ҳамехоҳам, ки доим бо ман, эй сарви сиҳиқомат,
Ки ҳамчун  нашъаи май ҷону тан, нақши нигин бошӣ.
Туро лозим набошад аз ғурури ҳусн, эй маҳрӯ,
На андар осмон қойим, на сокин дар замин бошӣ.
Машоми оламе шуд тоза аз бӯйи хушат, ҷоно,
Ту, яъне накхатафзотар зи мушки ёсумин бошӣ.
Ман аз дарди ғамат аз по фитодам, хок гардидам,
Ҳанӯз, эй бевафо, бо ман ту дар ойини кин бошӣ.
Буридӣ аз ману бо ғайр тарҳи улфат афкандӣ,
Чи гӯям бо ту, эй гул, ончунону инчунин бошӣ.
Чӣ сон нозукадоён бо ту лофи ҳамсарӣ созанд,
Ки онҳо чун шабаҳ, лекин ту чун дурри самин бошӣ.
Ҳазорон шукр кун, Саҳбо, ту андар давлати васлаш,
Чӣ созӣ, гар ту дур аз васли он нозофарин бошӣ.

* * *

Гуфтам: ҳама побанди ту шуд. Гуфт: шумо чӣ?
Гуфтам: зи ғамат сӯхт дилам. Гуфт: ба мо чӣ?
Гуфтам: чӣ шавад ҳосили ман? Гуфт: надонам,
Гуфтам: ба сарам даст бинеҳ. Гуфт, ки по чӣ?
Гуфтам: кӣ барад ҳуш зи барам? Гуфт, ки чашмам,
Гуфтам: ҳазаре нест туро. Гуфт: ибо чӣ?
Гуфтам: диҳамат ҷавҳари ҷон. Гуфт: чӣ лозим,
Гуфтам, ки бале, гӯй маро. Гуфт: бало чӣ?
Гуфтам: чӣ кунам, шод шавӣ? Гуфт, ки фарёд,
Гуфтам, ки санохони туам. Гуфт: дуо чӣ?
Гуфтам: набувад раҳм туро. Гуфт: чӣ донӣ,
Гуфтам, ки ту куштӣ ҳамаро. Гуфт: туро чӣ?
Гуфтам, ки зи ман гашт дилат? Гуфт, ки хомӯш,
Гуфтам: ту маро ёр наӣ. Гуфт: Худо чӣ?
Гуфтам, ки маро шод бикун. Гуфт: чӣ даркор?
Гуфтам: набувад аҳд туро. Гуфт: вафо чӣ?
Гуфтам: ҳама тан об шудам. Гуфт: аҷаб шуд,
Гуфтам: қадар ин буд магар? Гуфт: қазо чӣ?
Гуфтам: чӣ диҳам, бӯса диҳӣ? Гуфт, ки ҷон деҳ,
Гуфтам: бикуш имрӯз маро. Гуфт: паго чӣ?
Гуфтам: кӣ бувад ошиқи ту? Гуфт, ки Саҳбо,
Гуфтам, ки чаро зулм кунӣ? Гуфт: чаро чӣ?

* * *

Эй фалак, бар ман аҷаб ҷавру чафоҳо кардаӣ,
Хотири маҷруҳи ман аз ғусса шайдо кардаӣ.
Доғи ман бар синаи зорам ниҳодӣ аз ситам,
Ҷайбам аз ашки  равон монанди дарё кардаӣ.
Қоматам аз бори меҳнат сохтӣ ҳамчун камон,
Ранҷу кулфат ҳамчу пайкон дар дилам ҷо кардаӣ.
Пардаҳои дидаам кардӣ пур аз селоби хун,
Аз сиришки лолагун ҷайбам чу саҳро кардаӣ.
Оҳи оташноки ман бурдӣ ту бар чархи барин,
Машъали дигар ту бар саҳни сурайё кардаӣ.
Гулшани айши маро аз меҳнату андуҳу ғам,
Бе сафову равнақу берангу симо кардаӣ.
Булбули боғи нишотамро зи бедоду ситам,
Болу пар бишкаста, охир бесарупо кардаӣ.
Моҳи уммеде, ки ман дар бурҷи ишрат доштам,
Ин замон ӯро ту дар кунҷи лаҳад ҷо кардаӣ.
Бурдаӣ аз дидаам нуру сурур аз синаам,
То ту нури дидаам аз дида ифшо кардаӣ.
Он,  ки ӯ мебуд бар ман рӯзу шаб ороми дил,
Бурдӣ ором аз дилам, тан ношикебо кардаӣ.
Тӯтии ширинкаломе доштам дар боғи айш,
Ҷойи шаккар заҳр дар комаш муҳайё кардаӣ.

* * *

Чанд рӯзе шуд, ки ёди дӯстон кам мекунӣ,
Чашми моро аз ғами ҳиҷрон ту пурнам мекунӣ.
Баъд аз ин ҳаргиз ту аҳволам намепурсӣ магар?
Синаам аз дарди  танҳоӣ ту пурғам мекунӣ.
Ин замон ранги тароват дар гули айшам намонд,
Гарчи оби дидаамро ҳамчу шабнам мекунӣ.
Бода бе аҳбоб ҳам дафъи хумори мо накард,
Пас  чаро ҷоми тараҳҳум сӯйи мо кам мекунӣ?
Бе ту ҳаргиз маҳфили моро набошад равнақе,
Худ маро дар бекасӣ мумтози олам мекунӣ.
Ин қадар, эй дӯст, аз хотир фаромӯшам макун,
Мекунам ман шодмониҳо, ки ёдам мекунӣ.
Гар мани дилхаста аз хотир фаромӯшат наям,
Ҳамчу оҳу пас чаро умре зи ман рам мекунӣ?
Рӯзу шаб моро набошад ҷуз хаёлат ҳамдаме,
Пас чаро, эй дӯст, умре тарки ҳамдам мекунӣ?
Руқъае ҳаргиз ба сӯйи мо намеорӣ рақам,
Қоматам чун нома аз бори ҷафо хам мекунӣ.
Гар фиристонӣ ба сӯям қосиди фархундафол,
Дидаам равшантар аз хуршеди олам мекунӣ.
Нест андар сар маро ҷуз орзуи диданат,
Лек бар рӯям ту боби васл маҳкам мекунӣ.
Пок созам ман кунун изҳори шарҳи бекасӣ,
Инчунин ноошноиҳо ту ҳар дам мекунӣ.
То ба кай ман шиква аз дасти ҷудоиҳо кунам?
Охир, эй аҳбоб, кай ин расм барҳам мекунӣ?
Дидаи оҷизнавозиҳо ту аз Саҳбо мапӯш,
Ёди ин афтода созӣ, лутфи аъзам мекунӣ.

* * *

Чаро аз ман ту, эй номеҳрубон, бисёр  меранҷӣ?
Чи бад кардам, ки дар ҳар соате сад бор меранҷӣ?
Зи ишқат сӯхтам сар то ба по ҳаргиз намепурсӣ,
Шудам хоку ҳанӯз, эй шӯхи дилозор, меранҷӣ.
Намедонам чӣ сар зад аз ману бахти сиёҳам бин,
Ки дар ҳар чашм во кардан ту, эй дилдор, меранҷӣ.
Заифӣ дар миҷозам сар ба сар нақши нигин бошад,
Аз ин ночиз аз баҳри чӣ, эй айёр, меранҷӣ?
Намебошад маро ҷуз орзуи диданат бар сар,
Ту лекин ҳар дам аз ман, эй бути хунхор, меранҷӣ.
Агар гӯям, ки рӯят шамъи маҳфилҳост механдӣ,
Ва гар гӯям, ки мӯят нофаи тотор меранҷӣ.
Ман аз ишқи ту бо худ ҳар замон чун мор мепечам,
Ту аз ман дам ба дам, эй сарви хушрафтор, меранҷӣ.
Зи чашми ман рухи худ ҳар замон, эй шӯх, мепӯшӣ,
Вале аз ман ту баҳри хотири ағёр меранҷӣ.
Нигоҳе аз карам ҳаргиз ту бо Саҳбо намесозӣ,
Зи дарди доғи ҳиҷрон мекунӣ бемор, меранҷӣ.

* * *

Дорам умед аз Худо  чаҳкан шавад дар зери чаҳ,
Дам ба дам ҳолаш шавад аз кулфати даврон табаҳ.
Гардад аз теғи ҷафо ҷону дили ӯ реш-реш,
Синаи ӯ хун шавад аз ранҷу меҳнат таҳ ба таҳ.
Косаи айшу нишоташ пур шавад аз заҳри ғам,
Рӯзгори ӯ шавад аз зулмати ҳиҷрон сияҳ.
Дур гардад доимо аз бӯстони хуррамӣ,
Дар бисоти шодию ишрат наёбад ҳеч раҳ.
Боғи ҳоли ӯ зи ошӯби фано гардад хазон,
Ҷисми ӯ дар оташи ҳасрат гудозад ҳамчу каҳ.
Дар гулистони ҷаҳон гардад ҳамеша хору зор,
Чун гадо ҳаргиз наёбад рутбае он рӯсияҳ.
Пайкари ӯ реза-реза гардад аз тири алам,
Нолаю фарёди ӯ сар баркашад то сақфи маҳ.
Соясон фарши раҳи беэътибориҳо шавад,
Пойкӯби аҳли олам гардад ӯ чун хоки раҳ.

* * *

Фалак бо сустаҳдон ошно будаст, донистам,
Ҷафо дар ин замон айни вафо будаст, донистам.
Кашад сар ҳар қадар меҳру вафо аз тинати маъшуқ,
Ба олам боз машҳури ҷафо будаст, донистам.
Ба ушшоқон, ки созанд ҳамл нуқси аҳду паймонро,
Ҷафову ҷавр аз ошиқ раво будаст, донистам.
Агар лутфу карам доим кунад маъшуқ бар ошиқ,
Аз ӯ ин пеша, эй ёрон, хато будаст, донистам.
Вафо гар як сари мӯе набошад бар дили ошиқ,
Саропо аз вафо худ имтило будаст, донистам.
Ман аз ин пешаи аҳли ҷаҳон аз дӯстон охир,
Чӣ сон матлуби расму муддао будаст, донистам.
Дили бедард пайдо нест, Саҳбо, андар ин олам,
Вале ин дард яксар бедаво будаст, донистам.

* * *

Боз сарви нози ман азми гулистон карду рафт,
Ҳоли зорам аз фироқи худ парешон карду рафт.
Ақлу ҳушу тоқату сабру қарори ман рабуд,
Дидаи ҳайронам аз ин ғусса гирён карду рафт.
Бе рухаш дил метапад шаб то саҳар андар бадан,
Мулки ҷисмам аз ҷафову зулм вайрон карду рафт.
Ханҷари нозук мезад бар дил он бедодгар,
Доғҳо бар синаи решам намоён карду рафт.
Нимҷоне доштам дар тан дар айёми висол,
Ин тани афсурдаам аз ҳаҷр беҷон карду рафт.
Он қадар гаштам зи дарди ӯ гиребончоки ишқ,
Пайкарамро аз либоси сабр урён карду рафт.
Сӯхт сар то по зи ғам ин ҷисм роҳат душманам,
Гӯиё оташ ба мағзи сина пинҳон карду рафт.
Бисмили теғи нигоҳи ӯям, эй аҳбоби ишқ,
Дар шаҳодатгоҳи ишқам бурду қурбон карду рафт.
Аз фироқи он бути бедодгар, Саҳбо, манол,
Ҳарчи бошад, бар мани дилхаста эҳсон карду рафт.

* * *

Мекунад ёди мани сӯхта дилдор чаро?
Медиҳад ин қадар аз баҳри чӣ озор чаро?
Ҳар замон хуни дил аз дидаи тар меорад,
Мекунад аз ғаму андӯҳу ситам зор чаро?
Қадам аз бори ҷафо кард хам он сарви равон,
Боз дар боғи ҷаҳон мекунадам хор чаро?
Дари шодию тарабро ба рухам мебандад,
Мебарад ҳуш зи ман он бути айёр чаро?
Сӯям аз лутфу карам ҳеч нигоҳе накунад,
Гаштааст аз мани дилсӯхта безор чаро?
Оби андӯҳ маро оқибат аз сар бигузашт,
Инчунин мефиканад боз чу дар нор чаро?
Дуди ҳасрат ба фалак мерасад аз синаи ман,
Дорад он дилбари бераҳм зи ман ор чаро?
Сӯхтам з-оташи ҳиҷрон, танам ахгар шуд,
Надиҳад оби карам бар мани бемор чаро?
Сояи лутфу карам бар сари Саҳбо мафикан,
Баъд аз ин ҷон надиҳам дар талаби ёр чаро?

* * *

Кош, як раҳ саҷда бар хоки даре медоштам,
Мениҳодам бар дараш лоиқ саре медоштам.
Бо ҳазорон узру  таъзиму адаб дар роҳи ӯ,
Мефишондам об агар чашми таре медоштам.
Мепаридам дар ҳавояш бо ҳазорон иштиёқ,
Ҳамчу мурғони ҳаво болу паре медоштам.
Мехаридам давлати васлаш ба чандин баҳри кон,
Гар ба ҷайби иститоат ман заре медоштам.
Аз дилу ҷон нақш мебастам ба номи номааш,
Дар бинои худ агар ангуштаре медоштам.
Сарф мекардам ба роҳи ӯ ба чандин шавқу завқ,
Дар ҷаҳон сармояи карру фаре медоштам.
Нақди ҷону дил куҷо барбод медодам чунин,
Ғайри ӯ дар даҳр дигар дилбаре медоштам.
Мекашидам кай чунин аз чарх ташвиши садо,
З-остонаш сандали дарди саре медоштам.
Менамудам ман ба коми хештан дафъи хумор,
Гар дар ин майхона, Саҳбо, соғаре медоштам.

* * *

Аз кафам домони васлат рафт чун тир аз камон,
Монд доғи ишқат охир бар дили зорам ниҳон.
Гар набошад табъи чархи бевафо бар зулми ман,
Аз чӣ месозад зи кулфат дидаамро хунчакон.
Мекунам сад нола ҳар дам аз фироқи бекасӣ,
Новаки ҳиҷрон дамодам мехалад дар мағзи ҷон.
Нахлҳои ин гулистон сар ба сар беҳосил аст,
Дар баҳори анҷуман набвад ба ҷуз ранги хазон.
Баҳру барро нест ғайр аз тарру хушкӣ хосият,
Кас ба ғайр аз Ҳақ набинад ҷуз шарор аз ину он.
Дар гулистоне, ки гулҳои вафо биншондаанд,
З-он гулистон ҳеҷ кас ин ҷо намеёбад нишон.
Дӯстон буданд моро пеш аз ин чун ҷону тан,
Кард ин чархи фалак моро ҷудо аз дӯстон.
Оби чашмам қимати дурри тарабро маҳв кард,
Варна набвад шодмонӣ аз чӣ дар рӯйи ҷаҳон.
Соғари Саҳбо ба базми дӯстон холӣ мабод,
Мешавад аз бода хуррам тинати пурхунамон.

* * *

Эй дил, иқбол зи хубон на ту дориву на ман,
Ахтари толеи рахшон на ту дориву на ман.
Сунбуло, ин қадар аз ноз ба худ ғарра машав,
Тоби он зулфи парешон на ту дориву на ман.
Беадаб, пой манеҳ бар сари кӯяш, эй бод,
Даст бар он бару домон на ту дориву на ман.
Таъна кам кун ба ман, эй зоҳиди худбин, ки абас
Таънае дархури эҳсон на ту дориву на ман.
То ба кай муътафики зовияи тан бошӣ,
Сабр дар фурқаташ, эй ҷон, на ту дориву на ман.
Чӣ ҳасад бар мани маҳзун кунӣ, эй шумрақиб,
Роҳ дар суҳбати ҷонон на ту дориву на ман.
Наравад талхият, эй ком, таманно, аз бас
Баҳра аз он лаби хандон на ту дориву на ман.
Пеши шамъи рухи ӯ ҳарза марав, парвона,
Тоқати оташи сӯзон на ту дориву на ман.
Ҳамчу Саҳбо зи ғами фурқати ӯ, эй ҳамдам,
Лоласон чоки гиребон на ту дориву на ман.

* * *

То ба доми турраи мушкин шикорам кардаӣ,
Бо ҳазорон укдаи ҳайрат дучорам кардаӣ.
Чашми мастат баски азми дилрабоӣ мекунад,
Бо нигоҳе инчунин беихтиёрам кардаӣ.
Ғамзаат сабр аз дили маҳзуну ношодам гирифт,
Ҳамчу тори гесуи худ беқарорам кардаӣ.
Баски андар синаам тири ҷафоҳо мезанад,
Ҳамчу мурғи нимбисмил захмдорам кардаӣ.
Ақлу ҳушу донишу сабру қарорам бурдаӣ,
Дар миёни ошиқон беэътиборам кардаӣ.
Бодаи уммед дар ҷоми таманно доштам,
Санги бемеҳрӣ ту сарфи рӯзғорам кардаӣ.
То ки як сӯ шуд зи тарфи оразат тарфи ниқоб,
Навҳаи пардози рух худ чун ҳазорам кардаӣ.
Он қадар шуд пайкарам аз кулфати ишқат заиф,
Аз ҳуҷуми нотавонӣ чун ғуборам кардаӣ.
Ҳамчу Саҳбо ин дили маҳзуни ношоди маро
Бар умеди ваъдаи васл интизорам кардаӣ.

* * *

Рабудӣ ҷон зи тан, эй дилрабо, оҳиста-оҳиста,
Шудӣ охир ба ман ноошно оҳиста-оҳиста,
Зи чашмам хуни ҳасрат рехтӣ, эй гулъузори ман,
Ту гаштӣ оқибат аз ман ҷудо оҳиста-оҳиста.
Ҳавои зулфи ёди қоматат дар дил ниҳон дорам,
Ба сӯйи байтулэҳзонам биё оҳиста-оҳиста.
Дилу ҷонам тӯӣ, эй гул, чӣ сон дил аз ту бардорам,
Тараҳҳум кун ба ман, эй бевафо, оҳиста-оҳиста.
Агар сӯйи гулистон меравӣ, эй сарви нози ман,
Қадам бардор аз баҳри Худо оҳиста-оҳиста.
Ман аз сар то қадам маҳви гули рӯйи ту гардидам,
Ниқоби гулгуне каш аз лиқо оҳиста-оҳиста.

* * *

Дил шарбати васли ту чашидан натавонист,
Чашмам маҳи рухсори ту дидан натавонист,
Азбаски танам зор шуд аз дашнаи ишқат,
Бори ғами ҳаҷри ту кашидан натавонист.
Аз гулшани ҳусни ту дили хастаи маҳзун
Бо хоҳиши худ як гуле чидан натавонист.
Шуд хушк саропойи ман аз оташи ишқат,
Ашкам ба мижа тохт, чакидан натавонист.
Дар маҳфили васли ту ба сад ҷаҳд машомам
Аз накҳати зулфи ту шамидан натавонист.
Умрест, ки лабташнаи савдои ту Саҳбост,
Аз лаъли лабат лек макидан натавонист.

* * *

Аҳволи дил зи новаки дилдӯзи ёр пурс,
Носури захми синаи булбул зи хор пурс.
Сӯзу гудози шамъ зи парвона боз хоҳ,
Шоми фироқро зи шаби интизор пурс.
Таълими дарси ишқ зи Маҷнуни мо бигир,
Одоби рамзи ишваи Лайлӣ зи ёр пурс.
Шодии завқи васл зи субҳи висол ҷӯй,
Зулму ситам зи шоми маҳи гулъузор пурс.
Афғону нола аз дили маҷрӯҳи мо шунав,
Нозу итоб аз нигаҳи масти ёр пурс.
Хуршеду моҳ аз араќи рӯй нусхагир,
Оби ҳаёт аз хати он мушкбор пурс.
Талхии дарди ҳаҷр зи Саҳбо ту гӯш кун,
Кайфияти шароб зи соҳибхумор пурс.

* * *

Имрӯз дар замона туӣ шаҳриёри ҳусн,
Зиннатпазир шуд зи ту акнун ҳисори ҳусн.
Дидем як ба як ҳамаи боғу бӯстон,
Нашкуфтааст чун ту гуле дар баҳори ҳусн.
Абрую чашму оразу хат гӯиё ки буд
Пайғамбари ҷамоли туро чорёри ҳусн.
Мерафт ҳар тараф дили ваҳшатгирифтаам,
Охир дар ин замона ту кардӣ шикори ҳусн.
Аз чашму зулфу холу хату абри мижаат
Саҳбо,  бад-ин тариқ намоям шумори ҳусн.

* * *

Маро охир ба доми меҳнату ғам мубтало кардӣ,
Ба чандин дарду доғу ранҷу кулфат ошно кардӣ.
Зи чашмам оқибат кардӣ равон хунобаи ҳасрат,
Диламро ғарқаи хуноби андӯҳи бало кардӣ.
Намегардад шикоят аз ту ҷорӣ бар забони ман,
Ту, эй номеҳрубон, бо ман чиҳо гуфтӣ, чиҳо кардӣ?
Накардӣ бар сари ман раҳму бар ҷони хароби ман,
Қадамро оқибат дар зери бори ғам дуто кардӣ.
Танам шуд чок-чок аз новаки ҷавру ҷафоҳоят,
Ҷаҳонро пеши чашмам ҳамчу дашти Карбало кардӣ.
Шикастӣ хори ҳасрат бар дилам аз ништари мижгон,
Даруни синаам пурхун чунин ҷавру ҷафо кардӣ.
Накардӣ  хандае ҳаргиз барои хотири Саҳбо,
Ба ман чандин ҳазорон гиряҳо талқин чаро кардӣ?

* * *

Рухат, эй бути биҳиштӣ, зи дилам қарор бурда,
Лаби шаккарат зи табъам ҳаваси хумор бурда,
Нигаҳат мани ҳазинро ба ниёз, эй ситамгар,
Ки ба сӯйи фанди зулфат зи пайи шикор бурда.
Қади шӯхи дилфиребат ба карашмаҳои рангин
Зи танам сукуни тоқат, зи дил ихтиёр бурда.
Ба фасона чашми мастат дилу ҷону ақлу ҳушам
Зи фиреби ҷовидона ҳама ин чаҳор бурда.
Ҳаваси висолат, эй гул, зи ҳуҷуми шавқ имшаб
Тани сози ман чу коҳе тарафи шарор бурда.
Хати сабзи мушкбезат, рухи моҳи дилфиребат,
Зи бунафша қадру қиммат, зи гул эътибор бурда.
Гули саҳфаи ҷамоли ту, аё бути суманбӯ,
Ба тароват назокат гарав аз баҳор бурда.
Дили зори пурумедам, мани хаста зору ҳайрон,
Ба дари саroят имшаб зи пайи чӣ кор бурда?
Зи ҳуҷуми шавқи Саҳбо бирабуд  дӯш хобам,
Ки ҳавои васли моро ба диёри ёр бурда.

* * *

Маро ҳам кош бурдӣ аз қазо фархундаайёме,
Ки мебастам ба тавфи Каъбаи кӯйи ту эҳроме.
Яқин шуд аз саводи хатти рухсори арақнокат,
Ки болодасти хуршед аст шабнам дар кафи шоме.
Раҳоӣ нест дилро аз каманди зулфи пурпечат,
Куҷо парвоз хоҳад кард сайди хуфта бар доме?
Зи софӣ менамояд чун раги барги гул аз лаълат,
Хати сабзе, ки меорад зи ҳуснат тозапайғоме.
Аз он вақте ки гулчини гули рӯйи ту гардидам,
Надорам ҳамчу булбул аз фиғону нола ороме.
Ҳамоғӯши  тамошои қаду чашми ту гардидам,
Бувад аз нахли гул сайри гули барбастабодоме.
Ман аз бетоқатӣ ҳарчанд лутферо наям лоиқ,
Худоро, шод кун як раҳ зи лаъли худ ба дашноме.
Дилам чун ғунча хун шуд, селосо  зор менолам,
Ба гулзори муҳаббат аз маҳи рухсори гулфоме.
Мусаввирро қалам мижгони қумрӣ нақш мебандад,
Рақамгоҳе кашидан қомати сарви гуландоме.
Ҷавобам дод, чун пурсидам аз зулфу қадаш ҳарфе,
Ки мактабхони ишқам нестӣ, гӯӣ алифломе.
Аз он соат, ки дил соғаркаши ҷоми муҳаббат шуд,
Сияҳмастам зи шӯхии нигоҳи чашми худкоме.
Надонистам, ки дар фикри рухи гесуи маҳрӯе
Бувад сархайли аҳли куфри мо побасти исломе.

# Ғазалқасидаҳо

* * *

Зиҳӣ, аз ҷилваи зоти ту шуд кавну макон пайдо,
Бувад як шамма аз санъат вуҷуди Одаму Ҳавво.
Пайи нақши ду олам хомазан шуд килки тасвират,
Шуд ашё аз адам дар сафҳаи ҳастӣ ба як имо.
Зи хони раҳматат як луқмае камтар бувад ҷаннат,
Бувад як ҷилвагоҳат аз замин то гунбази хазро.
Ниқоб аз чеҳраи кавну макон афканд то зотат,
Ки шуд дар сафҳаи олам вуҷуди мову ман пайдо.
Замин як хатти таслим аст аз дебочаи сунъат,
Ба даргоҳат фалак як камтарин девонаи шайдо.
Ба тасбеҳат забони ҷуллаи талқин сано дорад,
Ба тавҳидат бувад бурҳони қотеъ ҷилваи ашё.
Зи шавқи ҳасратат мурғони гулшан навҳапиро шуд,
Зи ишқат метапад доим маҳу меҳри ҷаҳоноро.
Пас аз ҳамди ту ман наъти ҳабибат ибтидо созам,
Ки то дар сафҳаи дил наъти поки ӯ кунам туғро.
Зуҳури нури зоташ бӯстонорои ҳастӣ шуд,
Тулӯи субҳи иқболаш шикаста равнақи аъдо.
Намезад гар рақам нақши вуҷудаш хомаи тақдир,
Куҷо аз чашмаи кун ҷӯш мезад ин ҳама ашё.
Замин фаршест баҳри пойбӯси тавсани азмаш,
Фалак баҳри Бурроқи ӯ бавад на пойи сарполо.
Бувад номус агар аз камтарин хиддоми дарбораш,
Ки шуд як рутбае кам баҳри зоташ Қофу ҳам Сино.
Бувад дар гардани ҷонҳо каманди чини гесӯяш,
Шарори оташи шавқаш бувад дар синаҳо пайдо.
Чароғи дини ӯ дар ҳарду олам партавафкан шуд,

Далели ҷодаи хайр аст дар дунёву дар уқбо.
Пас аз наъти набӣ алқоби ёронаш диҳам зинат,
Ки яъне чор рукни миллат аз ин чор шуд пайдо.
Гар аз сидқи Абӯбакри тақӣ рамзе кунам изҳор,
Бувад як зарра, гар созам ба васфаш сад суҳуф иншо.
Бувад ӯ ёри аввал ҳам имоми масҷиду минбар,
Рафиқи ғори Аҳмад ҳамраҳ андар бешаву саҳро.
Зи баъди Мустафо ӯ шуд амини миллату мазҳаб,
Либоси ҳукмронӣ дар бари ӯ шуд басе зебо.
Пас аз вай ҳазрати Умар, ки доим дурраи қаҳраш
Кунад бемор раъйи Қайсару Фағфурро аз ҷо.
Зи адлаш шери нар дасти карам зад бар сари оҳу,
Тазарв аз шӯхчашмӣ бар сари шаҳбоз мезад по.
Пас аз Бӯбакр ӯ шуд мансаби аҳкомро воло,
Набиро ёри дуюм шуд ривоҷи дин аз ӯ пайдо.
Чунон ислом аз он шаҳ зебу зинат ёфт дар олам,
Ки чун хуршеди оламтоб дар ин сафҳаи мино.
Пас аз вай кӯси навбат зад шаҳи Усмони зуннурайн,
Имоми барҳақу равнақфизои миллати байзо.
Ба илму ҳилму дониш кас надида дар ҷаҳон ҳаргиз,
Ки ҳамчун ҷомеи Қуръон амири одилу доно.
Мар ӯро пешае ғайр аз ризои Ҳақ намебудӣ,
Ки субҳу шом кардӣ бар забон тасбеҳи ҳақ илқо.
Зи баъди Умар ӯ шуд ҳомии ислому дини Ҳақ,
Набиро ёри сеюм он шаҳи дарёдили воло.
Пас он гаҳ шуд Алӣ боғи хилофатро қазоватбахш,
Шуд аз юмни қудумаш пояи тахти шаҳӣ боло.
Шуҷоатпеша он шоҳе, ки ҳар ҷое қудум монад,
Рамад аз ҳайбати ӯ шери гардуну яди ҷавзо.
Кашад теғ аз ғазаб гар аз ниём ин шаҳсавори дин,
Шавад дар хок хори фарш яксар пайкари аъдо.

Шуд ӯ ёри чаҳорум Мустафоро дар ҷаҳон, яъне
Ки ин ҳам амму ҳам домоду шоҳи Ясрибу Батҳо.
Кунун килкам рақампардози васфи шоҳ мегардад,
Ки васфаш мекунад бар сафҳаҳои ҷону дил иншо.
Ба ҷуду бахшишу доду карам он шаҳ чунон бошад,
Гаҳе чун абру гаҳ чун боду гоҳе об, гаҳ дарё.
Муқорин бод умри доимӣ бо бахти саъд ӯро,
Набинад кулфат аз осеби даврон дар ҷаҳон асло.
Дуогӯю санохон бар дари ӯ доимӣ бошад,
Залилу хаставу маҳзуну барҷомондаи Саҳбо.

* * *

Эй ғубори мақдамат бар дидаи мо тӯтиё,
Чашмҳоро нест бе гарди суми аспат зиё.
Дарди мискинони оламро, аё, эй шоҳи дин,
Марҳами ҷону латофат сар ба сар бошад даво.
Кай дили беилтифотат як замон хуррам шавад,
Бекасу бечорагонро ҳам ту бошӣ муттако.
Ҳамчу хуршеди ҷаҳонтоб аст табъи равшанат,
Синаат чун моҳи тобон, соҳиби нуру сафо.
Аэ гулистони шаҳӣ ҳамчун ту сарвар барнахост,
З -ин сабаб гардидаӣ бар аҳли олам пешво.
Дар замонат метавон гуфтан, ки муҳтоҷӣ намонд,
Даргаҳат шуд з –он ки бар аҳли ҷаҳон ҳоҷатраво.
Ҷисму ҷону дасту дил гардида аз ҷуди ту шод,
Баъд аз ин набвад ба даврони ту шахси бенаво.
Ҳозиру ғоиб ҳама гирад атою туҳфаат,
Нест кас навмед дар аҳди ту, эй соҳибсахо,
Ҷумла аз инъому эҳсони ту шоду хуррамaнд,
З-ин сабаб бардоштанд аз баҳри ту дасти дуо.
Ҷисми покат доим аз осеби даврон пок бод,
Бар танат ҳаргиз нагардад дарду ранҷе ошно.
Доимо зотат зи офоти ҷаҳон маҳфуз бод,
Дар амон дорад туро Ҳақ доим аз ранҷу ано.
Раҳбару ёрат Муҳаммад Мустафо бодо мудом,
Доварии рӯзу шаб гардад муайян, раҳнамо.
Дар ду олам ёварат бодо, аё эй шаҳриёр,
Он Абӯбакру Умар, Усмон, Алии Муртазо.
Давлатат аз лутфи Ҳақ ҳар лаҳза гардад бештар,
Бо туфайли Мустафову чор ёри бовафо.
Нест Саҳборо ба дарбори ту андар рӯзу шаб,
Ҷуз забони мадҳ кардан, ғайр аз ин дасти дуо.

* * *

Аз карам айёми ишрат бар сар овардӣ маро,
Хок будам, аз фалакҳо бартар овардӣ маро.
Ҳолам аз бетангагӣ умрест, эй шаҳ, танг буд,
Тангаам додию аз тангӣ баровардӣ маро.
Илтифотат оқибат бар оташи ман об зад,
Хушклаб будам, ту бо ҳалқи тар овардӣ маро.
Соясон фарши замини бенавоиҳо будам,
Аз карам барги бароҳат мар баровардӣ маро.
Ғарқаи баҳри ғаму андуҳ будам дар ҷаҳон,
Бар канори офият, эй меҳтар, овардӣ маро.
Ҷонам аз урёнтаниҳои замон бас танг буд,
Ҷомаи шодӣ ту охир дар бар овардӣ маро.
Ҷуз дуои давлатат Саҳбо надорад пешае,
Чун хазаф ночиз будам, чун зар овардӣ маро.

* * *

Чу шуд бурҷи ҳамал бо меҳри рахшон манзилу маъво,
Замин шуд аз ҳуҷуми сабза ҳамчун гунбади хазро.
Ба гулшан ҳар куҷо гулбун бисоти сурхрӯӣ чид,
Фиғони нолаи булбул аз ин зебу фару боло.
Сабо то шоназан шуд зулфи сунбулро бари оташ,
Димоғи ҷумла олам шуд аз ин ҳангома сандалсо.
Ба саҳни бӯстон сарви сиҳӣ азбаски қад афрошт,
Садои кукуи қумрӣ бишуд аз шаш тараф пайдо.
Ба мадҳи боғбони даҳр шуд савсан забоновар,
Забони ҳоли ҳар гул балки дар мадҳаш бувад гӯё.
Чаман аз хуррамӣ шуд гӯиё чун равзаи ҷаннат,
Ҳавои сайри гулгашти чаман мебурд дил аз ҷо.
Шаҳи мулки Бухоро, шаҳриёри волаи кишвар,
Амири одилу султони дину миллати байзо.
Раиятпарвару оҷизнавозу маъдалатгустар,
Саховатпешаву эҳсонсиришту мамлакатоpо.
Ҳамаодил, ҳумоюнтоҷу султони шиҳобафсар,
Фалакқадру маликтинат, сипаҳдори қамарсимо.
Сикандарҳашмату акнунмакону Муштаритолеъ,
Аторудмуншию Баҳромсавлат, меҳримулкоро.
Сулаймонтахту Афлотунмизоҷи Бӯалидониш,
Ҳасантабъу Ҳусайнахлоқу шоҳи одилу доно.
Дар ин айёми нузҳатхез, яъне фасли наврӯзӣ
Мураттаб сохт ҷашне он шаҳи дарёдили воло.
Чунин ҷашне надида халқ аз оли куҳан ҳаргиз,
Дар айёми Қубоду Ковусу Кайхусраву Доро.
Зиҳӣ, базме, ки бошад сар ба сар хоки замини ӯ,
Сафохезу тарабангезу айшободу рӯҳафзо.
Суруру ишрату шодӣ бувад яксар ҳавои ӯ,
Зи бас таъмири ӯ шуд дилкашу марғубу ҳам зебо.
Фазо аз равшанӣ он сарзамини нудратоинро,
Мусаммо сохт андар Ширбадан дар сафҳаи ибро.
Ба як сӯ шоҳидони симбар ҳамчун бутони Чин,

Ҳама рақсида яксар зӯҳрасон бо шӯру бо ғавғо.
Ба гирди шамъ рӯйи ҳар яке парвонаҳои дил
Намуда аз тапидан хештанро волаву шайдо.
Ба нозу ишва ҳар сӯ гаҳ хироманд он парирӯён,
Шавад дар ҳар қадам сад гулбуни гулрангу бӯ пайдо.
Ба як сӯ савти танбӯру ба як сӯ бо самоу ваҷд
Расида ҳар дам оҳанги тараб то гунбади мино.
Садои ғиҷҷаку савти камонча мекунад ҳар дам,
Дили маъюсро дар ҳар замон шод аз ғами дунё.
Ба як сӯ сӯфиёни софтинат бо самои ваҷд,
Расонда савти илаллаҳ ба тасбеҳу малоикҳо.
Заминаш осмонзор аз саровиқҳои зангорӣ,
Ҳавояш чун дами Исо тароватбахшу рӯҳафзо.
Зи ҳалвиёту ақсоми фавокеҳ ҳамчу боғи хулд
Муҳайё он қадар меъёр натвонист каравзо.
Чӣ сон таъбир созам в-аз таому в-аз шароби ӯ,
Кунам як шамма тавсифаш нагунҷад дар иборатҳо.
Ба ҳар сӯ соирон бо сад таманно компаймое,
Чу саъйи ахтарони саъд андар сафҳаи мино.
Ба чашми нозирон бар ҳар дару девори ин маҳфил
Бисозад ҷилва дар ҳар ламҳае сад сурати зебо.
Зи авсофи қумошу ҳуллаҳои ҳайратафзояш
Замин то осмон шуд сад чаман гул з-он тароватҳо.
Дуконҳо чун кафи эҳсони шоҳон боз рӯзу шаб
Ба ҳар кас баҳри бахташ мекунад бо чашму лаб имо.
Дар атрофи дару девори он ҳайратсаро яксар
Зи луъбатҳои рангинсимиён ҳар тараф пайдо.
Ба ҳар васфе, ки гардад тарзабон килки баёни ман,
Бувад шарҳи назокатҳои он ишратистон боло.
Ба теъдоди сифоташ ақли дурандеш шу(д) дилфом,
Чӣ сон ман бо чунин сар то ба таърифаш кунам иншо.
Маро он беҳ, ки созам хомаи булбулнавои худ,
Ба гулбонги дуои шаҳриёри адли худ гӯё.
Ки то дар пӯя аст ин тавсани чархи зумуррадгун,

Ҳамеша мадҳи он андар забони мо бувад бурро.
Ки то фарш аст ин натъи бисоти қиргуниро,
Бувад иқболу бахту давлат то ҷовидон барҷо.
Мабод аз пойбӯсаш тахти шоҳӣ лаҳзае маҳҷур,
Нагардад дур як дам аз сараш чатри шаҳӣ асло.
Бувад нахли қади ӯ сояафкан доимо бар сар,
Шавад фарши қудуми абраши ӯ пайкари аъдо.
Ба сайри солу моҳу ҳафтаву рӯзу шабу соат
Надорад тухфае бар остонат ҷуз дуо Саҳбо.

* * *

Дар ин вилояти нузҳатфарои Нурато,
Ҳар он ки аз сари ихлос по ниҳад ин ҷо.
Равад нахуст ба сарчашмаи зулолмисол,
Кунад таҳорату ғусл оварад ба сидқу сафо.
Пас, ӯ ба аҷз ду ракаъат намоз бигзорад,
Кунад тиловату гӯяд санову ҳамди Худо.
Дуруд хонаду тасбеҳ гӯяду таҳният,
Бароварад пас аз он дасти хешро ба дуо.
Савоби он ҳама бар рӯҳи бузрукон бахшад,
Шаванд то ки бузургон ба Каъба роҳнамо.
Ба саҳни чашма пас ӯ як-ду лаҳза биншинад,
Кунад тафарруҷи маснуъ қодири доно.
Ки халқ кард Худованд осмону замин,
Чунин макони фараҳбахшу ҷойи рӯҳфазо.
Он чӣ мақсаду матлуб дар дилаш бошад,
Бароварад ҳамаро Ҳақ ба ҳурмати онҳо.
Ҳамеша аз сари ихлосу эътиқоди тамом,
Бишав ту хоки қадамҳои бузрукон, Саҳбо.

***

Эй, сипеҳри подшоҳиро туӣ чун моҳтоб,
Лутф фармову зи маҳҷурон рухи худро матоб.
Гоҳ дурафтодагонро пурсише кун аз карам,
Гоҳ равшан кун ту шоми бекасон чун офтоб.
Базми моро бе ҷамоли дӯст май даркор нест,
З-он ки мерезад ба ёди чашмаш аз чашмам шароб.
Қосиди фархундафолат муждаи васлам диҳад,
Ман зи хурсандӣ напардозам даме бо хӯрду хоб.
Кард миқрози ҳаводис қатъ охир тори васл,
Кай шавад, ё Раб, зи субҳи васл моро фатҳёб.
Мефиристам арзи худ сӯйи ту бо пайки сабо,
Оҳ, аз ин қосид, ки дар рафтан намесозад шитоб.
Ташнаи васли ту ҳамчун ташнаи дашти ҳамум,
Ҳар куҷо рӯ оварад, набвад ба ҷуз мавҷи сароб.
Ҷуз дуогӯӣ, чӣ меояд зи маҳҷурони ёр,
В-арна шарҳи орзумандӣ нагунҷад дар китоб.
Ҳар замон ёди ту меорад ба табъам изтирор,
Дам ба дам месозад аз меҳри ту ҷисмам изтироб.
Бе ҷамолат оҷизӣ аз мо нагардад бартараф,
Дафтари муштоқи Саҳбо бӯ, ки созад интихоб.

* * *

Дорам умед аз ту ман, эй шаҳриёр, асп,
Деҳ аз карам маро ба ҳаққи Кирдугор асп.
Дар субҳу шом ҷону дилу аќлу ҳуши ман,
Бар ёди асп медавад ҳар сӯ чаҳорасп.
Лутфу тараҳҳуми ту набардорадам зи хок,
Набвад дигар маро ба ямину ясор асп.
Сад шукрҳо зи мултафи халлоқи бемисол,
Бошад ба даргаҳи ту ҳазорон ҳазор асп.
Шуд умрҳо, ки аз карами бениҳоятат,
Гардидаам  ба сафҳаи олам  савор асп.
Бо сад ҳазор аҷзи залилию бандагӣ,
Меҷӯям аз дари ту ба сад эътизор асп.
Азбаски пеши ҳиммати аршошёни ту
Ҳаргиз надорад ҳамчу ғубор эътибор асп.
Шому саҳар ба кулбаи эҳзони бекасӣ,
Кардаст чашмҳои маро интизор асп.
Саҳбо ба субҳу шом дуои ту мекунад,
То бидҳад аз карам ба ту Парвардигор асп.

* * *

Қазо ба килки қадар дар саҳифаҳо бинвишт,
Дар ин замона падидор гашт тозабиҳишт.
Ки яъне аз баракоти қудуми шоҳи ҷаҳон,
Ба шаҳри Кармина аз нахли нур  боғе гашт.
Надида кас ба ҷаҳон чорбоғ бар ин ранг,
Ки нақши хулди барин бинияш ту дар ҳар хишт.
Агар таровату хубию нузҳаташ бинӣ,
Гумон барӣ ту Ирамро, ки шӯразори зишт.
Чӣ чорбоғ, ки бо ҳаштбоғи хулд ӯро
Дабири ақл ба як сафҳае тавон бинвишт.
Зи мавҷ инчунин нусха дошт Кавсару шабнам,
Ки ҳавзу ҷӯйи вай  аз қадру пояаш дарҳишт.
Ба саҳни гулшани ӯ бин, ки боғбон яксар
Ба ҷойи сабзаву себарга ҷумла райҳон кишт.
Бувад имgolрати ӯ таъназан ба қасри ҷинон,
Зи баски ҳамчу маҳу офтоб дорад хишт.
Зи пири ақл чу Саҳбо бахшамаш таърих,
Бигуфт аз сари илм ӯ маро, ки *рашки биҳишт.*
*(Моддаи таърих аст:1227 ҳ.қ.=1812 мелодӣ-Ҳ.М.)*

* * *

Аз хунук имсол ақсои ҷаҳон ях кардааст,
Ҳарчи бинӣ, аз замин то осмон ях кардааст.
Ранг дар гул, нашъа дар май, нағма андар тори соз,
Бӯ ба мушку мавҷ дар оби равон ях кардааст.
Барги сарву тори сунбул, ҷисми урёни чанор,
Решаи шамшоду шохи арғувон ях кардааст.
Сабзаву себаргаву насрину савсан ҷумлагӣ
Ҳамчу садбарги тар андар бӯстон ях кардааст.
Кукуи қумрию савти булбулу афғони зоғ
Ҷумла ҳамчун нутқи тӯтӣ дар даҳон ях кардааст.
Кабку дурроҷу тазарву туғралу шоҳину боз,
Ҳудҳуду мусича андар ошён ях кардааст.
Лаблабу дар мағзи кулах, сабзӣ андар зери хок,
Ботааммул бингарӣ, ҳам ину он ях кардааст.
Бухл дар қалби лаиму ҷуд дар табъи карим,
Ҳамчу шафқат дар дили аҳли замон ях кардааст.
Ҳарчи андар дида ояд,  он чӣ дар дил бигзарад,
Ҷумлаи ин ошкорову ниҳон ях кардааст.
Дар чунин вақте, ки олам аз ҳуҷуме хуш супурд,
Шаш ҷиҳат дар маркази кавну макон ях кардааст.
Баъд аз ин ман бо тани афсурдаву ҷинси латиф,
Рӯ куҷо орам, ки мағзу устухон ях кардааст.
Ҷуз паноҳи сояи девору лутфи Кирдугор ,
Ҳарчи андар ҷилва меояд, ҳамон ях кардааст.
Аз ҷаҳонафрӯзии хуршеду адлу доварӣ,
Ғуссаву ғам дар дили Нӯшервон ях кардааст.
Аз шукӯҳу шаъни он шоҳаншаҳи вологуҳар,
Шавкати Искандари соҳибқирон ях кардааст.
Пеши ҷуду бахшишаш Ҳотам дар оташ метапад,

Назди эҳсонаш зи ҳасрат баҳру кон ях кардааст.
Ҳеҷ кас аз даргаҳаш дасти тиҳӣ н-ояд бурун,
В–арна лутфу раҳм ҷуз ин остон ях кардааст.
Аз бузургиҳои раъйи равшани волонажод
Дар замини аҷз ҷисми душманон ях кардааст.
Бод бахту давлату иқболу умраш барқарор,
Моҳтобу ахтар андар осмон ях кардааст.
Тоҷу тахти шаҳриёрӣ бе сару рӯяш мабод,
То замоне шоҳроҳи каҳкашон ях кардааст.
Гар набошад шомили аҳволи Саҳбо лутфи ӯ,
Ҳамчу як шахси заифи нотавон ях кардааст.

Бодо ҳамеша тавсани иқбол бар сарат,
Хизру Масеҳ, ақлу хирад бод раҳбарат.
Доим шаҳоби бахти ту бодо ба осмон,
Тобанда бод ахтари масъуд бар сарат.
З-осеби даҳр бар танат ҳаргиз халал мабод,
Гардад мудом шамсу қамар гирд аз сарат.
Бахт аз дари ту дур мабодо ба субҳу шом,
Бошад ҳамеша ҷомаи мақсуд дар барат.
Сарҳои хусравон ҳама бар даргаҳи ту бод,
Гардад равони Қайсару Фағфур чокарат.
Базми ту рашки базми Каён бод доимо,
Айшу нишоту хуррамӣ бодо муқаррарат.
Ҳаргиз мабод бе қадамат бахт барқарор,
Бодо ҳамеша тоҷи шаҳӣ зеби афсарат.
Ҳар ҷо ба азми разм ту чун баҳр рӯ ниҳӣ,
Чун пури Зол бод қавӣ ҷанги аскарат.
Саҳбо, мудом бод санохони ҳазратат,
Чун хок бод хуфта шабу рӯз бар дарат.

* * *

Туро, ки ахтари масъуди бахт бедор аст,
Ҳамеша ёри муъини ту ҳайи саттор аст.
Бидод давлати боқӣ туро Худойи карим,
Зи баски доду диҳиш бо ту пешаи кор аст,
Набуда ҳамчу ту дар арсаи ҷаҳон шоҳе,
Зи бас ба зоти шарифат шаҳӣ сазовор аст.
Туро дуруст бувад афсари ҷаҳонбонӣ,
Чаро ки раъйи ту чун меҳри соҳибанвор аст.
Расад зи хони фалак дам ба дам муроди дилат,
Туро зи толеи фирӯз рӯзи бозор аст.
Ҳар он чи хоҳию ҳар он чиро талаб созӣ,
Зи юмни ахтари масъуд ҷумла хурдор аст.
Фалак ба теғи ситам мезанад адӯйи туро,
Ба душманони ту аз даври чарх озор аст.
Чӣ сон касе ба ту бадхоҳ мешавад дар даҳр,
Сари адӯйи туро такя чӯбаи дор аст.
Касе, ки пой ниҳад бе ризои ҳазрати ту,
Яқин бидон, ки чу аҳли нифоқ дар нор аст.
Ба ҷуду бахшишу эҳсон туӣ фариди ҷаҳон,
Кафи ту ҳамчу саҳоби бас фалак гуҳарбор аст.
Ба даргаҳи ту нест касе дилфигору ҳазин,
Зи илтифоти ту хурду бузург саршор аст.
Ба вақти қаҳру ғазаб мекунӣ ту лутфу карам,
Ба ҷумла ҳозиру ғоиб тараҳҳумат ёр аст.
Зи хони ҷуди ту кас нест баҳрае набарад,
Салои оми ту бар ому хос ҳамвор аст.
Агар ба рӯйи ту як лаҳза дида во шавад,
Ба субҳу шом зи дарду зи ғусса хунбор аст.
Ба чашмҳо набувад сурма ҷуз ғубори раҳат,

Ҳамеша хоки дарат баски тӯтиёбор аст.
Саманди чарх надим бувад, ки дар ҷавлон
Ки то ба саҳни фалак собит аст, сайёр аст.
Зи пайкарат табу дарду газанд бодо дур,
Дуо зи баҳри ту ҳар дақиқа сад бор аст.
Ҳамеша, то ки ҷаҳон ҳаст, бо ту давлат бод,
Маро дуои ту дар субҳу шом гуфтор аст.
Мапӯш дидаи лутфу тараҳҳум аз Саҳбо,
Ба бандагии ту дар субҳу шом иқрор аст.

* * *

Либоси салтанат бар он қаду боло муборак бод!
Бар ангуштат нигини ҳукмрониҳо муборак бод!
Туро лутфу карам аз ҷониби довар паёпай шуд,
Ки то овард пешат инчунин зебо, муборак бод!
Зи юмни марҳаматҳои амири одилу аъзам
Бишуд ин маҳфили нози ту сар то по, муборак бод!
Ҳама бар остонат рӯз то шаб ҷабҳа месоянд,
Чунин шавкат ба зотат, эй шаҳи доно, муборак бод!
Зи шаш сӯ шодию ишрат ба дарбори ту рӯ овард,
Магар шуд аз замин то осмон пайдо, муборак бод!
Аҷаб набвад шавад ин шаҳр, к-аз ин мужда айшобод,
Суруру ишрату шодӣ мудом ин ҷо муборак бод!
Туро маҳфуз дорад Ҳақ ба маҳди офият доим,
Шавӣ масруру хуррам з-ин фараҳафзо муборак бод!
Дилат шоду танат беранҷу бозуят қавӣ бодо,
Кунӣ аз лутф бар ҳар сарзамин барпо, муборак бод!
Ту меҷӯ хастаро аз хотири отир, шаҳаншоҳо,
Ки доим мекунад бар ҳазратат Саҳбо, муборак бод!

* * *

Зи ғусса хун шавад он дил, ки дар ҳавойи ту набуд,
Равад ба бод ҳар он сар, ки хоки пойи ту набуд.
Ба захми теғи ҳаводис фано шавад он кас,
Ки рӯзу шаб чу фалак тобеи ризойи ту набуд.
Мабод равшанию нури зарра дар чашме,
Ки сурмааш зи ғубори дари саройи ту набуд.
Барои туъма диҳад дил зи дасту ҷон аз тан,
Ҳар он касе, ки яке рӯз дар салойи ту набуд.
Ба даҳр нест нишотею ишрате ҳаргиз,
Ки субҳу шом ба базми тарабфизойи ту набуд.
Зи баҳр дурру зи кон лаъл кай бурун ояд,
Агар чунин ба ҷаҳон бахшишу атойи ту набуд.
Ба шаҳру мулку вилоят мабод фармондеҳ,
Ҳар он ки пайрави раъйи туву ризойи ту набуд.
Ба чорболиши ишрат куҷо занад паҳлу,
Касе ба ҷону дили хештан гадойи ту набуд.
Агарчи Қайсару Фағфур раъйи шоҳ буданд,
Ба қадру поя фузунтар зи бандаҳойи ту набуд.
Ба тахти подшаҳӣ нест ҳеч юмни шарофат,
Агар дурустии он тахт аз баройи ту набуд.
Ба ҳазратат, ки Фаридуну Хусраву Доро
Чу чокари дари давлатсаройи ту набуд.
Маро забону дилу даст дар сабоҳу масоъ
Накузамону накулаҳза бе дуойи ту набуд.
Ки то ба қулзуми олам бувад сафинаи моҳ,
Ҳаводисе ба ҷаҳон лаҳза нохудойи ту набуд.
Чароғи меҳр бувад то ба маҳфили олам,
Даме сироҷи тараб дур аз саройи ту набуд.
Чу андалеб ба гулзори мадҳият, Саҳбо,
Дақиқае барӣ аз лаҳну аз навойи ту набуд.

* * *

Илоҳӣ, дарду кулфат аз танат доим ҷудо гардад,
Дилат бо ишрату табъат нишотиошно гардад.
Замири равшанат аз гарди ғам доим барӣ бодо,
Муину ёварат аз лутфу эҳсонат Худо гардад.
Табу ранҷу аламро раҳ ба ҷисми нозукат набвад,
Далелу раҳбару ёрат Муҳаммад Мустафо гардад.
Ба субҳу шом бодо меҳру моҳи толеат равшан,
Туро фирӯзие аз чор ёри босафо гардад.
Шавад ранги кудурат доим аз азму маромат дур,
Зи лутфи Ҳақ мураббӣ панҷ тан оли або гардад.
Ҳамеша умру давлат бо ту ёру ҳамнишин бодо,
Туро дар рӯзу шаб Хизру Масеҳо раҳнамо гардад.
Ба дарди меҳнатат ҳар лаҳзае шоҳи ҷаҳон бар дар,
Зи дорухонаи лутфи худовандӣ раво гардад.
Зи юмни толеи фирӯзу бахту ахтари масъуд
Дари айшу тараб ҳар лаҳза бар рӯйи ту во гардад.
Дилу дасту забони хастаи Саҳбои ғампарвар
Бароят рӯз то шаб боз аз баҳри дуо гардад.

* * *

**Алиф** аз ваҳдати зоти ту нишонҳо дорад,
**Бо** ба теъдоди сифоти ту забонҳо дорад.
**То** туро мухтаси зот аст нафар то додем**,**
**Со-**и сим гавҳари ҳамди ту баёнҳо дорад.
**Ҷим-**и ҷуди ту ба ҳар зарра диҳад хуршеде,
**Ҳо** ҳаёти абад аз ҳукми ту ҷонҳо дорад.
**Хо** зи халлоқии зоти ту хабар мегӯяд,
**Дол** дар маркази илми ту дӯконҳо дорад.
**Зол-**и зикрат ба ҳама аҳли ҷаҳон воҷиб шуд,
**Ро** ризои ту ба ҳар ҷисму равонҳо дорад.
**Зо** забони ҳама дар ҳамди ту бошад нотиқ,
**Син** сари хасм зи қаҳри ту синонҳо дорад.
**Шин** шаҳоби шарафат ҳодӣ бари гумроҳ аст,
**Сод-**и сунъи ту ба ҳар уқда ҷаҳонҳо дорад.
**Зод** зоеъ набувад хидмати кас бар дари ту,
**То-**и тавқи карамат гардани ҷонҳо дорад.
**Зо-**и зоҳир бувад илми қадамат дар ду ҷаҳон,
**Айн** айни карамат оби равонҳо дорад.
**Ғайн** ғайр аз ту набошад ба ду олам ғаффор,
**Фо** фақири ту ба ҳар доира конҳо дорад.
**Қоф**-и қадри ту баланд омада аз фикру хаёл,
**Коф-**и кайфияти ишқат ҳама ҷонҳо дорад.
**Лом** лабро кӣ кушояд ба ҷуз аз мидҳати ту?
**Мим-**и меҳри ту ҳама кавну маконҳо дорад.
**Нун**-и навъи ҳама ашё зи ту номӣ гардад,
**Вов-**и вобастаи илми ту аёнҳо дорад.
**Ҳо** ҳама зоҳиру ботин зи ту пинҳон набувад,
**Ломи** ту лоиқи он коҳкашонҳо дорад.
**Йо** яқин аст ба назди ҳама кас тирозат,
Дили Саҳбо зи дари ҳамди ту конҳо дорад.

* * *

Дилат чу гулшани ҷаннат ҳамеша хуррам бод!
Табиати ту шабу рӯз дур аз ғам бод!
Илоҳӣ, гарди ҳаводис ба доманат нарасад,
Туро нишоту фараҳ субҳу шом маҳрам бод!
Замони умри ту бодо дарозтар зи ҳазор,
Тараб рафиқи ту ҳар лаҳза боду ҳар дам бод!
Зи ахтари фалак афзун шавад муҳиббонат,
Ба даҳр душмани зотат зи зарра ҳам кам бод!
Агарчи халқи тавонову давлатат боқист,
Ба ҷумла мартабаи давлатат муқаддам бод!
Мулозими ту шавад хуррамию фирӯзӣ,
Ба рӯзгори ту ишрат анису ҳамдам бод!
Ғубори ғам нанишинад ба домани табъат,
Ҳар он чи нуктаи хайр аст, бо ту малҳам бод!
Ба ҳар куҷо, ки ниҳӣ по, азизтар гардад,
Вуҷуди поки ту ҳар ҷо равад, мукаррам бод!
Ба ҷуз саломатиат нест матлаби Саҳбо,
Туро саломатӣ доиман мусаллам бод!

* * *

Ту рафтию ба дили зори ман қарор намонд,
Ба сина сабру ба чашми ҳазин виқор намонд.
Зи рафтани ту маро ҳолати дигар омад,
Ки заррае ба сарам ҳушу ихтиёр намонд.
Чӣ рафтане, ки ҷаҳонро ба шӯриш овардӣ,
Фароғате ба ҳама аҳли рӯзгор намонд.
Зи рафтанат ҳамагӣ рафт ақлу тобу тавон,
Ки дар раҳи ту ба ҷуз чашми интизор намонд.
Бирафт, то зи сарам сояи ҳумоюнат
Ба ҷисми ман ба ҷуз аз ранҷи изтирор намонд.
Маҳи ҷамоли ту з-ин бурҷ азми рафтан кард,
Замонаро ба ҷуз аз дидаҳои чор намонд.
Марав, марав, ки ҷаҳоне зи хештан рафтанд,
Биё, биё, ки ҷаҳонро дигар мадор намонд.
Мадори оламу одам дар ин замона туӣ,
Ки бе вуҷуди ту  дар зарри даҳр  иёр намонд.
Марав, марав,  ки зи халқи ҷаҳон сабурӣ рафт,
Биё, биё, ки ба мардум мадори кор намонд.
Марав, марав, ки зи худ рафт кучаку бузрук,
Биё, биё, ки дар ин арса эътибор намонд.
Биё, биё, ки туӣ меҳри авҷи яктоӣ,
Ки бе ту ҳеҷ фурӯғе дар ин диёр намонд.
Биё, биё, ки ҳама чашму гӯш дар роҳанд,
Зи интизории беҳад ба тан мадор намонд.
Биё, биё, ки ба мо тоқати ҷудоӣ нест,
Зи дарди ҳаҷр заррае сабру қарор намонд.
Шаҳо, ту ҷонию ин мамлакат бувад чун тан,
Ба тан зи дурии ҷон ҳеч иқтидор намонд.
Паноҳи аҳли замонию дар ҳимояти туст
Ҷаҳон, ки бе ту мадору устувор намонд.

* * *

То кай ҷафои чарх ба як нотавон шавад,
Бар як заиф зулм зи нуҳ осмон шавад.
Аз ихтидову меҳнату андӯҳи ифтироқ,
Чун об аз ду дидаи ман хун равон шавад.
Ҳар дам зи бори ҷавру ҷафо нахли қоматам,
Аз зӯри дасти ҳодиса ҳамчун камон шавад.
Ин ғуссаам чӣ ғуссаву ин ғам кадом ғам?
Ҳар мӯйи ман ба тарзи дигар дар фиғон шавад.
Вақт аст, дӯстон, ки зи ҳар узв-узви ман
Аз сӯзи ҳаҷр оташи дигар аён шавад.
Афғони ман чаро нарасад дар фазои чарх,
Он дам ба оҳу нола дилам ҳамзабон шавад.
Эй дӯстон, шумо зи чӣ ёрӣ намедиҳед,
То оҳи ман ба чанги фалак ҳаминон шавад.
Пеши кӣ дафтари ғаму андуҳ во кунам?
Бар муддаои ман чӣ сухан тарҷумон шавад?
Фарёд агар зи раъд кунам, қарз лозим аст,
Аз абр гиря вом кунам, то фиғон шавад.
Сар нокашида сарви ман аз боғи хуррамӣ,
Пажмурда инчунин зи самуми хазон шавад.
Аз захми чашми золи ҷаҳон нури дидаам
Якбора зери ҳалқаи олам ниҳон шавад.
Акнун чӣ сон зи гиря қиёмат намекунам?
Овози шӯришам зи карон то карон шавад.
Эй дӯст, лозим аст, ки з-ин ҷаври чархи дун,
Ин осмон замину замин осмон шавад.
Ҳар дам навои ин дили маҷрӯҳи хастаам,
Бо заҳра мепарад, ки кунун тавъамон шавад.
Чун шуд, ки ногаҳ ахтари бурҷи кароматам,
Якборагӣ зи авҷ саодатқирон шавад.
Эй нури чашми ман, зи чӣ хомӯш гаштаӣ?
Ҳарфе чӣ мешавад, ки маро з-он даҳон шавад?
Ин вақти он набуд, ки з-ин боғ дарравӣ,

Ин боғ бетаровату бебоғубон шавад.
Ин вақти он набуд, ки дамро ту даркашӣ,
Ин гуна аз вуҷуди ту холӣ ҷаҳон шавад.
Ин вақти он набуд, ки аз мо ту бигзарӣ,
Ин гуна хобгоҳи ту қасри ҷинон шавад.
Лозим чунин буд, ки вуҷуди шарифи ту
Бо аҳли байт қуввати рӯҳу равон шавад.
Чун шуд туро, ки лаб зи такаллум кашидаӣ?
Дар гуфтан о, ки ҳарчи ту гӯйӣ, ҳамон шавад.
Бикшо назар, ту ҳоли хароби маро бубин,
Ғавғои ман зи ҳаҷри ту бар Каҳкашон шавад.
Азбаски хуни дида зи доғи ту рехтам,
Тар месазад, ки домани охирзамон шавад.
Ман бо қазо чӣ гуна ситезам, ки ин шигарф
Ҳар қасду ҳар ирода кунад, бегумон шавад.
Саҳбо, ҳар он чӣ мерасадам аз ҷафои чарх,
Аз хоҳишу иродаи Холиқ аён шавад.

* * *

Рух намуд имшабам ҳилол баид,
Хуб дидем мо ҷамол баид.
Аз ишороти абруи хушаш,
Боз омад дилам ба ҳол баид.
Аз тамошои моҳи орази ӯ
Ворахидем аз хаёл баид.
Давлати васли ӯ маро кофист,
Нест ҳоҷат маро  ба мол баид.
Дилбари шӯхи маҳҷабинам кард
Аз ҳино дасти хеш ол баид.
Аз сари ишва медиҳад худро
Зебу зевар ба хатту хол баид.
Шукри лиллаҳ, ки моҳи рухсораш
Сар зад аз мабдаи камол баид.
Хез, эй соқии хуҷастамақол,
Деҳ маро бодаи зулол баид.
Мардумон баски моҳро диданд,
Бода шуд з-ин сабаб ҳалол баид.
Шаҳриёро, ҷаҳон зи дидорат
Медиҳад айшро мисол баид.
Бузруку хурд зи дидани рӯят
Аз фараҳ мезананд фол баид.
Лоиқи қадри хусравон ин аст,
Бо ту созанд имтисол баид.
З - он ки Ҳақ кардааст зоти туро
Соҳиби ҳашмату ҷалол баид.
Моҳи бурҷи саодате, ки туро
Ҳар кӣ бинад, шуд аз вубол баид.
Кас мабодо аз остонаи ту
Соату рӯзу моҳу сол баид.
Гуфт “не”-ро замона дар аҳдат,
Баъд аз ин аз ҷафо манол баид.
Дидаи тезбини даҳр надид,
Чун ту шоҳи ҳасанхисол баид.

Аз ту дорад замона тарзи навӣ,
Хуррамӣ аз ту, иттисол баид.
Саркашон дидаро зи хоки дарат,
Менамоянд иктиҳол баид.
Мардумони замонаро набувад,
Ҷуз дуои ту қилу қол баид.
Бод гулзори давлатат доим
Аз хазон дуру аз завол баид.
Душманони ту сар ба сар гарданд,
Ҷумлагӣ хору поймол баид.
Ҳамчу булбул ба мидҳатат Саҳбо,
Бод ҳамвора дар муқибол баид.

* * *

Дирӯз дар рикоби шаҳаншоҳи баҳру бар,
Гаштам ба шавқу завқ чу ман озими сафар.
Дар ибтидо зи баҳри саворӣ ба ҳар тараф,
Чун бод ҷустуҷӯй намудам ба пову сар.
Охир ба юмни давлати шоҳи ҷаҳонпаноҳ,
Аспе фитод бар кафам чун аблақи саҳар.
Чун нуқра хинги субҳ бувад рангу сураташ,
Лекин ба рафти роҳ бувад шом дар назар.
Дар дав  гарав зи оҳую аз бод гӯй бурд,
Аз гови корӣ, лек ба гаштан залилтар.
Дар тохтан зи ашҳаби хуршед меканад,
Мезад ба пас зи рафт валекин зи лошахар.
Азбаски лакка гардад з-ин роҳ дам ба дам,
Шуд майда-майда пайкарам аз пой то камар.
Аз ҷастухези ӯ ба фалак рафт чангу хок,
Гаштам дар он миёна мани зор дарди сар.
Саҳбо, зи лутфи он шаҳи зулҷуду валкарам,
З-ин кулфатам наҷот диҳад қисса мухтасар.

* * *

Зиҳӣ, зи зоти ту шуд соҳиби шараф афсар,
Надошт рутба, ки ӯ соя афканад бар сар.
Агар ба чарх расад пойи тахтро шояд,
Замини мақдамат, эй шаҳриёри некахтар.
Бар остони ту шоҳон саройи паст ниҳанд,
Ба даргаҳи ту рух бишӯянд шамсу қамар.
Зи доду бахшишу ҷуди ту  мекунам таъбир,
Ба баҳри қулзуму абри баҳору боди саҳар.
Ба коми Нӯширавон заҳр гашт нӯши равон,
Шунида буд зи адли ту ӯ магар ки хабар,
Шаҳони даҳр куҷо ҳамсарӣ кунанд туро,
Намуд шаъни Фаридун зи  шавкатат дун фар.
Ту он шаҳӣ, ки Сулаймон ҳарири Кайвон кард
Қамаррикобу Аторуддабиру меҳрсипар.
Фалак зи баҳри тамошои рафтуойи дар
Кушода дидаи ахтар ба вақти шому саҳар.
Агар ба мадҳи шарифат қалам шавад ҷорӣ,
Бубандад аз шарафи  ин сухан чу наю  шакар.
Бар осмони ҷалолат зи бурҷи саъд пур аст,
Чу зоти хайр муяссар ба ту шараф ахтар.
Ба бӯстони шаҳомат чу гулбуни зотат,
Надошт нахли вуҷуди касе зи адл самар.
Уқоби зулм куҷо боли ҷавр бикшояд,
Ба бардае, ки ту бошӣ саромаду меҳтар.
Карам ба табъи шарифат ҷон бувад моил,
Ки вақти қаҳру ғазаб тоҷ бахшию афсар.
Қубоду Ковусу Хусрав зи чокари ту каманд,
Ки нестанд зи нахли қади ту соя ба сар.
Ту он шаҳӣ, ки расад насли покашрафи ту,
Бад-он маҳе, ки шуд ашё зи нури ӯ мазҳар.
Парида боди сари хоки остони ту ба само,
Сафедӣ дидаи шахсе, ки бо ту нест назар.
Фитодагони даратро ба лутф агар хонӣ,

Гузар кунад сараш аз фарқи фарқиён бартар.
Туӣ сипеҳри саховат, туӣ мадинаи ҷуд,
Туӣ матолеи девону ақлу ҳушу ҳунар.
Шифои дарди ситамдидагони арсаи фақр,
Сазад, зи синаи заҳматкашидагон гузар.
Расид ситти атоят ба ҳафт хиттаи хок,
Ба Руму Рай, ба Тӯрону Машҳаду Ховар.
Ба рафтани маҳу сол, гашти соати рӯз,
Надид чашми ҷаҳон чун ту маъдалатгустар.
Ба саҳфае, ки кунад килки ман рақам ово,
Сазост, бар сари  номаҳо фишонад зар.
Зи тухфаву зи атои ту мустафид гаштанд,
Мудом ғоибу ҳозир ба вақти шому саҳар.
Зи фазлу донишат, ар дам занам, хатост, хатост,
Ки мадҳи шамс чӣ лоиқ ба зарраи аҳқар.
Нидои мурғи саҳар ин ки бо навое гуфт:
Туӣ музаффару мансур, соҳиби кишвар.
Сухан ба васфи ту бар завқи табъ натвон гуфт,
Беҳ, он ки мадҳи туро бо дуо кунам ақсар.
Туро хилофати шоҳаншаҳӣ мусаллам бод,
Ба ҳаққи ҳурмати асҳоби оли пайғамбар.
Қабои давлати фармони даҳр ба қомати ту,
Мудом бод зи алтофи ҳазрати Довар.
Дари ту қиблаи арбоби ҳоҷат аст мудом
Муҳаққирони ҷаҳонро ба вақти шому саҳар.
Бар остони ту Саҳбо ниҳод рӯйи ниёз,
Марон ба қаҳру ғазаб ин ҳақирро аз дар.

* * *

Фиғон зи дасти ҷафопешачархи бадшиор,
Ҷудо намуд маро з-он бути қамардидор.
Набуд тоқати дурӣ маро аз ӯ як дам,
Намуд бе рухи ӯ дидаи маро хунбор.
На ҳуш бар сару на сабр дар дили пурғам,
На ақл раҳбару не бо тани фусурда қарор.
Ғамаш ба хок нишонад, сазад маро бе ӯ
Ки нест қуввати бархостан ба пайкари зор.
Ҳуҷуми лашкари ғам бар сарам чунон бошад,
Ки ҳамчу зулмати айём бар сари шаби тор.
Фироқ чун накашад аз танам қабои шабгун,
Ки дарди ишқ барад сар ба сар зи кӯҳ виқор.
Дили заиф ба тан доштам, зи дида чакид
Зи ҳаҷри он бути симинбари шакаргуфтор.
Надонам ин ғами ҷонсӯзро чӣ чора кунам,
Куҷо равам, ба кӣ ин қиссаро кунам изҳор.
Зи тоқи чарх фитодан нагун ба қуллаи кӯҳ,
Ба мулки сина ниҳодан ҳазор кӯраи нор.
Ҳазор теғ ба гардан расид ба ҳар соат,
Ҳазор наштари пайкон халад ба дидаи зор.
Гаҳе зи сар гузарад об, гаҳе зори оташ,
Гаҳе ба коми наҳанг орамию синаи мор.
Чунин шавад ба ту ҳар лаҳза кор мушкилтар,
Беҳ аст з-он ки шавӣ дур як даме аз ёр.
Сабо, агар бирасӣ ногаҳон ба хоки дараш,
Бар остонаи ӯ рав, паёми мо бигзор.
Бигӯ, ки эй бути сангиндили ҷафопеша,
Фалон зи ҳаҷри ту бар раҳ фитода ҳамчу ғубор.
Қасам ба холу хати зулфи анбаринаш хӯр,
Ки бе ту нест мар-ӯро даме шугуни қарор.
Чӣ шуд, ки меҳру вафо з-ӯ тамом бибридӣ,
Чӣ шуд, раъйи ту бо ҷавру зулм ёфт қарор.
Шавад чу тӯтиёи дидаи шоҳону хусравон,
Аз сумми тавсани ту ба раҳ хост гар ғубор.

Шоҳаншаҳӣ ба зоти шарифат мусаллам аст,
Чашми ҷаҳон надида чу ту шоҳи тоҷдор.
Ғайр аз дуо чӣ туҳфа гузорам ба пеши ту?
Ҷуз аҷз нест бо мани вомонда иқтидор.
Бодо мудом аспи муродат ба зери зин,
Бошӣ ҳамеша з-офати олам ту растагор.
Умри дарозу давлати ҷовиду тахти сур,
Бодо туро муяссару мавҷуду барқарор.
Аз шаш ҷиҳат бидод Худованд коми ту,
Аз чор сӯ шавад ба ту мақсуд дар канор.
Саҳбо, назад рақам ба ҷуз аз мадҳи ҳазратат,
Дар сафҳаи ҷаҳону дар авроқи рӯзгор.

* * *

Эй шаҳи додраси соҳиби тоҷу афсар,
То абад бод туро хилъати давлат дар бар.
Банда гар сар ниҳам аз хатти ризоят берун,
Хоку санги ду ҷаҳон ғуссаи ғам бод ба сар.
Ҷуз дуои ту агар ман ба ҷаҳон ҳарф занам,
Бод бибрида забонам ба ҳисому ханҷар.
Зарраро нест ба ҷуз тобеи хуршед шудан,
Бандагонро набувад ғайри ризои довар.
Хасу хошоки раҳи оҷизию бекасиам,
Муттакое набувад ҷуз ту маро ҳеҷ дигар.
Хок будам, зи талаттуф ба фалакҳо бурдӣ,
Кардӣ равшан шабу рӯзам ту чу хуршеду қамар.
Бе ризои ту агар ман ба ҷаҳон пой ниҳам,
Чашми бинойи ман бод бурун аз паси сар.
Ман на худро ба шумори шуъаро медонам,
На ба теъдоди зувафазлу зуваҳушу ҳунар.
Нест як зарра ба табъи мани маҳзун дониш
Ғайри нодонию бечорагию аҷз самар.
Ман на бо донишу  бо фазлу ҳунар мебозам,
Балки нозам ба карамҳои ту аз дӣ афсар.
Хору хасро чӣ бувад қадр ба пеши оташ,
Обу гилро чӣ бувад қурб ба пеши гавҳар.
Ман киям, то ки занам лоф ба доноии худ,
Нест дар даҳр чу ман бекаси бедоништар.
Он ки аз ман сухани сард ба шаҳ мегӯяд,
Дорад аз бухлу ҳасад ӯ ба табиат озар.
Лутфи пай дар пайи шаҳ дид ба ҳоли мани зор,
Мешавад марди ҳасадпеша зи ҳасрат лоғар.
Ба суханҳои парешони саропой дурӯғ,
Бикунад рӯйи шаҳ аз ҷониби ман сӯйи дигар.
В-арна ман ғайри дуоят ба ҷаҳон дар ҳама умр,
Назанам ҳарфи дигар ҳеҷ ба шому ба саҳар.
Гар барои ту нагардад сухани ман мақбул,
Мекунам ёд қасам, то ту намоӣ бовар.

Ба ҳаққи қодири аршу ба ҳаққи қудрати ӯ,
Ба ҳаққи холиқи арзу фалаку шамсу қамар.
Ба сифатҳои субутию сифоти салабӣ,
Ба каромоти Худованди карими довар.
Ба ҳақи Одаму Иброҳиму Нуҳу Исҳоқ,
Ба ҳақи Юсуфу Мӯсову ҳама пайғамбар.
Ба ҳақи Аҳмаду бо рутбаву бо меъроҷаш,
Ба ҳақи олу ба асҳоби киромаш яксар.
Ба ҳақи сидқи Абӯбакру ба адли Форуқ,
Ба ҳақи ҷомеи Қуръону ба ҳаққи Ҳайдар.
Ба имомону ба ёрону ба асҳоби набӣ,
Ба сару чашми ту, эй шоҳи раиятпарвар.
Аз мани бекаси нодони саропо маҳрум,
Нест воқеъ ба ҷаҳон ҳеч сухан аз меҳтар.
Ҳарчи бошад, мани маҳзуни заиф аз сари сидқ,
Тавба кардам, ки наёям бурун аз ҳуҷра дигар.
Баъд аз ин дам назанам бо ҳамаи аҳли замон,
Дар ҳама умр аз ин пас сухани хайру шар.
Умри худро ба дуои ту намоям масруф,
Ҷӯям аз сидқу сафо бахри ту ман шому саҳар.
То ки дар гашт бувад ин фалаки миноранг,
Бод махсус туро тахти шаҳию афсар.
Ҷуз ризои ту ба Саҳбои залилу нодон
Набувад пешаву андешаи дигар бар сар.

* * *

Осмони дину миллатро бувад зотат қамар,
Карда раъятро фазо аз илму дониш мухтасар.
Рӯзу шаб бар остонат аз сари сидқу сафо,
Умрҳо шуд мебарад хуршеду маҳ ин ду ба сар.
Сад чу Ҳотам фазлахори хони эҳсони ту шуд,
Баски ҷудат дастро аз  нашри абрӣ бештар.
Рашки илму ҳикматат охир Фалотунро нишонд,
Дар ғаму хиҷлат чунон шуд оқибат ӯ беасар.
Рутбаатро бартар аз Кайвон агар хонам, равост,
З-он ки чун сагзӣ барат умрест мебандад камар.
Гар қазо ҳар дам ба зоти ашрафат нозад, сазост,
Баски накше чун сари мӯят намебандад қадар.
Аз сафои тинатат шоми фақирон равшан аст,
Аз хулуси ниятат нахли заифон борвар.
Пеши доду бахшишат бар як гадое неш нест,
Пеши фазлу донишат Буқрот шахси беҳунар.
Бо карам табъи шарифат он қадар хӯ кардааст,
Метавон гуфтан, ки ин ҳарду бувад нахлу самар.
Он ки бо Ҷам ҷом доду  бо Сикандар ойина,
Бо ту раъйро карам фармуд з-он ду хуштар.
Ҳар кӣ бинад чокаронро бар дарат як ҷой ҷамъ,
Дам ба дам мебандад аз наззораи Парвин назар.
Баҳри дафъи душмани  зоти ту, эй соҳибшараф,
Осмон умрест мегардад туро аз гирди сар.
Гар туро мебуд расми разму майдони набард,
Рангдонат теғ мегардиду хуршедат сипар.
То ки дорад меҳру маҳ дар сафҳаи мино қарор,
То ки Кайвонро  бувад дар маснади ҳафтум мақар.
Бод умру давлату фазлу балоғат дар ҷаҳон,
Ҳамраҳи зоти шарифат доим, эй некӯсияр.
Шуд дуогӯю санохони ту, Саҳбо дар ҷаҳон,
Аз сари лутфу карам кун гоҳ сӯйи ӯ назар.

* * *

Зи тарфи боғ намояд арӯси сабза зуҳур,
Мусаллам аст туро баъд аз ин нишоту сурур.
Шароби сурхи шафақгун ба ҷом бояд рехт,
Магир лаб зи лаби коса то бувад мақдур.
Ба саҳни боғу гулистон бисоз маҳфили айш,
Ки хун шавад чу ақиқи Яман дили Фағфур.
Бидеҳ зиннати базм аз бутони сунбулмӯй,
Ки эҳтиёҷ намонад ба анбару кофур.
Зи мутрибони хушовозу довудиоҳанг,
Ки савташон бибарад ҳуш аз вуҳушу туюр.
Бад-ин тариқа бидеҳ даври айшро зевар,
Макаш ту пой аз ин варта то дамидани сӯр.
Хуш аст маҷлиси ишрат, биёр бодаи гул,
Вагарна номи тараб бод дар ҷаҳон мастур.
Ту зоҳидо, сухан аз дӯзаху биҳишт мазан,
Маҳи нигори гулистон ту бошу ҳури қусур.
Дуои зоти ту Саҳбои хаста месозад,
Диҳад муроди дилатро ҳамеша ҳайи Ғафур.

* * *

Дишаб аз дасти ҳаводис буд ҷисмам беқарор,
Синаам аз теғи ҷаври чарх сар то по фигор.
Дидаамро кушта аз бедоди даврон ашку хун,
Пайкарам гардида зери бори кулфат бемадор.
Бар рухам биншаста аз ғам як биёбон заъфарон,
Бар дилам карда ватан аз шахси меҳнат як ҳисор.
Рафта аз фарти таҳайюр аз мизоҷам иқтидор,
Монда аз ҷӯши таҳассур дар замирам изтирор.
Ҳолате гардида зоҳир бар сари шӯридаам,
Камтарин тобе аз ӯ рӯзи қиёмат рӯзгор.
Ман, ки будам аз ҳуҷуми ғусса аз худ бехабар,
Шуд ба гӯши ман садои ҷунбиши дар ошкор.
Бас ба сад кулфат зи ҷо чун бешуурон хестам,
Дар фаро бикшудаму додам ба сӯйи хеш бор.
Зад қадам дар кулбаам, дидам нигори ҳурваш,
Чашми шӯхаш сар ба сар масту мизоҷаш ҳушёр.
Ҳуснаш аз ҷӯши назокат сад гулистон обуранг,
Тӯррааш аз печухам сад боғи сунбул дар канор.
Наргисашро аз фусун сар то ба по доми фиреб,
Оразашро аз сафо пирояи сад нуру нор.
Ишваро дар ҷаъди мафтунаш гираҳ андар гираҳ,
Фитнаҳо дар чашми дилҷӯяш қатор андар қатор.
Сӯям аз меҳру талаттуф чашми шафқат боз кард,
Дид ашкамро равон бехуд чу дарё дар канор.
Гуфт: аз баҳри чӣ бошӣ инчунин побанди ғам,
Гуфт: аз баҳри кӣ бошӣ инчунин кулфатшиор.
Вақти хубии ҳавову нузҳатафрӯзии боғ,
Гоҳи марғубии даҳру хуррамиҳои баҳор.
Хоса ин вақте ки дорад шоҳи воломанзалат,
Ҷашни олирутбае дар боғи фирӯзӣ ба бор.
Баста оин сар ба сар атрофи гулшан аз қумош,
Дода зиннат таҳ ба таҳ қумош аз нақшу нигор.
Хез аз баҳри тамошо, шав равон ҳамроҳи ман,
То зи сайраш дарду ғам аз тинатат гирад канор.

Оламе аз  меҳру шафқат ҷасту аз дастам гирифт,
Бурд сӯйи базми айш ороиши ишратмадор.
Рафтаму дидам, ки он ҷо маҳфиле чун боғи хулд,
Айш ӯро лафзи маънӣ, ишрат ӯро буд тор.
Дар ҳақиқат маҷмаъе дидам, ки аз ҷӯши тараб,
Карда савту хуррамӣ аз сақфи меҳру маҳ гузор.
Дода ороиш ба ҳар ҷониб дӯконҳо чу боғ,
Аз қумоши латтаҳо зевар чунон дар лолазор.
Ҳуллаву дебои румию фарангӣ ҳар тараф,
Карда ҳамчун моҳи наврӯзӣ бадоеъ ошкор.
Гашта ҳам чандин дӯкон лабрез аз қанду набот,
Чун даҳони дилбари зебо, ки дар гуфтугузор.
Аз таому аз шаробу мевааш гар дам занам,
Хулдро рашк ояду гардад асири  эътибор.
Ҳар тараф бинҳода чандин сурати ҳайратфизо,
Бурда наққошаш дар ӯ эъҷози исоӣ ба кор.
Равшан аз ҳар сурати ӯ нақши чандин аз симо,
Зоҳир аз ҳар луъбати ӯ сеҳру ҷоду бешумор.
Як тараф базми парирӯёни шӯхи ишвагар,
Карда аз ҳар чини гесӯ ҷону дилҳоро шикор.
Бо ишоратҳои абрӯ бурда ақли бедилон,
Бо нигоҳи чашми ҷоду ошиқонро карда зор.
Як тараф бонги наю танбӯру дутору рубоб,
Сомионро карда аз ҳар зеру бам беихтиёр.
Нағмасанҷони хушилҳон карда ҳамоҳанги хуш,
Савташон бигрифта сабру тоқат аз ҷони ҳазор.
Як тараф зикру самои сӯфиёни софваҷд,
Сохта аз ҷаҳру талқин осмонро беқарор.
Карда оламро зи ҷӯши навҳа пур аз ғулғула,
Карда давронро зи ҳою ҳуй чун рӯзи шумор.
Як тараф ороста базме зи баҳри гӯштин,
Паҳлавонон гирди он маҳфил ҳазор андар ҳазор.
Ҳар яке бо ҳам ба чандин зӯру фар андар талош,
Ҳар яке бо ҳам ба чандин тобу таб дар гирудор.

Он яке бигрифта инро ҳамчу шери гурсуна,
В-он дигар афканда инро ҳамчу гурги баррахор.
Он яке чун Рустами дастон фурӯ рафта ба хашм,
В-он дигар аз корзорон монда чун Исфандиёр.
Он яке гардида чун Бежан зи ғайрат тезчанг,
В-он дигар афтода аз сустии чӯпон хорузор.
Алғараз бо ҳам ба чандин шева андар ҷастухез,
Карда ҳар якро забун бо як тариқу иқтидор.
Шаб шуд аз ҷӯши чароғон хира чашми осмон,
Тофта нураш дар айвони фалак хуршедвор.
Гашта ахтарзор аз шамъи шабаш рӯйи замин,
Карда аз нуру зиёяш шуъла даврон дар канор.
Аз databases саrodиққҳои рангин саҳни базмаш чун фалак,
Аз тароватҳои вофир саҳнааш чун ҳусни ёр.
Чун ба дидан он замини айшхезу файзбахш,
Рехт ғам якборагӣ аз домани дил чун ғубор.
Шодмонӣ рух намуду хуррамиҳо даст дод,
Рафт кулфат аз мизоҷам сар ба сар беихтиёр.
Чун шудам хуррам, намудам аз тариқи бандагӣ
Аз сари мӯйи забон баҳри дуои шаҳриёр.
То ки бошад чархро даврон, бувад даврони шоҳ,
То ки бошад арзаро тамкин, бувад шаҳро нисор.
То ки бошад меҳру маҳро истгоҳи равшанӣ,
Бод равшан дидаи давлат зи шоҳи комгор.
Ҳаст Саҳбо рӯзу шаб бар остонаш мадҳгӯ,
Аз дилу ҷон бар дуои давлати ӯ устувор.

# Ашъори пароканда

***Қитъаот***

Дар маҳфиле, ки шамъи рухат партав афканад,
Парвонасон ба пеши ту ҷонҳо шавад нисор.
Ҳар хор агар ба гулшани лутфи ту роҳ ёфт,
Шуд таъназан ба гулшани боғи ҷинон ҳазор.
Ифшои дори марҳаматат рӯз то ба шаб,
Бар рӯйи дардманди фақирони рӯзгор.
Шодӣ ба ҳар куҷой равӣ, ҳаминони туст,
Ишрат ба ҳар куҷо, ки нишинӣ, туроcт ёр...

* * *

...Эй дӯст, ҳоли ман ба ту чун рӯзи равшан аст,
Кам кун гила ту аз мани вомонда зинҳор.
Дар дил набудам, он ки ҷудоӣ кунам зи ту,
Лекин ҷудо намуд маро чархи бадшиъор.
Гар ихтиёр бар кафи ман бошад, эй азиз,
Бехуд равам ба сӯйи ту рӯзе ҳазор бор.
Умре, ки меравад ба ғарибию бекасӣ,
Ҳаргиз манеҳ ба даҳр бад-он умр эътибор.
Аз ҳоли зори ман ту надонӣ, чӣ меравад,
Аз дарди бекасию ғарибию интизор.
Дар ғурбат аз ғами ту басе зор гаштаам,
Чун гард  пайкарам шавад аз бод беқарор.
Бо ман ту ҳарф аз ғами дурӣ мазан, мазан,
Бар ёди ман ту боз ғами рафтаро маёр.
Кам кун сухан зи суҳбату аз васлу иттиҳод,
Пурхун макун зи ғусса маро чашм ашкбор.
Ҳаргиз макун ҳикояте пеши ман аз фироқ,
Ин қадр мебарад зи сарам ҳушу ихтиёр.
Ҳиҷрон бас аст бар мани маҳзун дар ин ҷаҳон,
Бо ҳоли хештан мани дилхастаро гузор.
Гар дам занӣ ба ман, ту зи айшу нишот зан,
Бо ман макун ту қиссаи дарду ғам ошкор.
Зеро ки ҳолам аз ғами ҳиҷрон тамом шуд,
Бигрифтааст дарди ғарибӣ зи ман мадор.
Эй ёри дилнавоз, ба ҳар ҳол шукр неҳ,
Зеро ки ҳаст ҷумла ба тақдири Кирдигор.
Ҳақ доимо ба тибқи ту ғамро кунад барӣ,
Лутфу карам кунад ба ту ҳар лаҳза ошкор.
Моро макун зи хотири худ дур, бигзарӣ,
Чашми вафо мапӯш зи Саҳбо ту зинҳор.

* * *

Димоғи иштиҳо аз бӯйи равған шӯрише дорад,
Магар деги палав имшаб ба як ҷо ҷӯшише дорад.
Дар он вақте ки сарпӯш аз сари деги палав гирӣ,
Биё, инсоф деҳ, ҷоно, чӣ сон бӯйи хуше дорад.

* * *

Баски дил дар ёди рӯят дар бадан бетоб шуд,
Кӯҳи тамкин пеши чашмам кураи симоб шуд.
Шаб, ки васфи оразат бар сафҳа мекардам рақам,
Байтулэҳзонам саросар чашми оламтоб шуд.

* * *

Бар дилам то меҳри рухсори ту сомон мекунад,
Ашки хунин доманам пурлаълу марҷон мекунад.
Иқди ҳар мушкил дар он зулфи мутаввал дидаам,
Бо ишороте забони шона осон мекунад.

* * *

Хуш суҳбате миёни ману шамъ буд, дӯш
Месӯхтам ба гиряву месӯхт ӯ хамӯш,
Мешуд фузун зи оташи дил оби чашми ман,
Аз оби дида оташи ӯ менамуд ҷӯш.

## Фардиёт

Мабодо дидаам як лаҳза бар рӯйи арақ резад,
Дили хунгаштаи ман бо хаёли сарви нав хезад.
* * *
Маро як зарра биме нест аз мурдан, вале тарсам,
Ки баъд аз ман майи васлат ба коми дигарон бошад.
* * *
Оби лаъли оташинаш дод хокамро ба бод,
Ҳасрати ин орзу сад доғ бар ҷонам ниҳод.
* * *
Парирӯён маро девона карданд,
Зи ақлу ҳушу дин бегона карданд.
* * *
Зоҳидо, манъам макун аз май, ки аз хок аст ток,
Дар ҳақиқат бингарӣ, мо ҳам ҳамон хокему бас.
* * *
Кушояд гар сабо вақти саҳар аз рух ниқобашро,
Кунад чарх аз ҳуҷуми равшанӣ гум офтобашро.

# Мухаммасот

Эй ҳамди ту бартар бувад аз васфи забонҳо,
Оҷиз бувад аз пояи васфи ту баёнҳо,
Дар маркази илми ту аён аст баёнҳо,
Набвад ба ҷуз аз мадҳи ту дар пардаи ҷонҳо,
Ҷуз ҳарфи сифоти ту набошад ба даҳонҳо.

Булбул ба чаман замзамаи мадҳи ту гӯяд,
Гул дар ҳаваси гулшани тавҳиди ту рӯяд,
Ҳар зарраи олам раҳи хуршеди ту пӯяд,
Кас дар ду ҷаҳон ғайри ризои ту наҷӯяд,
Дар дафтари илми ту яқин аст гумонҳо.

Ҷуз нағмаи ҳамди ту ба сози ду ҷаҳон нест,
Ҷуз зеру бами васфи ту дар кавну макон нест,
Дар оинаи илми ту як зарра ниҳон нест,
Ҳарфе ба ҷуз аз ояти фазлат ба забон нест,
Ҷуз тири санои ту чӣ бошад ба гумонҳо.

Дар гулшани эҳсони ту якранг ду олам,
Андар чамани сунъи ту як гил бувад одам,
Як нахл зи боғи карамат Исии Марям,
Кам бандаи даргоҳи ту шоҳони муаззам,
Теъдоди сифотат кӣ тавонад ба замонҳо.

Дар бодияи ҳамди ту ҳар ақл далел аст,
Дар ёфтани меҳри ту ҳар зарра далел аст,
Ҳар савт ба роҳи талабат бонги раҳил аст,
Саҳбои хумистони ту ҳар қатраи Нил аст,
Ҷуз акси вуҷудат чӣ дар ин оинадонҳо?

* * *

Имшаб андар кулбаам, эй дилбаро, танҳо биё,
Лутф бинмову зи ағёрон ҷудо, танҳо биё,
Баҳри таскини дили маҷрӯҳи мо танҳо биё,
Сӯйи мақтулон ту, эй оби бақо, танҳо биё,
Мӯниси ҷонам туӣ, эй гул, биё, танҳо биё.

Кай бувад аз лутф, эй маҳ, кулбаам равшан кунӣ,
Маҳфили моро зи рух рашки гулу гулшан кунӣ,
Кошки, эй гул, хиром аз ишва сӯйи ман кунӣ,
Ҷомаи айшу тараб моро ту андар тан кунӣ,
Ҳарчи бошад, эй бути ноошно, танҳо биё.

З- интизорат, эй парӣ, охир ба афғон омадам,
Бар дарат баҳри тазарруъ зору ҳайрон омадам,
Бо ҳазорон дарду кулфат дидагирён омадам,
Охир аз дасти ҷафоҳои ту бар ҷон омадам,
Як замон сӯйи ман, эй бадруллиқо, танҳо биё.

Об мепошад ба роҳат дидайи ҳайрони ман,
Рӯзу шаб умрест мерӯбад раҳат мижгони ман,
Пардаи чашм аст пойандозат, эй ҷонони ман,
Баҳри музди по-т мавҷуд аст накди ҷони ман,
Ҷону дил вақфи раҳат кардам, баро, танҳо биё.

Интизорат мекашам, эй гулбуни боғи вафо,
Рафт сабру тоқат аз дастам кунун, эй дилрабо,
Аз карам захми дили маҷрӯҳи моро кун даво,
Бе ҷамолат кулбаи эҳзони ман шуд бесафо,
Кулбаам холӣ зи ағёр аст, ало танҳо биё.

Беш аз ин айёми ҳиҷронро чӣ сон бошам сабур,
Ҷон равад аз тан, беҳ аст, аз он ки бошам аз ту дур,
Аз ғамат якбора аз ман рафт, эй маҳ, хобу хӯр,
Бо ҳаққи пайғамбарону ҳурмати ҳаййи Ғафур,
Охир, эй бадмеҳр, аз баҳри Худо танҳо биё.

Баҳри ороми дилам, эй гулбуни раъно, биё,
Ё биё имрӯз, ё якборагӣ фардо биё.
Ҳарчи бошад, сӯйи ман, эй шӯхи базморо, биё,
Ҳамчу нур, эй моҳ, андар дидаи Саҳбо биё,
Баркан аз ағёру сӯйи базми мо танҳо биё.

* * *

Кас мабодо ба ҷаҳон ҳамчу ман аз ёр ҷудо,
Нашавад булбули шӯрида зи гулзор ҷудо,
Лаҳзае ошиқи дилхаста зи дилдор ҷудо,
Набувад ҳеҷ кас аз ёри вафодор ҷудо,
Ҳамчу ман кас нашавад з-он бути айёр ҷудо.

Хонаи сабри маро сели ғамаш кард хароб,
Ҳаҷраш аз дидаи ман кард равон чашмаи об,
Дилам аз оташи дарду аламаш гашт кабоб,
Ҳамчу гесӯйи бутон пайкари ман шуд бетоб,
Булбули ҷон нашавад  з-он гули рухсор ҷудо.

Дили маҷрӯҳи ман аз дарди фироқаш хун шуд,
Ашки беҳосилам аз дурии ӯ Ҷайҳун шуд,
Қомати ҳамчу алиф доштам, охир нун шуд,
Дам ба дам нолаам аз дарди ғамаш афзун шуд,
Гаштам аз ақлу хирад лаҳзае сад бор ҷудо.

Ё раб, он оҳуи ваҳшатзада роми кӣ бувад?
Оҳуи поки ман имрӯз ба доми кӣ бувад?
Шакари лаъли лабаш роҳати коми кӣ бувад?
Хутбаи ишрати ин кор ба номи кӣ бувад?
Гаштам ин дам ман аз он ваҳшии сайёр ҷудо.

Ёр  аз маҳфили мо рафт, зи тан ҷон ҳам рафт,
Аз ғамаш хуни дил аз дидаи гирён ҳам рафт,
Сабру тоқат зи тани хаставу дармон ҳам рафт,
Ҳамчу шамъ аз назарам он маҳи тобон ҳам рафт,
Гашт Саҳбо зи ҷафойи фалак аз ёр ҷудо.

* * *

Бе висолаш ман чӣ сон ёбам қарори хешро,
Рашки Ҷайҳун мекунам бе ӯ канори хешро,
Ёбам андар ком он дам рӯзгори хешро,
“Ваҳ, ки гар ман боз бинам рӯйи ёри хешро,
То қиёмат шукр гӯям Кирдгори хешро.”

Зинҳор, эй дӯст, азми суҳбати ҷонон макун,
Дидаи худро зи ҷаври ёр хунафшон макун,
В- ар бубинӣ оарзи моҳаш, тамаъ аз ҷон макун,
“Оқибат хоҳӣ, назар бар манзари хубон макун,
В- ар кунӣ, падруд кун хобу қарори хешро.”

Ёр агар бо ғайр бинӣ, дарди дил афзун шавад,
Ҳол-т ҳар дам аз ғами дилдор дигаргун шавад,
Гар ту сирри хеш бо ағёр гӯӣ, чун шавад?
“Дарди дил пӯшида дорӣ ту, ҷигар пурхун шавад,
Беҳ, ки бо душман намоӣ ҳоли зори хешро.”

Эй муғаннӣ, як дам оҳанги тарабро соз кун,
Пардаи ушшоқ бо ноҳид ҳамовоз кун,
Як даме ойинаро аз занги ғам пардоз кун,
“Эй сиҳисарви равон, охир нигоҳе боз кун,
То ба хидмат арза дорам ифтиқори хешро.”

Эй дили хунгашта, умре шуд, ки ношодӣ ба ишқ,
Инчунин будӣ ту худ, баҳри чӣ афтодӣ ба ишқ,
Аз азал, Саҳбо, ҷайби хеш бикшодӣ ба ишқ,
“Дӯстон гӯянд, Саъдӣ, дил чаро додӣ ба ишқ?
То миёни халқ гум кардӣ виқори хешро.”

* * *

**Мувашшаҳи Асламхон**

**А**гар рӯйи ту партав афканад дар сафҳаи дунё,
Шавад шамсу қамар пеши ҷамолат волаву шайдо,
Набошад чун қадат дар бӯстон сарви сиҳӣ боло,
Кунад чашми ту дар ҳар ғамза чандин шӯру шар пайдо,
Занад сад таъна зулфат дам ба дам бар анбари соро.

**С**иҳисарват, агар бо ишва дар гулшан хиром орад,
Ҳама шамшоду сарви ноз дар пешат салом орад,
Ба ҳар хам ҷаъди мушкини ту сад дилро ба дом орад,
Зи сӯят мужда моро қосиди фархундафом орад,
Шавад ин мужда ҳар соат масарратбахши рӯҳафзо.

**Л**аби лаъли ту дар ҳар ханда сад тунги шакар резад,
Зи шавқи шаккарат ҳар лаҳза тӯтӣ болу пар резад,
Ба савдои ту ошиқ нақди ҷонро бехабар резад,
Ба ёди оразат ашкам мудом аз чашми тар резад,
Шавад ҷайби мани дилхаста ҳамчун домани дарё.

**А**ло, эй гулбуни боғи малоҳат, ғунчаи хандон,
Дилу ҷон дар ҳавоят ҳамчу булбул мекунад илҳон,
Макун рухсори худ аз чашми ҳайратхези ман пинҳон,
Бикун шоми маро аз лутф равшан, эй маҳи тобон,
Бувад азбаски рухсори ту чун меҳри ҷаҳоноро.

**М**азан тири ҷафо, эй бевафо, дар ҷони маҳзунам,
Забони нола дорад дар ғамат ҳар қатраи хунам,
Ватан шуд дар раҳи ишқи ту охир кӯҳу ҳомунам,
Ба дашти бекасӣ овораам, гӯё ки Маҷнунам,
Гаҳе аз лутф афкан союм бар сар ту, эй Лайло.

**Х**ами абрӯйи мушкинат тағофул дар камин дорад,
Зи баҳри қатли ман сад теғ зери остин дорад,
Маро бо дарду ғам ишқи ту доим ҳамнишин дорад,
Танамро бори ҳаҷрат оқибат фарши замин дорад,
Набошад пайкарамро фарқ дар роҳат зи нақши по.

**А**з ин оҷиз ту, эй номеҳрубон, то кай ҷудо бошӣ?
Зи роҳи бевафоӣ бо рақибон ошно бошӣ,
Ба захми синаи ағёр рӯзу шаб даво бошӣ,
Ба ҷони хастаи ман, эй ситамгар, чун бало бошӣ,
Зи бас теғи ҷафову ҷавр бар сар мезанӣ моро.

**Н**абошад ғайри номат рӯзу шаб вирди забони ман,
Бувад ёди хатти хуби ту доим ҳифзи ҷони ман,
Туӣ дар боғи хубӣ тӯтии шаккарфишони ман,
Нигар дар ҳар сари банд, эй бути абрӯкамони ман,
Ҳуруфи номи некат кард зоҳир инчунин Саҳбо.

* * *

Забони тифл гӯё шуд ба шукрат дар дабистонҳо,
Ба гулбонги саноят навҳагар мурғи гулистонҳо,
Саводи аъзами ҳамди ту шуд оёти Қуръонҳо,
Зиҳӣ нақши шиносат сарбаёзи дафтари ҷонҳо,
Бувад мисрои ҳамдат турраи девони унвонҳо.

Ба гулшан ғунча дорад дар бағал маншури тавҳидат,
Раги гул сабз бошад  бо хатти мастури тавҳидат,
Калими бод меорад хабар аз Тӯри тавҳидат,
Кушояд қуфли дилҳоро калиди нури тавҳидат,
Саводи аъзами бисмиллаҳат  туғрои унвонҳо.

Чаман дорад зи шохи арғувон бар мидҳатат дасте,
Фалак дорад ба таъзими саноят рутбаи пастӣ,
Ба хок аз нашъаи ҳамди ту сад майхонаи мастӣ,
Баҳори файзи зотат рехт ранги ҷилваи ҳастӣ,
Зиҳӣ нахли сифотат, ҷӯш зад мавҷи гулистонҳо.

Ба саҳрои адам бишнид ашё рамзи имоят,
Ба сӯйи дашти ҷуд он ҷумла омад бесарупоят,
Бувад ҳар зарра дар ҳар пар задан Хизри Масеҳоят,
Зи барқи партави  хуршеди оламтоб савдоят,
Ҳарифонро чу гул сад чок  шуд субҳи гиребонҳо.

Ба тасбеҳаш забони аҷзро теғи дудам кардам,
Ба қурбонгоҳи шавқаш синаро, Саҳбо, алам кардам,
Ба теъдоди санояш аз сари ҳар мӯ қалам кардам,
Зи бас дар саҳфаи дил ҳарфи сунъе з-ӯ рақам кардам,
Зафар созам ба таҳрираш қалам аз тори мижгонҳо.

* * *

Эй, рухат меҳру оразат маҳтоб,
Рӯйи худ аз мани  шикаста матоб,
Макун аз зулм дидаам пуроб,
Мулки ҷисмам зи сели ҳаҷр хароб,
Манамо баҳри  қатли хаста шитоб.

Зулф бар рӯйи худ парешон кун,
Меҳрро зери абр пинҳон кун,
Ханда з-он лаъли шаккарафшон кун,
Нархи қанду набот арзон кун,
Ташнагонро зи лутф кун шодоб.

Таъна мезад қадат ба сарви чаман,
Рӯ-т бишкаст равнақи гулшан,
Турраат рашки ёсамину суман,
Мекунад шарҳи хубият савсан,
Фанни ҳусни ту шуд китоб-китоб.

Мезанӣ шона зулфи анбарбӯ,
Мекашӣ вусмаро ту бар абрӯ,
Мехиромӣ зи ишва бар ҳар сӯ,
Мебарӣ сабр аз ман, эй бадхӯ,
Зи чӣ созӣ маро чунин ту азоб.

Дар таманнои диданат шабу рӯз,
Мекашам оҳу нолаи  дилсӯз,
Бадтар аз шаб бувад маро ҳар рӯз,
Кун карам, эй маҳи ҷаҳон, имрӯз,
Дили Саҳбо макун зи ҳаҷр кабоб.

***

Дӯш ҷон дар пайкари афсурда мекард изтироб,
Ҷисми маҳзунам чу зулфи ёр мезад печутоб,
Мечакид аз дидаи зорам дамодам ҷӯйи об,
З-оташи ҳасрат дилам гардида монанди кабоб,
Менамудам дафтари дарду аламро фаслу боб.

Доштам дар байтулэҳзон бо ғаму кулфат нишаст,
Ҳамчу нақши по ба хоки бекасиҳо гашта паст,
Дам ба дам мебидҳад аҳволам аз ин ғамҳо шикаст,
Рафт охир тоқату сабру шикебоӣ зи даст,
Аз мақоми хештан берун шудам бо сад шитоб.

Бо ҳазорон ҷустуҷӯ ман он замон аз ҷо шудам,
Ҳар тараф девонасон сӯят қадамфарсо шудам,
Ёди гулшан кардаму чун булбули шайдо шудам,
Оқибат бо сад тапиш то бар яке маъво шудам,
Маҳфили ишрат муҳайё дидам он ҷо беҷавоб.

Маҷлисе дидам дар он ҷо бо ҳазорон зебу фар,
Сӯйи он ишратситон андохтам бехуд назар,
Сад ҷаҳон айшу тараб бинҳода дидам сар ба сар,
Гашта аз савти дафу най гӯши ҳафт афлок кар,
К-инчунин ҷашне надида дидаи гардун ба хоб.

Карда дар ҳар гӯшааш сад осмон ишрат ватан,
Аз ҳуҷуми гулҷабинон метавон гуфтан чаман,
Ҳар тараф рақсида дидам дилбарони симтан,
Сарвқаддон, лоларӯён, шоҳидони гулбадан,
Карда дар ҳар ғамза маҳви хештан сад шайху шоб.

Дар хами гесӯйи ҳар як сад дили шайдо асир,
Мебарад ҷон аз тани маҳзун ба ҳар як доругир,
Ҳар замон аз неши мижгон мезанад дар сина тир,
Мекунад дилҳо ба доми зулфи мушкинаш асир,
Кишвари ҷонҳо ба ҳар як ишва месозад хароб.

Зуҳрасон рақсида ҳар як бо ҳазорон иззу ноз,
Баҳри ғорат кардани дилҳо намуда ишва соз,
Ҳар яке дар гулситони дилбарӣ чун сарви ноз,
Пеши ҳар як ошиқон доранд як олам ниёз,
Баъзе ҳамчу моҳи тобонанд, баъзе офтоб.

Он қадар гаштам тамошосанҷи он ишратсаро,
Кулфату ғамро зи табъи хештан кардам ҷудо,
Баъд, Саҳбо, баҳри шоҳ бардоштам дасти дуо,
Давлату умри абад дархостам ман аз Худо,
Аз барои шаҳриёри хусрави олиҷаноб.

* * *

Бе ту дар базми ман имшаб соғару мино гирист,
Шамъ оташ зад ба ҷони хеш, сар то по гирист,
Аҳли маҷлис ҷумла ҳамчун булбули шайдо гирист,
Мурғҳои бӯстон ҳар дам ба ҳоли мо гирист,
Дар гулистон наргису насрину ҳам раъно гирист.

Кукуи қумрӣ ба ёди қомати зебои туст,
Навҳаи булбул зи шавқи рӯйи маҳсимои туст,
Ҳарфи тӯтӣ аз лаби ширини базморои туст,
Нуктаи воиз ҳадиси васфи сар то пойи туст,
Бе висолат ҷумлагӣ аз пасту аз боло гирист.

Моҳро набвад зиё бе орази гулгуни ту,
Сарвро набвад тароват бе қади мавзуни ту,
Бодаро набвад назокат бе лаби майгуни ту,
Гашта аҳли базм яксар волаву Маҷнуни ту,
Бо ҳазорон шӯр андар домани саҳро гирист.

Зиндагонӣ бе вуҷуди дӯстон бошад ҳаром,
Бе лабат шаккар маро ҳар лаҳза созад талхком,
Рафт охир бе ту, эй маҳ, аз сари корам низом,
Лутф бинмо як даме, бифрист сӯйи мо паём,
Дидаам аз интизорат баски чун дарё гирист .

Нест базми дӯстонро бе ҷамолат хуррамӣ,
Доимо аҳбобро ҳам чун ту бояд ҳамдаме,
Ғайри маъюсӣ надорад сози мо зеру баме,
Бе висолат нола месозам чу булбул ҳар даме,
Аз фиғони нолаи ман соғари Саҳбо гирист.

* * *

Аз таманнои лабат умрест шӯре бар сар аст,
Аз ҳавои турраат бар сина дарди дигар аст,
Дидаам дар иштиёқат ҳамчу ҷисми соғар аст,
Ҷомаи бетоқатӣ моро зи ишқат дар бар аст,
Рӯзу шаб аз интизорат чашму гӯшам бар дар аст.

Кош, ҳангоми видоат дидаи ҳайрони ман,
Ҳамчу оби чашми ман мерехт дар домони ман,
То намешуд боз бар ғайри ту, эй ҷонони ман,
Ҳам намерафт ин қадар тоқат зи мағзи ҷони ман,
З-ин сабаб шаб то саҳар аз ғусса чашми ман тар аст.

Реза-реза шуд зи теғи ҳаҷр ҷисми нотавон,
Ҷуз фиғону нола набвад аз вуҷуди ман нишон,
Шуд зи дарди иштиёқат хуни чашми ман равон,
Аз заифӣ гаштаам аз дидаи мардум ниҳон,
Бар сарам аз шиддати ишқи ту шӯри маҳшар аст.

Ҳар тараф бехуд маро боди висолат мебарад,
Дидаам доим ба умеди ҷамолат мепарад,
Бар танам пероҳан аз бетоқатиҳо медарад,
Ҳар саҳар оҳам зи ишқат аз фалакҳо бигзарад,
З-он ки бо ман лутфу эҳсони ту, эй маҳ, камтар аст.

Пардаи гул медарӣ аз ханда ҳар шому саҳар,
Нест чашматро ба ғайр аз фитна ҳамроҳи дигар,
Моҳу хур аз дафтари ҳусни ту бошад мухтасар,
Ошиқонро нест ғайр аз оразат мадди назар,
Пояи васфат зи истеъдоди Саҳбо бартар аст.

* * *

Он, ки бо ишва барад дил, бути айёри ман аст,
Ҷону дил хаста кунад, шӯхи дилозори ман аст,
Сабру тоқат ба нигоҳе бибарад, ёри ман аст,
Хона равшан бикунад, орази дилдори ман аст,
Хун биборад бар раҳаш, дидаи бедори ман аст.

То қадаш шуд ба гулистони ҷаҳон соягикан,
Дод рухсори гулаш зеб ба саҳни гулшан,
Мекунад маҳфили ушшоқ ҷамолаш равшан,
Ҳар замон новаки ӯ мегузарад аз ҷавшан,
Ин қадар зулм аз он шӯхи ситамгори ман аст.

Ёри мо гомзанон, ишвакунон меояд,
Ҳамчу гарди қадамаш дил ба фиғон меояд,
Сӯйи мо ташналабон оби равон меояд,
Подшоҳест, ки дар кишвари ҷон меояд,
Рӯзу шаб вирди дуояш ҳама гуфтори ман аст.

Ёр бигрифт ба як ғамза зи рухсор ниқоб,
Шуд зи шарми рухи ӯ меҳри дурахшон бетоб,
Моҳ шуд аз сари хиҷлат  миннаторо ба ҳиҷоб,
Шаби моро бикунад орази моҳаш маҳтоб,
Нузҳати боғи ҷамолаш гули гулзори ман аст.

Ба чӣ сон сарви сиҳӣ лоф занад бар қади ёр?
Накунад тӯтӣ чу лаъли шакаринаш гуфтор,
Мушки Чинро бикунад накҳати зулфаш бекор,
Ошиқон дар талабаш нолакунон ҳамчу ҳазор,
Сабақи меҳри вафояш ҳама такрори ман аст.

Рӯзи ушшоқ кунад сурмаи он чашми сиёҳ,
Сабру тоқат барад аз як тараф он тарфи кулоҳ,
Менихам рӯю ҷабинро ба сад умед ба роҳ,
То ки гарде расад аз наъли самандаш ногоҳ,
Фарши роҳаш ба сад умед шудан кори ман аст.

Дилрабоест, ки дар ҳусн надорад сонӣ,
Бурд ҷону дили Саҳбои ҳазин пинҳонӣ,
Як сари мӯй кашидан натавонад Монӣ,
Баҳри  хубеш бувад оразн ӯ бурҳонӣ,
Лаъли ӯ марҳами ҷони дили бемори ман аст.

***

Дида то бар қади он сарви равон афтодаст,
Ҳамчу қумрӣ дилу ҷонам ба фиғон афтодаст,
Шӯри ишқаш ҳама дар кавну макон афтодаст,
Шакар аз мадҳи лаби ӯ ба даҳон афтодаст,
Шавқи рӯяш ба дили аҳли замон афтодаст.

Ба таманнои ҷамолаш дилу ҷон мерақсад,
Ба ҳавои қади ӯ сарви равон мерақсад,
Лаъл аз ёди лабаш дар дили кон мерақсад,
Гул зи рашки рухи он меҳрнишон мерақсад,
Меҳри ҳуснаш ҳама дар пардаи ҷон афтодаст.

Мушк аз хиҷлати он зулфи сиях хун гардад,
Дида дар ҳасрати он рӯй чу Ҷайҳун гардад,
Дар ҳавои талаби ӯ ҳама Маҷнун гардад,
Қадам аз бори ғами кулфати ӯ нун гардад,
Гули айшам зи ҷафояш ба хазон афтодаст.

Сунбул аз кокули ӯ дар табу дар тоб шавад,
Гул зи рашки рухи ӯ фасли саҳар об шавад,
Ашк аз ҳаҷри ҷамолаш ҳама хуноб шавад,
Чашм имшаб ба ҳавояш барӣ аз хоб шавад,
Бахти бад буд, ки дар оби равон афтодаст.

Оҳи ман аз ғами ӯ такя бар афлок занад,
Пайкарам паҳлу зи беқувватӣ бар хок занад,
Ишқи ӯ қуфли ҷунун бар дари идрок занад,
Ҳар дам аз ишва синон бар ҷигари чок занад,
З-он ки, Саҳбо, ба дилам ишқ ниҳон афтодаст.

* * *

Сарфи ҳавои нафс шуд ин умри бесубот,
Афтодаем дур кунун аз раҳи наҷот,
Доим ҳамезанем сухан аз ҳарфи хурафот,
Вомондаем мо ҳама дар банди мушкилот,
Ҳайф аз замони рафтаву сад ҳайф аз ҳаёт.

Бошад инони мо ҳама дар ихтиёри нафс,
Шуд сарф умрҳо ҳама дар кору бори нафс,
Мо гаштаем дар ҳама кирдор ёри нафс,
Эмин наем дар ду ҷаҳон аз сарори нафс,
Кас ҳамчу мо шарир надидаст дар ҷиҳот.

Авқоти умр ҷумла ба исён гузаштааст,
Шому саҳар ба  фикри ғами нон гузаштааст,
Он ҷурмҳо, ки аз мани нодон гузаштааст,
Биллоҳ, ки не зи инсу на аз ҷон гузаштааст,
Афъоли номуваҷҷаҳи мо нест дар давот.

Чизе ба ҷуз ҳавову ҳавас нест дар хаёл,
Бошад шиори ҷурми гунаҳ  дар ҷамиъи ҳол,
Шуд ҷумла умр сарф ба исёну  дар вубол,
Донои ҳоли мост Худованди зулҷалол,
Пеши ту ҷурми кардаи мо аз муассирот.

Моро муъин ба ҷуз карами Кирдигор нест,
Дар ҳарду кавн ғайри Худованд ёр нест,
Исён ба пеши раҳмати ӯ чун ғубор нест,
Саҳбо, ба ҷумла тоати мо эътибор нест,
Дар чашми лутфи ӯ чӣ салот асту чӣ закот.

* * *

Дил аз ҷафову ҷаври ту як лаҳза шод нест,
Корам ба ғайри нолаю афғону дод нест,
Моро ба ҷуз хаёли висолат ба ёд нест,
Нақши вафову аҳд туро дар ниҳод нест,
Бо ваъдаи дурӯғи туам эътиқод нест.

Азбас хаёли рӯйи ту дар дил нишастааст,
Сад гулситон ба лавҳи дилам нақш бастааст,
Ҳусни ту равнақи гулу гулшан шикастааст,
Кас аз фиреби наргиси мастат нарастааст,
Бо ваъдаи дурӯғи туам эътиқод нест.

Бо ғайр ҷоми бодаи гулранг мезанӣ,
Минои базми мо ҳама бар санг мезанӣ,
Бо ишва то ба тори тараб чанг мезанӣ,
Нақши ҷафо зи баҳри дили танг мезанӣ,
Бо ваъдаи дурӯғи туам эътиқод нест.

Дар маҳфили рақиб ту май мехӯрӣ мудом,
Аз дарди ҳаҷр мекунӣ моро ту талхком,
Дар ишқи мову ҳусни ту мақтуъ шуд калом,
Лаъли лабат ба ҷуз ҳама ҷон медиҳад паём,
Бо ваъдаи дурӯғи туам эътиқод нест.

Созам фидо барои ту сад ҷони дардманд,
Ҳаргиз намешавад ба ту, эй бевафо, писанд,
То кай ниҳӣ ба гардани ҷону дилам каманд,
Гуфтӣ, раҳо кунам дили Саҳбо зи чанги банд,
Бо ваъдаи дурӯғи туам эътиқод нест.

* * *

Булбули дил навҳапардози гули рухсори кист?
Қуввати ҷон-м аз лаби ширин шакарбори кист?
Бар машомам бӯйи мушк аз зулфи анбарбори кист?
Дидаам маҳви тамошои гули дидори кист?
Синаам маҷрӯҳ аз мижгони дилозори кист?

Мебарӣ дилҳову мебандӣ ба зулфи пуршикан,
Мерамӣ аз ишва в-он гаҳ ҳамчу оҳуи Хутан,
Ҳусни бебоки ту дорад дастгоҳи сад чаман,
Меравад васфи саропойи ту дар ҳар анҷуман,
В - арна ҷон дар орзуи дидаи хумори кист?

Қоматат то сояафкан шуд ба саҳни гулситон,
Шуд баланд овоза аз шавқи ту яксар булбулон,
Мавҷи ҳуснат мерабояд лутф аз оби равон,
Мезанад пар дар ҳавои шавқи рӯят мурғи ҷон,
Бар машомам бӯйи ҷон аз нофаи тотори кист?

Умрҳо шуд дидаам баҳри ҷамолат мепарад,
Ақлу ҳушам дар таманноят гиребон медарад,
Ёди рӯят ҳар замон аз дида хобам мебарад,
Бо ҳазорон накди ҷон васли ту ошиқ мехарад,
Восили васлат шудан аз ахтари бедори кист?

Ҳар замон аз ишва чашмат сайди дилҳо мекунад,
Ҷону дилро зулфи мушкини ту шайдо мекунад,
Мулки ҷонро турки бадмасти ту яғмо мекунад,
Бар сарам ҳар лаҳза ишқат шӯр пайдо мекунад,
В-арна ин зулме, ки бар ман рафт, аз кирдори кист?

Аз лаби лаъли ту дар ҳар ханда сад ҷон мечакад,
Аз гули рӯйи ту ранги сад гулистон мечакад,
Нофа- нофа мушк аз он зулфи парешон мечакад,
Қатра- қатра хун аз он рухсори тобон мечакад,
Ин ҳама лутфу назокат аз маҳи рухсори кист?

Бори ишқат мекашам умрест бо ин қадди хам,
Мефишонам дар таманнои рухат аз дида нам,
Ҳаргиз, эй бадхӯ, намесозӣ ту бар ҳолам карам,
Меҳри шавқат мезанад бар синаи Саҳбо алам,
В-арна ин нуре, ки ҳаст, аз ҳусну аз анвори кист?

* * *

Умрҳо савдои ишқат, эй парирӯ,  бар сар аст,
Синаамро аз ҷафоҳои ту дарди дигар аст,
Доимо дар интизорат гӯши чашмам бар дар аст,
Лек сӯйи байтулэҳзонам гузорат камтар аст,
З-ин сабаб аз нолаам дар даҳр шӯри маҳшар аст.

Ҷону дилро сарфи роҳат кардам, эй номеҳрубон,
Дар раҳи аҳду вафо, эй бевафо, ҳастӣ ҳамон,
Ки ба савдои ту ман мирам туро бошад замон,
Ҳарчи бошад гоҳ-гоҳе чун саги кӯят бихон,
З-он ки ишқу ҳусн доим тавъами ҳамдигар аст.

Ишқу тоқат, душманат охир маро бадном кард,
Пайкарамро ҳамчу гесӯи ту беором кард,
Субҳ айше доштам бар сар, ки охир шом кард,
Он чӣ бо ман чашми бадмастат дар ин айём кард,
Не ба теғи тезу не дар новаку дар ханҷар аст.

Моҳи рухсори ту умре таъна бар гул мезанад,
Ҷаъди мушкинат гиреҳ бар тори сунбул мезанад,
Ранги холат сурма бар овози булбул мезанад,
Ҳусни шавқат ин замон гӯши таҷаммул мезанад,
Марзу буми дилбариро аз ту зебу зевар аст.

Гар кунӣ як сӯ ту аз он орази гулгун ниқоб,
Метапад аз хиҷлати ҳусни ту бо худ офтоб,
Гардад аз бетоқатӣ охир ниҳон зери саҳоб,
Нест боке гар кунад ишқи ту оламро  хароб,
Шӯри ишқат сад ҳазоронро  чу Саҳбо бар сар аст.

* * *

Шаб аз хаёли рухат рӯз ҳамнишини ман аст,
Ба рӯз аз ғами ҳаҷри ту шаб қарини ман аст,
Ғами нишот ҳамоно, ки дар нигини ман аст,
Хаданги ишқи ту умрест дар камини ман аст,
Надонам аз чӣ сабаб ғамзаат ба кини ман аст.

Дилам фитода чу моҳӣ ба шасти гесӯят,
Шикасти  қасри хаёл аз шикасти гесӯят,
Шуд, эй санам, дилу ҷон пойбасти гесӯят,
Касе нараст ба олам зи дасти гесӯят,
Ба дасти ишқи ту, эй шӯх, остини ман аст.

Ба фитна наргиси мастат хароб кард дилам,
Ҳуҷуми оташи ишқат кабоб кард дилам,
Ба як карашма нигоҳи ту об кард дилам,
Хаёли васли ту дар изтироб кард дилам,
Шамими сунбулизулфи ту ёсамини ман аст.

Ҳавои васли ту ҳар сӯ кашад инонамро,
Ғами ту фош кунад пешаи ниҳонамро,
Нишони тири ҷафо кардаӣ ту ҷонамро,
Гирифт ишқи ту ин мағзу устухонамро,
Ҳанӯз фитнаи чашмат ба қасди ҷони ман аст.

Намуд оташи ҳусни ту ғорати гулшан,
Ҷамоли хуби ту зад таъна бар маҳи равшан,
Гузашт тири нигоҳи ту охир аз ҷавшан,
Намонд тоқати Саҳбои хаста андар тан,
Хатти ғуломии ту нақш бар ҷабини ман аст.

* * *

Фасли баҳор дидани рӯйи бутон хуш аст,
Бо ёри лабшакар лаби оби равон хуш аст,
Дар сайри бӯстон санами дилситон хуш аст,
Соқии симсоқу майи арғувон хуш аст,
Лекин ки базми бода чу бо дӯстон хуш аст.

Гулгашти боғ бо санами гулъузор кун,
Аз қадди ёр сарви чамани беқарор кун,
Ар лаъли май пур аст, ту дафъи хумор кун,
Сад таъна аз тарона неву бар ҳазор кун,
Бо ёри сарвқад тарафи бӯстон хуш аст.

Май хӯру бода нӯшу тараб соз субҳу шом,
Як ҷав макун мулоҳиза аз рафти нангу ном,
Сад накди ҷон кам аст ба байъи шарори ҷом,
Дар кеши пири дайр бувад ғайри май ҳаром,
Бо дилбарони шӯх майи арғувон хуш аст.

Шодию хуррамӣ набувад бе майи тараб,
Набвад назокате ба ҷуз аз шарбати инаб,
Ҳар ҷо равӣ ту аз пайи шодӣ ба рӯзу шаб,
Дилдору ҷому бодаи ишратфизо талаб,
Ҷоми шароб аз кафи симинбарон хуш аст.

Шуд умрҳо, ки дар талаби ҷому бодаам,
З-он рӯ ҳамеша дар раҳи кулфат фитодаам,
Ҳушу хирад ба ёди май аз даст додаам,
Соқӣ, бидеҳ зи лутф ту ҷоми зиёдаам,
Бо ташнагони бода сабӯйи гарон хуш аст.

Соқии моҳрӯю майи офтобгун,
Бошад, ки болише кунад аз майи ақли дун,
В-арна шудам зи дасти ғами дилбарон забун,
Шояд зи ҷоми май фараҳи ман шавад фузун,
Ин умри бесуботи маро ину он хуш аст.

Бе роҳи рӯҳбахш ба маҳфил қадам мазан,
Ҷуз ёри дилситон ба дигар кас ту дам мазан,
Дам мезанӣ ба даҳр, дами бе санам мазан,
Гар ҷоми бодаат ба каф ояд, ту кам мазан,
Саҳбо, ба базми мо бути шириндаҳон хуш аст.

* * *

Ҷону дилро дар хами зулфи ту пайвастам, шикаст,
Дар вафоят ҳар қадар ман аҳдҳо бастам, шикаст,
Шишаи дил аз ҷафо он шӯхи бадмастам шикаст,
Соғари паймон, ки умре ман набишкастам, шикаст,
Остинашро гирифтам, гуфт: оҳ, дастам шикаст.

Дар раҳаш ҷону дили худро фидо кардам, нашуд,
Рӯзу шаб дар ҳаққи он маҳрӯ дуо кардам, нашуд,
Дар ғами ишқаш чиҳо кардам, чиҳо гаштам, нашуд,
Пеши он бадмеҳр арзи муддао кардам, нашуд,
Остинашро гирифтам, гуфт: оҳ, дастам шикаст.

Даст то дар домани он шӯхи маҳсимо задам,
Накди сабру ҷайши тоқатро ба пушти по задам,
Ёди он номеҳрубон кардам, қадам ҳар ҷо задам,
Нола чун булбул ба ёди он гули шайдо задам,
Остинашро гирифтам, гуфт: оҳ, дастам шикаст.

Дар таманнои висоли ӯ давидам субҳу шом,
Аз раҳи ишқаш маро ҳосил нашуд як лаҳза ком,
Накди ҷонро бохтам охир дар ин савдои хом,
Гашт бо ман оқибат он шӯхи ваҳшатпеша ром,
Остинашро гирифтам, гуфт: оҳ, дастам шикаст.

Синаам шуд охир аз теғи ҷафояш чок–чок,
Пайкарам аз заъф шуд дар раҳгузораш фарши хок,
Гар равад ҷон дар таманнои висоли ӯ, чӣ бок?
Дидам андар базми Саҳбо бо ду чашми сурманок,
Остинашро гирифтам, гуфт: оҳ, дастам шикаст.

* * *

Каманди шавқи бутон баски қайди пои ман аст,
Аз ин сабаб сари кӯйи дӯст ҷои ман аст,
Ба пешаш ин ҳама тақсири кардаҳои ман аст,
Ғуломи ишқаму лутфу карам баҳои ман аст,
Касе, ки банда бихонад маро, Худои ман аст.

Гузоштам ба раҳат фикрати ватан аз шавқ,
Задам ба ёди ту сад чок пираҳан аз шавқ,
Барои васли ту бар кардаам кафан аз шавқ,
Ҳазор умр фидои даме, ки ман аз шавқ
Ба хоку хун тапам, гӯӣ, аз барои ман аст.

Нашуд зи зулми ту як лаҳза хотири ман шод,
Зи баски рафт зи  захми ту бар дилам бедод,
Бикун ту аз сари ибрат зи ҳоли ошиқ ёд,
Фидо накарда бараҳман, зи бут кунад фарёд,
Ту воқифӣ, ки чӣ аз гиря муддаои ман аст.

Ба ҷустани ту сари хеш ҳамчу по кардам,
Хаёли рӯйи ту бо хеш ошно кардам,
Ризои табъи ту ҷустам, ба худ ҷафо кардам,
Сазои он ки ба ҳамчун ту бевафо кардам,
Ба ҳар ҷафо, ки дилат хуш шавад, сазои ман аст.

Чунон ситам зи ту дидам, касе ба даҳр надид,
Ҷафову ҷаври ту охир дилам зи сина кашид,
Ба ман зи кулфати ҳаҷри ту ғуссае, ки расид,
Барои хотират, оре, наметавон арзид,
Фироқи ёр, ки деринаошнои ман аст.

Дилам зи баҳри бутон он қадар алам дорад,
Ки ҳар замон ба назар кӯҳ-кӯҳи ғам дорад,
Шарори нолаам оташе ба харҷ бигдозад,
Фалак чаро мани ғамдидаро наёзорад?
Ба косааш намаки шӯри гиряҳои ман аст.

Дар ин гузаргаҳи ошӯбгоҳи дайри куҳун,
Касе мабод чу ман ғамсиришту бахтнагун,
Зи дарди ишқ бигӯям ҳамеша бо ту сухун,
Аз ин зиёда ба ҳоли ман илтифот макун,
Табиб, ранҷ мабар, дарди ман давои ман аст.

Даме, ки шавқи ҷамолаш маро фитод ба сар,
Зи дил қарору зи сар ақл кардааст сафар,
Зи сӯзи ишқ чу Саҳбо шавӣ ту хокистар,
Макун шикояти он ёри тундхӯмазҳар,
Ҳамин ки ошиқи девонаам, хатои ман аст.

* * *

Дӯстон, аз ҷаври он меҳри дурахшон, алғиёс,
Дам ба дам аз новаки он чашми фаттон, алғиёс,
Аз татовулҳои он зулфи парешон, алғиёс,
В-аз ҷароҳатҳои захми тири мижгон, алғиёс,
Рӯзу шаб мегӯям аз он офати ҷон, алғиёс.

Он қадар бедод бар ман он парирӯ мекунад,
Ҷони маҳзунро зи ҷисми хаста як сӯ мекунад,
З- ин ҷафоҳо пайкарам лоғартар аз мӯ мекунад,
Ҳар замон бар ман ситам он чашму абрӯ мекунад,
Эй мусулмонон, зи ҷаври зулми ҷонон, алғиёс.

Сӯхт андар оташи ишқаш зи сар то пои ман,
Об шуд аз сӯзи ҳиҷронаш дили шайдои ман,
Ҷуз сари кӯяш набошад манзилу маъвои ман,
Бигзарад аз нуҳ фалак фарёду вовайлои ман,
Дарду ҳиҷрони маро, ёрон, чӣ дармон, алғиёс.

Қоматам аз бори ғам чун ҳалқаи нун гаштааст,
Дидаам аз ҳаҷри он номеҳрубон хун гаштааст,
Дил ба ёди оразаш аз сина берун гаштааст,
Табъи шӯхаш аз мани вомонда акнун гаштааст,
Баҳри ҳиҷронаш намеояд ба поён, алғиёс.

Охир аз ҷавраш зи дил сабру қарорам рафтааст,
Сар ба сар тоқат зи чашми бемадорам рафтааст,
Хуни ҳасрат аз ду чашми ашкборам рафтааст,
Аз ғамаш, Саҳбо, кунун равнақ зи корам рафтааст,
Боз рухро мекунад аз дида пинҳон, алғиёс.

* * *

Кам кун ту, зоҳидо, ба мани дилфигор баҳс,
Мо нашнавем з-он ки ба вақти хумор баҳс,
Бо бедилони хаста наёяд ба кор баҳс,
Кас кам кунад ба мардуми беихтиёр баҳс,
Минбаъд аз барои Худо вогузор баҳс.

Моем остонаи дайру ғами нигор,
Ёди шароби сурху лаби рӯҳбахши ёр,
Набвад ба даҳр ҷуз маю маъшуқ эътибор,
Зоҳид, туро ба кардаи кирдори ман чӣ кор?
Зеро ки соликон накунанд эътибор баҳс.

Бо мо сухан магӯй ту аз дӯзаху биҳишт,
То зиндаем, мо наравем аз дари куништ,
Килки қазо ба лавҳи дилам шавқ менавишт,
Гӯё қадар зи ишқи бутон ҷони мо сиришт,
Бар ҳоли мо кунун марасон зинҳор баҳс.

Воиз, ба пеши мо ту махон ғайри боби ишқ,
Мо нашнавем худ сухане ҷуз китоби ишқ,
Умрест гаштааст дили ман кабоби ишқ,
Чун ман касе ба даҳр набошад хароби ишқ,
Бо толибони роҳи ҳақиқат чӣ кор баҳс?

* * *

Сар барор, эй дӯст, аз хоби гарон ҳангоми субҳ,
Пур бувад аз бодаи матлуб, биллаҳ, ҷоми субҳ,
Кӯси файзу комёбӣ мезанад аз боми субҳ,
Хатм шуд гӯё ҳусули муддао аз номи субҳ,
Метавонӣ бофтан сад мақсад аз ҳар гоми субҳ.

Толиби файзу футӯҳӣ, ҳар саҳар бедор шав,
Бодаи тасбеҳ даркаш, толиби дидор шав,
Аз сари ғафлат гузар кун, як даме ҳушёр шав,
Аз маосӣ тавба кун, дар зикру истиғфор шав,
Мерасад ҳар дам ба гӯши хуфта ин пайғоми субҳ.

Боби лутфи Ҳақ ба вақти субҳдам во мешавад,
Корвони нур ҳам он лаҳза пайдо мешавад,
Нашъаи солик дар он соат дуболо мешавад,
Дидаи раҳмат дамодам ҷониби мо мешавад,
Хез, касби муддао мекун ту дар ҳангоми субҳ.

Оби эҳсон мечакад шабнамсифат вақти саҳар,
Нолаи мазлум ҳангоми саҳар дорад асар,
Нахлҳои ин гулистон сар ба сар бошад самар,
Медиҳандат ҳар дам аз оғози матлубат хабар,
Ҷаҳд кун, то нагзарад якборагӣ анҷоми субҳ.

Нолаи мурғон дар он соат ту медонӣ, зи чист?
Матлаи нур он замон аз шуълаи дидори кист?
Аз барои бахшиш он дам баҳри раҳмат муқтазист,
Бар саҳар, Саҳбо, барои хеш мебояд гирист,
Баъд аз ин, эй дил, намебинад касе ороми субҳ.

* * *

Ба сӯйи маҳфили аҳбоб он сарви равон омад,
Тани афсурдаи ушшоқро гӯё ки ҷон омад,
Ба хоки шӯрбахтони ғамаш оби равон омад,
Нишоту шодмонӣ андар ин ишратситон омад,
Садои офарин бод, аз замину осмон омад.

Гуле дар ин чаман нашкуфт ҷуз он як узори ӯ,
Нашуд з-ин бӯстон сунбул чу зулфи тобдори ӯ .
Кунад пажмурда наргисро ду чашми сурмадори ӯ,
Бишуд мурғи дилу ҷон андар ин водӣ шикори ӯ,
Зи баҳри сайд дар ҳар ҷо ки он абрӯкамон омад.

Ба зери пойи ӯ чун соя умре шуд, ки ғалтидам,
Каломи рӯҳбахше аз лаби он шӯх  нашнидам,
Гуле аз гулшани ҳуснаш ба коми хеш кам чидам,
Ба теғи зулм хунам рехт, ман аз ӯ наранҷидам,
Ба тири ғамзаи ӯ ҷони маҳзунам нишон омад.

Шикасти турраш бишкаст ранги мустамандонро,
Рухаш дар изтироб овард меҳру моҳрӯёнро,
Лабаш афканд дар бозори ғам лаъли Бадахшонро,
Даҳони нозукаш кард ошкоро рамзи пинҳонро,
Зи ҳарфаш бар тани афсурдагон рӯҳи равон омад.

Шаҳиди новаки ишқаш ҳаёти ҷовидон дорад,
Асири гулшани ҳуснаш ба худ сайри ҷинон дорад,
Қатили теғи абруяш чӣ парво аз камон дорад,
Ғариби кӯйи ӯ кай ёди боғу бӯстон дорад,
Ки он гулгунқабо ҳар ҷо ки омад, гулситон омад.

Фарангиталъату кофирмиҷозу барҳамансурат,
Тағофулпешаву ошиққушу паймоншикансурат,
Санавбарқомату хуршедрухсору чамансурат,
Малоиктинату ҷавросиришту ёсумансурат,
Бад-ин тарзи аҷоиб ӯ ба базми ошиқон омад.

Ниқоб афканд аз ораз, зи дил оҳу фиғон бархост,
Чу пинҳон кард рух, сабру шикеб аз мағзи ҷон бархост,
Пайи таъзими қаддаш аз чаман сарви равон бархост,
Ғараз шӯре зи ишқаш аз замину осмон бархост,
Бубин, Саҳбо, ки хуршеди қиёмат дар аён омад.

* * *

Муъҷаз ба рух кашидаву моро баҳона кард,
Чашм ар ба чашм баставу ҷоро баҳона кард,
Ҷонам ба ишва бурду ҷафоро баҳона кард,
Моро ба ғамза кушту қазоро баҳона кард,
Рӯ сӯйи мо накарду ҳаёро баҳона кард.

Дидам ба хоб дӯш ман он дилфурӯзро,
Як-як бигуфтамаш ҳамаи дарду сӯзро,
Шаб кард аз ситам ба мани хаста рӯзро,
Омад ба базму дид мани тирарӯзро,
Наншаста рафт, тангии ҷоро баҳона кард.

Сад ханда дошт он бути ман зери лаб ниҳон,
Яксар хиҷил зи шӯхии он хуби дилбарон,
Теғи ҷафо кашид маҳи ман ба қасди ҷон,
Олуда буд панҷааш аз хуни ошиқон,
Барбаст дасти хеш ҳиноро баҳона кард.

Дидам ба вақти базм чу маҳпораи рухаш,
Кардам ба нусха он ҳама шуммораи рухаш,
Афканд ӯ ниқоб пайи чораи рухаш,
Рафтам ба масҷид аз пайи наззораи рухаш,
Дасташ ба рӯ гирифту дуоро баҳона кард.

Гуфтам ба он нигор: ту шоҳи паривашон,
Дар бурҷи ҳусну хубӣ ту моҳи паривашон,
Бехуд шитофтам сӯйи роҳи паривашон,
Зоҳид надошт пос нигоҳи паривашон,
Кунҷе гирифту тарси Худоро баҳона кард.

Омад зи тарфи боғ маро баски бӯйи дӯст,
Бигрифт мулки синаи ман орзуйи дӯст,
Саҳбо, шитофтам пас аз он ман ба сӯйи дӯст,
Мастона мегузашт назар то зи кӯйи дӯст,
Он ҷо расид, сустии поро баҳона кард.

* * *

Домани ишқи ту рӯзе, ки ба дастам доданд,
Дили девона бад–он наргиси мастам доданд,
Дар хаёли сари зулфи ту шикастам доданд,
Сустмағзӣ ҳама аз толеи пастам доданд,
Бодаи шавқи ту аз ҷоми аластам доданд.

Рӯзу шаб дар талаби васли ту мегардидам,
Аз гулистон ба таманнои ту гул мечидам,
Кош, як бор гули рӯйи туро медидам,
Умрҳо шуд, ки ман андар сар ин печидам,
Ки май аз он ду лаби бодапарастам доданд.

Сар ниҳодан ба хами теғи ту таслими ман аст,
Рафтан аз худ ба раҳи васли ту тасмими ман аст,
Ҷону дил сарф намудан ба ту таълими ман аст,
Дарду доғи ситам аз ишқи ту тақсими ман аст,
З-ин фурӯ беҳ, ки дар хок нишастам доданд.

Тапиши ман ба ҳавои ту зи симоб гузашт,
Нолаам аз ғами ҳаҷри ту зи маҳтоб гузашт,
Дидаам дар ҳаваси рӯйи ту аз хоб гузашт,
Он қадар ашк фишондам, ки зи сар об гузашт,
Фурсати васл на дар як мижа бастам доданд.

Шиддати кулфати ҳиҷрон ту зи мо ҳеч мапурс,
Хастаи тири нигаҳро зи даво ҳеч мапурс,
Ҳоли он гулшани хубӣ зи сабо ҳеч мапурс,
Дар шикасти чамани ранг садо ҳеч мапурс,
Ҷоми Саҳбои фано дар кафи дастам доданд.

* * *

Накҳати зулфат машомамро муаттар мекунад,
Меҳри рухсори ту чашмамро мунаввар мекунад,
Ҳар замон аз синаам   ишқи ту  сар бар мекунад,
Ёди лаълат дидаро чун чашми соғар мекунад,
Дилбарат аз шарми ҳуснат хок бар сар мекунад.

Мехиромӣ сӯйи гулшан бо ҳазорон рангу бӯ,
Мебарӣ бо ишва аз сарви гулистон обрӯ,
Кай тавонад гашт маҳ бо меҳри рӯят рӯ ба рӯ,
Ҳусни бебоки ту бигрифтаст оламро фурӯ,
Таънаҳо рӯйи ту бар хуршеди ховар мекунад.

Ҷаъди мушкини ту охир шаъни сунбулро шикаст,
Пеши қадди нозукат сарви сиҳӣ гардид паст,
Зулфи пурпечи ту дар ҳар хам ҳазорон дил бубаст,
Нест андар дилрабоӣ бо ту дар офоқ даст,
Синаамро оташи ишқат пурозар мекунад.

Чашми бадмасти ту баҳри куштанам дорад шитоб,
Тири мижгони ту ҷонро мекунад дар изтироб,
Пайкарамро оташи ҳаҷри ту месозад кабоб,
Дар сипеҳри дилбарӣ набвад чу рӯят офтоб,
Табъро нодидани рӯят мукаддар мекунад.

Аз лаби лаъли ту вақти ханда мерезад шакар,
Шавқи ишқат ҳар замон меовард шӯре ба сар,
Теғи ҳаҷрат дам ба дам афсурда месозад ҷигар,
Кард Саҳборо ҷафоҳои ту охир дар ба дар,
Дидаамро рӯзу шаб шавқи туе дар мекунад.

* * *

Чу дар саҳни гулистон сарви нози ман хиромон шуд,
Саропо гулшан аз меҳри ҷамоли ӯ чароғон шуд,
Чаман аз накҳати зулфаш саросар сунбулистон шуд,
Ҳазорон нузҳат аз зери қудуми ӯ намоён шуд,
Маҳ аз шарми рухаш зери ниқоби абр пинҳон шуд.

Ҳазорон ҷӯйи хун дар ёди ӯ аз дидаи мо рехт,
Зи сарв орзуяш дар ду олам ранги савдо рехт,
Зи ишқаш дар ҷаҳон ҳар лаҳза чандин шӯру ғавғо рехт,
Дилам хунобаҳо дар ёди лаъли ӯ чу дарё рехт,
Шарарҳо бар фалак аз оҳу афғонам намоён шуд.

Зи авҷи ҳусн то меҳри дурахшони рухаш сар зад,
Зи хубӣ орази ӯ аз фалакҳо хайма бартар  зад,
Бутони Чин зи рашкаш  чун магасҳо даст бар сар зад,
Қалам бар хатти ҳусни дилбарони даҳр яксар зад,
Ҷаҳон аз оби рӯяш сар ба сар чун мавҷи домон шуд.

Маро савдои ишқаш умрҳо дур аз ватан дорад,
Ба ёди васли ӯ машқи тапиданҳо бадан дорад,
Зи хаташ як бароти тозае дар хуни ман дорад,
Ки ҳар дам тири мижгонаш маро азми задан дорад,
Кунун чашми сияҳмасташ ба яғмои дилу ҷон шуд.

Зи шӯри шавқ аз шаб то саҳар чун мор мепечам,
Зи савдояш сари худро ба чӯби дор мепечам,
Гаҳе  чун нағмаи ушшоқ андар тор мепечам,
Ба ёди ишқи ӯ, Саҳбо, ба худ зуннор мепечам,
Чу ман оина бар рӯяш назар андохт, ҳайрон шуд.
.

* * *

Фитнаҳо ишқи ту дар даври қамар меоварад,
Орзуи диданат шӯре ба сар меоварад,
Мавҷи ҳуснат чатри гул андар назар меоварад,
Баҳри исорат ду чашми ман гуҳар меоварад,
Вақти тавсифат найи килкам шакар меоварад.

Ҳар замон бо ишва ҷон аз ҷисми зорам мебарӣ,
Бо нигоҳе дам ба дам сабру қарорам мебарӣ,
Ҳар тараф аз шавқи хубӣ ихтиёрам мебарӣ,
Дар раҳи ишқи худ охир эътиборам мебарӣ,
Тири мижгони ту захме бар ҷигар меоварад.

Мефишонад дидаам бе моҳи рӯят ҷӯйи хун,
Нолаам ҳар лаҳза мегардад зи ҳиҷронат фузун,
Дам ба дам аз дарди ишқат мешавад ҳолам забун,
Мезанам сар дар биёбон аз ҷафоҳоят кунун,
Оқибат ишқи ту моро дар ба дар меоварад.

Дар раҳи ишқи худ охир обрӯям рехтӣ,
Заҳри нокомӣ дамодам дар сабӯям рехтӣ,
Бодаи ғам оқибат андар гулӯям рехтӣ,
Оби дарду ҳасрат аз ҳар бехи мӯям рехтӣ,
Аз сияҳбахтӣ маро зулфат хабар меоварад.

Фитнаи чашми ту ҷонам мекунад дар изтироб,
Тири мижгони ту ҳолам мекунад ҳар дам хароб,
Теғи абрӯйи ту месозад пайи қатлам шитоб,
Пайкарам дар оташи ҳаҷри ту охир шуд кабоб,
Нашъаи шавқат ба Саҳбо дарди сар меоварад.

* * *

Соқӣ, биёр бода, ки моҳи сиём шуд,
Ҳангоми айшу сози наю даври ҷом шуд,
Моро кунун.ки  сиккаи ишрат  ба ном шуд,
Сайди нишот айши маро худ ба дом шуд,
Ҷуз соғари тараб ҳама моро ҳаром шуд.

Аз файзи моҳи рӯза кунун шод гаштаем,
Аз қайди дарду ранҷу ғам озод гаштаем,
Дар кӯҳсори айш чу Фарҳод гаштаем,
Гирди сари бутон ҳама чун бод гаштаем,
Дар даври мо фасонаи ишрат тамом шуд.

Ин моҳ ҷоми бода ту бе гулрухон манӯш,
Ҷуз бодаву тараб ту ба чизи дигар макӯш,
Ғайр аз либоси айш ту чизи дигар мапӯш,
Ҳар субҳу шом рав ба дари пири майфурӯш,
Вақти нишоту ишрати шурби мудом шуд.

Аҳбобро ду чиз дар ин маҳ бувад зарур,
То он ки рӯзааш напазирад даме қусур,
Хатм аст дар таровеҳу хоб аст баъди хӯр,
Ин моҳро бидон маҳи айшу нишоту сур,
Бар бандагон зи ҳайи Ғафур ин паём шуд.

Ҷуз хуррамӣ ба табъи муҳиббон ғубор нест,
Ҷуз айш ҳам ба чизи дигар эътибор нест,
Хуш он ки ғайри ёр касе дар канор нест,
Ғайр аз лаби нигор, ки дафъи хумор нест,
Бе васли ёр бодаи Саҳбо ҳаром шуд.

* * *

Андеша ба домони хаёлат нарасад,
Ин ақл ба идроки камолат нарасад,
Идрок ба савти зулҷалолат нарасад,
Даҳ ақл ба як кунҷи мақолат нарасат,
Дониш ба рамузи лоязолат нарасад.

Андеша чиву донишу идроку хирад?
Дар чашми басирати ту камтар зи рамад,
Як мӯ тобад зи илтифоти ту мадад,
Бори ҳама олам бикашад то ба абад,
Матлуб зи баски бе маҷолат нарасад.

Дар кунҳи ҷалолати ту идрок залил,
Ҳар зарра ба сӯйи боргоҳи ту далел,
Як қатра зи баҳри карамат Даҷлаву Нил,
Илми ту қадиму зоти поки ту ҷалил,
Як нуқс ба зоти бемисолат нарасад.

Дар маркази васфи ту забонҳо оҷиз,
Аз пояи ҳамди ту ниҳонҳо оҷиз,
Дар ҳарфи санои ту даҳонҳо оҷиз,
Бар тавфи дарат малакситонҳо оҷиз,
Нақди ду ҷаҳон ба як наволат нарасад.

Кардӣ ба ду ҳарф ҷумла олам мавҷуд,
Аз зоти ту омад ҳама ашё ба вуҷуд,
Ҷуз зоти ту набвад ба ду олам маъбуд,
Ғайр аз ту дигар нест ба Саҳбо мақсуд,
То ки ба наими безаволат нарасад.

* * *

Боз дил дар ҳаваси рӯйи ту афғон дорад,
Ҷон чу зулфат ба бадан ҳолати беҷон дорад,
Нола аз баҳри ту булбул ба гулистон дорад,
Чун қади шӯхи ту худ сарв чӣ бӯстон дорад?
Ҳама олам дилу ҷонро ба ту қурбон дорад.

Бар сари роҳи ту чун хок фитодам бехуд,
Илтифоте зи ту, эй шӯх, наёмад ба вуҷуд,
Эй шаҳи ҷон, зи ту ҳосил нашуд асло мақсуд,
Ишқи бебоки ту дониш зи мани хаста рабуд,
Оҳи ман дар ғами ишқи ту чароғон дорад.

Бе лаби лаъли ту аз бодаи гулранг чӣ ҳаз,
Бе рухи хуби ту аз сози наю чанг чӣ ҳаз,
Бе рамузи хатат аз донишу фарҳанг чӣ ҳаз,
Бе мақомоти висоли ту зи оҳанг чӣ ҳаз,
З-он ки дар ҳаҷри ту дил нолаи пинҳон дорад.

Сари он зулфи муанбар зи тағофул машикан,
Шони мушки Хутану равнақи сунбул машикан,
Аз шикасти кулаҳи хеш сари гул машикан,
Хор дар синаи хунгаштаи булбул машикан,
Гарчи рухсори ту сад равнақи бӯстон дорад.

Охир, эй шӯх, ба як ишва дилам хун кардӣ,
Ҳоли маҳзуни мани хаста дигаргун кардӣ,
Қадам аз бори ғами ишқ ту вожгун кардӣ,
Гарчи Саҳбои ҳазинро ту чу Маҷнун кардӣ,
Лек сад шукр, ки чун ту бути хандон дорад.

* * *

Агар як бор сӯйи кулбаи ман ёр меомад,
Ба чашмам равшанӣ аз ҳар дару девор меомад,
Масеҳо гӯиё андар сари бемор меомад,
Зи зулфаш бар машомам нофаи тотор меомад,
Суруре он замон бар синаи афгор меомад.

Чӣ мешуд пайкарам фарши раҳи он дилситон мешуд,
Дили ман чун ҳадаф пеши ходанги ӯ нишон мешуд,
Сарам чун гӯй дар чавгони зулфаш ҳар замон мешуд,
Бисоти хонаам аз оразӣ ӯ гулситон мешуд,
Чунин мешуд, агар оҳу фиғонам кор меомад.

Наёяд ҷуз шикасти ваъда аз табъи ҷафоҷӯяш,
Ки доли бевафоиҳост биллоҳ ҳар сари мӯяш,
Бувад бадаҳдию ҳам зулму бедоди ситамхӯяш,
Ки бошад матлаи норостиҳо тоқи абрӯяш,
Дар ин ҳангома хун аз дидаам ночор меомад.

Гирифтам бо ҳазор уммед бо худ домани ишқаш,
Ба коми хеш мечинам гуле аз гулшани ишқаш,
Надидам ҷомае ғайр аз ҷафо андар тани ишқаш,
Фитодам чун самандар оқибат дар гулхани ишқаш,
Чунин маҳзун намегаштам, агар як бор меомад.

Агарчанде ки дар ёдаш равад бар чарх фарёдам,
Насозад он бути номеҳрубон худ як даме ёдам,
Нагардад хуррам аз васлаш замоне табъи ношодам,
Кунун Саҳбо, ба ёди бевафо чун хок барбодам,
Садои “алғиёс” аз растаю бозор меомад.

* * *

Дафнавозӣ ҳунари бесарупоён набувад,
Ки ба ҳар кас ҳунари даф задан осон набувад,
Беҳунарро ту яқин дон, ки зи инсон набувад,
Ҳамчу нодон ба ҷаҳон бесарусомон набувад,
Ҳар киро дасти ҳунар нест, лаби нон набувад.

Умрҳо шуд, ки дар ин доира саргардонед,
Ҳамчу тифлони навомӯз шумо нодонед,
Ман нагуфтам , ки дар ин доира дармемонед,
Кас, агар гап назанад, року само мехонед,
В-арна дар нағмаи даф охиру поён набувад.

Гар шумо даф назанед, аз сари мо дафъ шавед,
Зудтар дар назари мо нанамоеду равед,
Ҳар раҳеро, ки надонед, бад-он сӯ надавед,
Ҳама имрӯз ба як сиккаву ҳамён гаравед,
Шарму маъюсию хиҷлат ба шумоён набувад.

Кампирон нағмаи даф беҳ зи шумо медонанд,
Бузруку кӯчак талқини наво медонанд,
Савти  ушшоқу ҳам оҳанги сабо медонанд,
Ҳамаи  роҳу равишро бахудо медонанд,
Дар ҷаҳон ҳамчу шумоён каси сарсон набувад.

Мо нагуфтем шуморо, ки зи мо шарм кунед,
Ин қадар ҳаст, ки боре зи Худо шарм кунед.
Андар ин доира аз шоҳу гадо шарм кунед,
Ҳар шаб аз кардани ин савту наво шарм кунед,
Гуфт Саҳбо ба шумоён, ки даф осон набувад.

* * *

Дидаам бе рухи гулгуни ту хун мерезад,
Ҳушу идрок аз ин тинати дун мерезад,
Мегудозад дилу дар дашти ҷунун  мерезад,
Сабр бе васли ту аз дида бурун мерезад,
Бар сарам шӯру ғами ғусса кунун мерезад.

Чашм бе рӯйи ту аз сайри гулистон бастам,
Дили маҷрӯҳ дар он зулфи парешон бастам,
Риштаи меҳри ту дар гардани имон бастам,
Расани ишқи ту якборагӣ дар ҷон бастам,
Дар дилам меҳри ту аз ҳарчи фузун мерезад.

Ҳар замон мурғи диламро ба қафас мебандӣ,
Бар ман аз шиддати ғам роҳи нафас мебандӣ,
Оташи зулм дар ин хирмани хас мебандӣ,
Роҳи фарёди мани хаста абас мебандӣ,
Ашк аз дида нагӯӣ ту, ки чун мерезад.

Офати ҷонию эй шӯх, ту ҷонони манӣ,
Қуввати пайкару ороми дилу ҷони манӣ,
Дар гулистони ҷаҳон сарви хиромони манӣ,
Ҳам гули гулшану ҳам ғунчаи хандони манӣ,
Ғунча аз рашки лаби лаъли ту хун мерезад.

Ба таманнои рухат дидаи ман пурнам шуд,
Қиссаи мову ту афсона дар ин олам шуд,
Ман надонам, ки чаро лутфи ту бо ман кам шуд,
Қадди Саҳбо зи ғами ишқи ту охир хам шуд,
Ашк чун нуқта, ки дар домани нун мерезад.

* * *

Пайкаратро  хунукӣ имсол луълӯтӣ кунад,
Домани табъи туро тахтаи ях отӣ кунад,
Саҷда сад бор ба оташкадаҳо бутӣ кунад,
Ту мапиндорӣ, ки сармо пас аз ин отӣ кунад,
Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампир дар қуттӣ кунад.

Ақраб он рӯз туро наштари худ  бар тан зад,
Қавс сад тири ҷафо бар гули ҳар гулшан зад,
Ҷаддӣ аз шиддати сармо ба қӯтан маскан зад,
Далв оби алам андар дили марду зан зад,
Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампир дар қуттӣ кунад.

Боғбонро зи чаман лашкари дай берун кард,
Сабзаву сарву суманро зи алам  маҳзун  кард,
Булбул аз ғуссаи дил хеш саропо хун кард,
Шиддати сард ғами аҳли ҷаҳон афзун кард,
Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампир дар қуттӣ кунад.

Фасли баҳман чу расад, ҷумла шавад хонанишин,
Ҳамчу анбар зи само барф бирезад ба замин,
Ояти мавт кунад бод ба гулшан талқин,
Ҳама дар доираи нор бисозанд камин,
Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампир дар қуттӣ кунад.

Обсабзони чаманро зи ях афканд ба банд,
Сунбул аз сурати ин ҳодиса мӯ аз тан канд,
Расид аз шиддати сармо ба зану мард газанд,
Гуфт Саҳбо ба ту дирӯз ба овози баланд:
Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампир дар қуттӣ кунад.

* * *

Дилам он шӯх ба як тарзи тағофул заду бурд,
Аз танам сабр ба он турраи сунбул заду бурд,
Кард як ишваву дар гардани ман ғул заду бурд,
Ҳамчунон бурд маро ёр, ки булбул заду бурд.
Бачаро нимашабӣ каттаи хушпул заду бурд.

Ҳар тараф дар талаби ёр давидам имрӯз,
Дидам андар раҳи он шӯх басе меҳнату сӯз,
Охир афтод ба даст он бути оламафрӯз,
Омад андар пайи дилдор яке мардаки буз,
Бачаро нимашабӣ каттаи хушпул заду бурд.

Ҷону дил сарф шуд андар раҳи ишқи ҷонон,
Тоқату сабр зи тан рафт зи дарди ҳиҷрон,
Умрҳо кард рухи орази худро пинҳон,
Омад аз лутф чу дар базми ман он сарви равон,
Бачаро нимашабӣ каттаи хушпул заду бурд.

Бачаи маст гузашту дилам аз даст рабуд,
Аз сари зулм ба ман ӯ дари бедод кушуд,
Инчунин шӯхи ҷафоҷӯй дар офоқ набуд,
Имшаб он моҳ ба базм омаду шавқам бифузуд,
Бачаро нимашабӣ каттаи хушпул заду бурд.

Базм ороста будам ба ҳазорон уммед,
То нишинем ба дилдор чу моҳу хуршед,
Охир, аз чарх дар ин суҳбати мо чашм расид,
Бин, ки Саҳбо ҳама ҷавру ситами ёр кашид,
Бачаро нимашабӣ каттаи хушпул заду бурд.

* * *

Нест пеши мо ба ҷуз лаъли лаби ҷонон лазиз,
Ҷон лазиз омад, вале ӯ бошад аз сад ҷон лазиз.
З-он ду лаб бошад ҳамеша хандаи пинҳон лазиз,
Нест дар олам чу лаълаш пистаи хандон лазиз.
Кас надида дар ҷаҳон монанди ӯ ин сон лазиз.

Давлати дунё агар бошад туро андар канор,
Аз зару лаълу ҷавоҳир низ бошад бешумор.
Нахли мақсуди ту ҳам дар чор фасл орад ба бор,
Гар барӣ сад осмон шаҳду шакар ҳар дам ба кор,
Васли ҷонон бошадат з-ин ҷумла садчандон лазиз.

Ҷумларо дидем як-як  олами шебу фароз,
Сар ба сар кардем ширинию талхӣ имтиёз,
Қиссаҳо монанди гесуи бутон бошад дароз,
Талхии гуфтор, яъне аз лаби он сарвиноз,
Он чи дар олам лазиз омад, бувад аз он лазиз.

Дӯш дар майхона рафтам бо ҳазор умеду бим,
То шавам як лаҳза бо майхорагон ёри қадим,
Лутф карданду ба ман доданд ҷоме як-ду, ним,
Кард агарчанде ки табъи ваҳшатангезам салим,
Нест ҳамчун бодаи лаъли сияҳчашмон лазиз.

Дӣ ба гулшан аз пайи нузҳат қадамфармо шудам,
Як даме маҳви тамошои гули раъно шудам,
Сад гулистон хуррамӣ дидам, чу дар ҳар ҷо шудам,
Он қадар, Саҳбо, ба саҳни боғ айшоро шудам,
Лек набвад сар ба сар чун он гули хандон лазиз.

* * *

Эй, ки аз пеши мани сӯхта он лолаузор
Ба тамошои чаман кард ба ағёр гузор.
Аз дили сӯхтаам рафт яке сабру қарор,
Гуфтамаш: ҳайф туро, ёр шудӣ бо ағёр.
Гуфт: не, не, бувадо зеби чаман гул бо хор.

Ба чаман рафт, зи рух шаъни гулистон бишкаст,
Ғунча аз рашки даҳонаш зи табассум лаб баст.
Андалебони чаман ғулғула овард башаст,
Гуфтамаш :сарви сиҳӣ пеши қадат чун шуд паст,
Гуфт: дар пеши рухам нест чаманро миқдор.

Дӯш дар маҷлиси мо ёр ба даст овард чанг,
Аз раҳи рост зи ушшоқ яке кард оҳанг,
Аҳли маҷлис ҳама з-ӯ шишаи номус ба санг,
Гуфтам :эй шӯх, рабудӣ зи ҳама номусу нанг,
Гуфт: дилдодаи мо нанг надорад, ҳуш дор!

Дӣ ба каф шоҳиди мо соғари саршор гирифт,
Дод роҳу  хирад аз мардуми ҳушёр гирифт,
Аз дили хуншудаам сабр ба як бор гирифт.
Гуфтамаш: шавқи ту ҷон аз тани бемор гирифт,
Гуфт: муштоқ кай аз додани ҷон дорад ор?

Шона аз ноз зад он ғолияи мушкфишон,
Шуд димоғи ҳама аз бӯйи хушаш атрфишон,
Нест чун сунбули он зулф ба гулзори ҷаҳон,
Гуфтам: ин турраат аз сунбули тар дод нишон,
Гуфт: ҳай-ҳай, ки ғалат кардӣ, бувад мушки татор.

Ӯ ба як ишва дил аз дасти мани зор рабуд,
Аз сари зулм ба рӯям дари бедод кушуд,
Ҳар қадар ҷавру ситам дошт, ба ман  боз намуд,
Гуфтам: ин зулм ба ҳоли мани дилхаста чӣ буд,
Гуфт: ошиқ бувад, он кас, ки кунад сабр шиор.

Ин ҳама зулм ба ман з-он бути бебок расид,
Оҳам аз ҳасрати он шӯх бар афлок расид,
Он қадар тири ҷафо бар ҷигари чок расид,
Гуфтамаш: дарди ту дар синаи ғамнок расид,
Гуфт: Саҳбо, ба раҳи ишқ чунин бошад кор.

* * *

Зи ҳар кӣ рутбаат омад, зи инсу ҷон бартар
Гузашт пояи қадрат зи бурҷи шамсу қамар,
Туӣ ба баҳри нубувват гаронмоягуҳар,
Мутеи ҳукми ту гаштанд аҳли ҷину башар,
Ҳамеша тобеи раъйи ту шуд қазову қадар.

Кафи карам ту бар аҳли ҷаҳон барафшондӣ,
Зи мазраи дилашон тухми сидқ рӯёндӣ,
Ба гӯши ҷумла каломи Худой бархондӣ,
Ба синаҳо ту дарахти улум биншондӣ,
Сафои сидқи яқин медиҳад ҳамеша самар.

Таровати гулу гулшан зи меҳри орази туст,
Ки бӯйи нофаи сунбул зи накҳати он мӯст,
Ҳилоли ид заиф аз хаёли он абрӯст,
Ду дида шому саҳар интизори рӯйи накӯст,
Ба шаш ҷиҳат ба ҳавои ту бозгашта назар.

Ба субҳу шом дуруди ту мекунам такрор,
Ба ёди туст ду чашми умеди мо бедор,
Ба аҷз ҳоли дили хеш мекунам изҳор,
Зи лутф ҳоҷати ин оҷизони хаста барор,
Туӣ шафеъ бар уммат ба арсаи маҳшар.

Ту нури покию аз нур гаштаӣ мавҷуд,
Ҳама зи баҳри ту омад ба арсагоҳи вуҷуд,
Гузид аз ҳама пайғамбарон туро маъбуд,
Бароти оҷизи Саҳбо дар ихтиёри ту буд,
Ту аз барои шафоат даме ки бастӣ камар.

* * *

Кач ниҳодӣ кулаҳи ноз ту бар гӯшаи сар,
Аз дили хастаи ушшоқ надорӣ ту хабар,
Нест моро ба ҷуз аз ёди ту дар шому саҳар,
То кай аз дарду ғами хеш кунӣ хуни ҷигар,
Ин қадар пардаи моро ба раҳи ишқ мадар.

Сабру тоқат бибарад ёди висолат зи дилам,
Бикунад кулфати ҳиҷрони ту охир хиҷилам,
Дар раҳи ишқи ту умрест, ки ман по ба гилам,
Бо ғамат рӯзу шаб, эй сарви равон, муттасилам,
Гуфт: як лаҳза макун дур маро ту зи  назар.

Ҳалқаи зулфи ту дар гардани ҷон мепечад,
Қадам аз бори ғамат ҳамчу камон мепечад,
Дилам аз ҳаҷри ту дар оҳу фиғон мепечад,
Аз хироми ту ба худ оби равон мепечад,
Пеши рӯят кунад аз шарм арақ шамсу қамар.

Охир аз зулфи ту зуннор ба гардан афтод,
Хонаам гашт зи дасти ту бараҳманобод,
Занам имрӯз зи дасти ту ҳазорон фарёд,
Кас чу ман бастаи он зулфи гиреҳгир мабод,
Балки чун ман набувад дар раҳи ишқи ту дигар.

Бодаро бе лаби лаъли ту назокат набувад,
Боғро бе гули рӯйи ту тароват набувад,
Бе майи васли ту аз айш ҳаловат набувад,
Бе ту як дам ба мани хаста фароғат набувад,
Ғайри ишқи ту ба Саҳбо чӣ бувад нафъу зарар.

* * *

Шуд гулистон ин чаман аз файзи анфоси баҳор,
Нузҳатафзову тароватбахш сайри лолазор,
Таъназан шуд тори сунбул бар шиканҷи зулфи ёр,
Дошт гулбун дастгоҳи анбару мушки татор,
Чашми наргис боз ҳар сӯ ҳамчу чашми интизор.

Савсани озода дар гулшан забоновар бувад,
Сарв бо сад зебу фар чун қомати дилбар бувад,
Бар рухи гулзор ҳамчун холи нилуфар бувад,
З-ин тароват бӯстонро зинати дигар бувад,
Гашта бас хуррам саросар боғу дашту кӯҳсор.

Навҳапардози  рухи гул гашт булбул бо хурӯш,
Қумрии нолон ба ёди сарви ноз омад ба ҷӯш,
Шуд сабо аз накҳати гул дар чаман анбарфурӯш,
Хирқаи фирӯза кард аз сабза гулшанҳо ба дӯш,
Зад садои хуррамӣ гулбун бар аҳли рӯзгор.

Дар чаман вақте ки бошад боғ чун хулди барин,
Он ки бодониш бувад, кай мешавад гулханнишин,
Доимо дар саҳни гулшан мешавад ишратгузин,
Тоза месозад машом аз сунбулу аз ёсамин,
Мекунад гоҳе ба гардан ҳалқаи гесӯи ёр.

Як-ду рӯз айёми гулро дон ғанимат, эй азиз,
Бодаи гулгун ту андар соғари ишрат бирез,
Маҳфили худро ту аз ҷаъди бутон кун атррез,
Меравад айёми гулгашти чаман чун бод тез,
Дар чунин фурсат машав, эй дӯст, ғофил зинҳор.

Хурраму хуш он ки ишрат мекунад дар гулситон,
Менамояд дафъи махмурӣ ҳам аз роҳи равон,
Мекунад сайру тамошо ҳар тараф бо дилбарон,
Тоза месозад зи лаъли дилрабоён ҷисму ҷон,
Мебарад аз зулфи мушкини  бутон анбар ба кор.

Кас мабодо ҳамчу ман вомондаи байтулҳазан,
Мубталои доми омолу ғаму  дарди миҳан,
Рӯзу шаб маҳрум аз сайру тамошои  чаман,
Не маю не мутрибу не дилбари гулпираҳан,
Хуррамӣ набвад ба Саҳбо ғайри лутфи шаҳриёр.

* * *

Вақти рақами холу хаташ килки мусаввир,
Рамзе зи сияҳбахтиям овард ба таҳрир,
Дар ҳалқаи зулфаш дилу ҷон кард ба занҷир,
Аз мӯйи миёнаш бикунад кас ба чӣ таъбир,
Дар ояти ҳуснаш набувад ҳеҷ муфассир.

Дар васфи ҷамолаш дили девона чӣ гӯяд?
Аз нозукии турраи ӯ шона чӣ гӯяд?
Ҳайратзадаи ишқ ба ҷонона чӣ гӯяд?
Ҷуз сӯхтани ин шамъ ба парвона чӣ гӯяд?
Дар мадҳи даҳонаш чӣ занад ҳарф муҳаррир?

Сарномаи мо шуд рақами хатти сиёҳаш,
Шамъи шаби мо нест ба ҷуз орази моҳаш,
Дар мазраи  дил нест ба ҷуз меҳр гуноҳаш,
Додам дилу динро мани хунгашта ба роҳаш,
Ин гуна ситам кард, ҳанӯзам ба чӣ тақсир?

Бе орази ӯ чашми маро нур набошад,
Бе дӯст дар ин ҷо касе масрур набошад,
Чун ман касе дар майкада махмур набошад,
Моро ба ҷуз аз дидани ӯ шӯр набошад,
Лекин чӣ тавон кард,чу бинвишт ба тақдир.

Сар дар қадамаш монда ман аз ҷумла гузаштам,
Дилро ба хами зулфи гиреҳгир бубастам,
Ҷуз шишаи меҳраш ҳамаро пок шикастам,
Як бор ҳам он шӯх наяфтод ба дастам,
Саҳбо, нашуд афғони ту бо ёр муассир.

* * *

Ба ҳусни хеш маноз ин қадар ту, эй дилбар,
Пас аз ду рӯз хат аз оразат барорад сар,
Шавад назокати ҳусни ту ҳар замон камтар,
Зи дидани ту бубанданд дида аҳли назар,
Кунад зи шаҳри ҷамоли ту шаҳи ҳусн сафар.

Ба қалбу рӯйи ту то зад даме ки шакарреш,
Бимонӣ боз ту якборагӣ зи роҳу равиш,
Касе тариқати ишқи туро нагирад пеш,
Китобхонаи ҳуснат бимонад аз тафтиш,
Зи мазҳари хати ту хатм гардад ин дафтар.

Зи боди ҳодиса гардад гули рухат пажмон,
Шавад зи сар-сари хат  боғи хуби ту хазон,
Равад зи гулшани рӯйи ту ҳусн болафшон,
Ҳама ба ҳоли ту бисозанд тарки меҳр аён,
Ту зору хаста бимонӣ ба дидаҳои тар.

Ту қадри хубии ҳуснат чаро надонистӣ,
Зи шахси ғайр ту то ошно надонистӣ,
Ки роҳу аҳду тариқи вафо надонистӣ,
Ба ишқи хеш ту дарди маро надонистӣ,
Шудам зи оташи ҳаҷрат  агарчи хокистар.

Кунун висоли ту ҳаргиз кас орзу накунад,
Гули ҷамоли туро ҳеҷ шахс бӯ накунад,
Дилам зи қиссаи лаъли ту гуфтугӯ накунад,
Маро, илоҳӣ, Худо бо ту рӯ ба рӯ накунад,
Ба умри хеш набинам туро ман аз паси сар.

Касе туро, ки аз ин пеш дар канор гирифт,
Кунун хати ту дамид, аз ту дар канор гирифт,
Чу саҳни гулшани рӯйи туро, ки хор гирифт,
Чу дил аз ту ҳама ошиқони зор гирифт,
Ниҳодаанд ҳама рӯ ба ҷониби дигар.

Ҳазор ҳайф, ки айёми ҳусн рафт аз даст,
Дами  ба дам хатат имрӯз қимати ту шикаст,
Бубин, ки оқибат ин ришта шуд туро побаст,
Зи қайди ишқи ту якбора ҷони Саҳбо раст,
Намекунад зи ту  ёд ӯ то дами маҳшар.

* * *

Эй маҳваши золими ҷафокор,
В-эй шӯхи ситамгари дилозор,
Шуд дидаам аз ғами ту хунбор,
Дар гулшани даҳр гаштаам хор,
Раҳме ту ба ҳоли хастагон ор.

Эй дилбари маҳҷабини зебо,
Моро макун ин қадар ту шайдо,
Набвад чу ту сарвқади раъно,
Рухро ба мани шикаста бинмо,
Як лаҳза ниқоби хеш бардор.

Эй ҳурваши бути паризод,
Дар роҳи ту рафт ақл барбод,
Аз дасти ту сад ҳазор фарёд,
Ҳаргиз ту намекунӣ маро шод,
Ту ёр шудӣ кунун ба ағёр.

Аз ҳаҷр маро хароб кардӣ,
Сар то қадамам чу об кардӣ,
Дар куштани ман шитоб кардӣ,
Моро ту дар изтироб кардӣ,
Чун зулфи ту метапам мани зор.

Саҳбо, ки ба васфи меҳри рӯят,
Ҳаст ӯ саги камтарин ба кӯят,
Дилбаста ба ҳалқаҳои мӯят,
Шаб то ба саҳар дар орзуят,
К-аз лутф намо ба ӯ ту дидор.

* * *

Омад баҳор сабза ба гулшан кашид сар,
Зад хайма гул ба боғҳо  якчанд зебу фар,
Овард сар ба сар ҳамаи нахл баргу бар,
Шуд лаҳза-лаҳза зинати гулзор бештар,
Булбул зи шавқи гул ба наво шом то саҳар.

Афзун бишуд таровати хубии бӯстон,
Хуррам шуд аз насими саҳар сарву арғувон,
Омад ба шавқ қумрии шӯрида дар фиғон,
Аз ишқи гул ба нола дарафтода булбулон,
Гулшан чу боғи хулд бигардид сар ба сар.

Шаҳзодаи ҷаҳону шаҳаншоҳӣ з-ин карам,
Волии тахту додраси турку валаҷам,
Исори подшоҳӣ аз ӯ мезанад алам,
Дар назди ҷумла аҳли ҷаҳон  гашта муҳтарам,
Хулқаш намуда дар дили аҳли ҷаҳон асар.

Нузҳатфазои гулшани умеди хосу ом,
Гардид шод аз карамаш ҷумла субҳу шом,
Шуд даври лутфу ҷуду тараҳҳум бар ӯ тамом,
Маҳфуз бод з-офати дунёи дун мудом,
Он шаҳриёри додрасу шоҳи додгар.

Яъне дар ин замони тарабхези навбаҳор,
Ойин намуд шаҳри худ он шоҳи тоҷдор,
То сад ҳазор зеб биорост хулдвор,
Мебурд диданаш зи сарам ҳушу ихтиёр,
Бикшода моҳ баҳри тамошои ӯ назар.

Барпо ҳазор гуна сародиқ ба ҳар тараф,
Ороста қазову қадар ҷумла саф ба саф,
Базме надидаст чунин дидаи салаф,
Аз ҳайраташ малак зада ҳар лаҳза каф ба каф,
Дар даҳр кас надида аз ин базми хубтар.

Дар ҳар дӯкон зи ақмаша бошад ҳазор ранг,
Аз латтаҳои румию кашмирию фаранг,
Аз халқ бурда ишқи тамошош ному нанг,
З-ӯ шуҳрате фитоду ба ҳар сӯ ҳазор санг,
Набвад чунин ба рӯйи ҷаҳон булаҷаб дигар.

Як сӯ зи дилбарони гуландоми симтан,
Дар рақс ҳамчу Зуҳра ба сад ишваи фитан,
Карданд ҷумла халқи ҷаҳон маҳви хештан,
Бурданд ақлу ҳушу хирадро зи  марду зан,
Дар даҳр қиёмате бишуд з-ин қисса мухтасар.

Як сӯ нишаста нағмасароёну мутрибон,
Чун андалеб гашта ба сад шӯр дар фиғон,
Савти наю камончаву танбӯр ҳар замон,
Яксар рабуда сабр зи дилҳои ошиқон,
Оҳангашон ҳамеша ба дилҳо кунад асар.

Дар як тараф таому шаробу кабоб ҳам,
Як сӯ зи атриёт зи мушку гулоб ҳам,
Аз дида бурда шавқи тамошо-ш хоб ҳам,
Пар мезанад  ба дидани ӯ офтоб ҳам,
Аз боғи хулд хурраму хушбӯю хубтар.

Набвад чунин мақоми фараҳбахши дилкушо,
Зеро ки ҳаст арсаи ӯ соҳиби сафо,
Ҳаст ӯ ба шодию тарабу айш мунтаҳо,
Бар дарду кулфати ҳама дунё бувад даво,
Кун лаҳза-лаҳза сайру тамошо ту сар ба сар.

Дар васфи ӯ забони мани хаста гашт лол,
Дар табъи ман намонд кунун заррае мақол,
Он беҳ, ки умри давлати шаҳро кунам савол,
Аз ҳазрати карими хатобахшу зулҷалол,
Саҳбо, зи шом бош дар ин пеша то саҳар.

* * *

Он қадар вомондаам, аз бекасиҳоям мапурс,
В-аз талаб маъюс гаштам, аз таманноям мапурс.
Сокини кунҷи ғами дардам ман, аз ҷонам мапурс,
Чеҳраи зардам бубин имрӯзу фардоям мапурс,
Дар биёбони ҷунун як бесару поям мапурс.

Метапам ҳар сӯ ба умеди гуле дар бӯстон,
Чеҳраи худ мекунам аз дарду ҳасрат заъфарон,
Мекунам то ҳамчу булбул нолаву оҳу фиғон,
Ҳамчу ман шӯридае ҳаргиз набошад дар ҷаҳон,
Хушкмағзи оламам аз бебариҳоям мапурс.

Рӯзгоре шуд, ки ёри бевафо аз мо гузашт,
Аз ғами ҳаҷраш ситамҳо бар дили шайдо гузашт.
Дӯш дар фикри даҳони ӯ сарам аз по гузашт.
Ҳар чӣ бар ҷонам гузашт, аз он бути зебо гузашт,
Дардманди ишқи ӯям, аз мудаввоям гузашт.

Масту бехуд дам ба дам аз кулбаи худ ҳар тараф,
Дар таманнои висоли дӯст накди ҷон ба каф,
Дар пайи он орзу гардид умри ман талаф,
Рӯзгоре шуд, ки з-ин савдо намебинам шараф,
Андар ин бозор худ аз суди савдоям мапурс.

Умрҳо шуд айш аз ман мефишонад остин,
Мекунад ҷони мани дилхастаро ҳасратнишин,
Нест чун ман мискини маҷрӯҳ дар рӯйи замин,
Кулфату дарди ғарибӣ кард бар ҷонам камин,
Нашъаманди ҳасратам, аз ҷоми Саҳбоям мапурс.

* * *

Дамодам оби ҳайвон мечакад аз лаъли хандонаш,
Ҷаҳонеро ба худ ҷамъ оварад зулфи парешонаш,
Хиҷолатманд гардад тӯбӣ аз сарви хиромонаш,
Шавад шарманда меҳру моҳ аз рухсори тобонаш,
Кунад сад сеҳр пайдо ҳар замон аз чашми фаттонаш.

Зи рашки абруяш умрест қадди моҳи нав хам шуд,
Зи шарми оразӣ ӯ чашми гул пур з- ашки шабнам шуд,
Каманди шавқи ӯ дар гардани ҷон сахт маҳкам шуд,
Дили девонаам аз ишқи ӯ расвои олам шуд,
Ба хуни ман ишорат кард хатти анбарафшонаш.

Ба ҳар маҳфил, ки партав афканд шамъи ҷамоли ӯ,
Дили ушшоқ чун парвона гардад поймоли ӯ,
Чӣ гӯяд табъи ҳайраттавъамам дарси камоли ӯ?
Дар ин андешаам бигзашт умре дар хаёли ӯ,
Ба роҳи рафтаам, яъне намоён нест поёнаш.

Саводи кокули ӯ сурма дар чашми тамошо зад,
Шарори ишқи ӯ ҳам оташе дар ҷони шайдо зад,
Чу Лайлӣ кӯси навбат зери ин тоқи муалло зад,
Ҳар он кас ошиқи ӯ шуд, чун Маҷнун сар ба саҳро зад,
Дили муштоқ кай андешад аз хори муғелонаш.

Ишоратҳои абрӯяш рабояд ақлу ҳуш аз сар,
Кунад ёди висолаш рӯзу шаб чашми маро бар дар,
Барад сабр аз танам ҳар дам ҳавои лаъли ҷонпарвар,
Надорад ғайри ҷавру зулм он маҳ пешаи дигар,
Чӣ сон, Саҳбо, дили ман мераҳад аз тири мижгонаш?

* * *

Эй дил, ҳамеша дар талаби васли ёр бош,
Дар роҳи дӯст шому саҳар интизор бош,
Дар доми зулфи моҳҷабинон шикор бош,
Доим ба орзуи бутон беқарор бош,
Ин роҳ лек танг бувад, ҳушёр бош!

Бе ёди дӯст сӯйи гулистон манеҳ қадам,
Бе ёр зан ба сафҳаи нашъунамо қалам,
Май хӯр, ки мебарад зи мизоҷи ту дарду ғам,
Як лаҳза умри хеш макун сарф бе санам,
Дар ёди ёр бош, ту дар ҳар диёр бош.

Дар ҷустуҷӯи дидани он гулбуни ҳаё,
Гаҳ ҳамдами ҳаво шаву гаҳ ҳамдами сабо,
Ҳаргиз макун ҳазар ту зи ранҷу ғаму бало,
Хоҳӣ, шавӣ ба Лайлии худ як дам ошно,
Гоҳе ба дашт, гоҳ ту дар кӯҳсор бош.

Бе зулфи ёр мушки Хутанро чӣ эътибор?
Бе оразаш маро ба гулу гулситон чӣ кор?
Бе чашми ӯ чӣ сарфа зи мастию аз хумор?
Дар орзуи меҳри ҷамолаш ту зулфвор,
Гоҳе ту дар ямину гаҳе дар ясор бош.

Бе рӯйи ӯ ба маҳфили аҳбоб нур нест,
Бе бода базми дурдкашонро сурур нест,
Аз ҷоми айш бе лаби лаълаш ҳузур нест,
Гар теғи зулм аз сарам як лаҳза дур нест,
Саҳбо, ба зулми дӯст раву созгор бош.

* * *

Биё, мутриб, кунун конуни дилро мекунам созаш,
Агар завқе ба сар дорӣ, биё, бишнав ту овозаш.
Зи дил якборагӣ меҳри ғарибиро барандозаш,
Макун зинҳор азми Балху Ҳиндустону Шерозаш,
Ҳисораш чист, то бошад Қаротегину Дарвозаш.

Манеҳ рӯйи таваҷҷуҳ бесабаб ҳар сӯ ту, эй ғофил,
Ба ғурбат мардро ҳаргиз нагардад муддао ҳосил,
Ҳар он кас аз ватан берун равад, охир фитад дар гил,
Марав сӯйи Бадахшону Хуҷанду Тошканд, эй дил,
Ҳисораш чист, то бошад Қаротегину Дарвозаш.

Бухоро маъдани илм асту фазлу донишу неъмат,
Намебинӣ ба ҷуз ин сафҳа нақши сурату роҳат,
Сиришта хоки ӯро гӯиё аз шодию ишрат,
Бигӯ дар рӯзу шаб сад бор андар хоки ӯ раҳмат,
Ҳисораш чист, то бошад Қаротегину Дарвозаш.

Зи ҷаври чарх агар ғамгин шавӣ, о  сӯйи Кармина,
Ту рахти азм барбанду магӯ шанбеву одина,
Гар ин ҷо по ниҳӣ, дарди ту берун гардад аз сина,
Равад аз табъи маҳзуни ту бал ғамҳои порина,
Ҳисораш чист, то бошад Қаротегину Дарвозаш.

Бинеҳ якбора азми сайри Руму оҳанги Ироқ аз сар,
Макун ҳаргиз ту ёди Шому Мисру Машҳаду Ховар,
Ба Хӯқанд қанд агар мавҷуд, гӯяндат, макун бовар,
Ки бошад бар сари ҳар кунҷи Ӯрганҷ сад ҳазор аждар,
Ҳисораш чист, то бошад Қаротегину Дарвозаш.

Наёбӣ беҷафо андар Бадахшон як лаби нонро,
Дарой гар ба шаҳри Кеш, берун кай барӣ ҷонро,

Зи хотир маҳв кун сайри тамошои Сиистонро,
Мабар ҳаргиз ту номи Қаршию Бойсуну Косонро,
Ҳисораш чист, то бошад Қаротегину Дарвозаш.

Марав, гар оқилӣ, эй марди фозил, Яккабоғ ҳаргиз,
Набинад ҷодаи матлаб кас аз дунболи боғ ҳаргиз,
Набошад ғайри дарду ғусса андар Қорабоғ ҳаргиз,
Набинӣ дар Ҳисор, эй дӯст, шодию фароғ ҳаргиз,
Ҳисораш чист, то бошад Қаротегину Дарвозаш.

Зи нодонӣ, агар ногоҳ сӯйи Андиҷон рафтӣ,
Шудӣ гумроҳ гӯё зуд аз боғи ҷинон рафтӣ,
Магар ту маст будӣ, сӯйи Кошғар саргарон рафтӣ,
Зи Кармина ба ҳар ҷо рафтӣ, чун тир аз камон рафтӣ,
Ҳисораш чист, то бошад Қаротегину Дарвозаш.

Агар ҷонам равад, ҳаргиз ман аз ин ҷо бурун н-оям,
Рухи худро ба хоки пойи ин шаҳзода месоям,
Ба ҷуз вирди дуояш нест дар андешаву роям,
Ғуломи оҷизам, яъне камина зори Саҳбоям,
Ҳисораш чист, то бошад Қаротегину Дарвозаш.

* * *

Эй меҳри сипеҳри дилрабоӣ,
Хун шуд дилам аз ғами ҷудоӣ,
То кай ту ба кулбаам наёйӣ,
Бар ман ту дари ҷафо кушоӣ,
Ин нест тариқи ошноӣ.

Дил дар ғами ҳасрати ту хун аст,
Аз бори ғамат қадам чу нун аст,
Оғӯшта ба табъи ман ҷунун аст,
Аз ҳаҷри ту нолаам фузун аст,
Ин дарди маро бикун давое.

То кай зи ғами ту зор нолам,
Ман худ шуда зору чун ҳилолам,
Бигзашта ба ғусса моҳу солам,
Ҷуз ёди ту нест дар хаёлам,
Ту лутф ба ман наменамоӣ.

Эй кишвари ҳуснро ту шоҳӣ,
Дар бурҷи накӯӣ ҳамчу моҳӣ,
Кун бо мани хаста, ҳарчи хоҳӣ,
Гоҳе ту зи лутф кун нигоҳе,
Ҷон ман диҳамат ба рӯнамоӣ.

Дар роҳи ту рӯзу шаб давидам,
Дарду ситами туро кашидам,
Аз боғи ту ман гуле начидам,
Бисёр ҷафову хорӣ дидам,
Дар роҳи вафо чӣ бевафоӣ?

Аз лутфу карам ту, эй парирӯй,
Бардор никоби хеш аз рӯй,
То ман гули оразат кунам бӯй,
Бастӣ ту дилам ба тори гесӯй,
Ин бастаи худ намекушоӣ?

Рафтӣ ту ба базми душманон дӯш,
Биншастӣ ба ғайр дӯш бар дӯш,
Кардӣ ду-се ҷоми бодаро нӯш,
Аз мо ту намудаӣ фаромӯш,
Моему туву ғами ҷудоӣ.

Чун ман набувад ба ишқ ноком,
Чун ту набувад ба ҳусну андом,
Аз ҳаҷри ту гашт субҳи ман шом,
Як лаҳза чу офтоб бихром,
Чун меҳр чаро зи меҳр н-оӣ.

Аз зулми ту, эй бути паризод,
Як лаҳза нагашт хотирам шод,
Ҳар дам зи ғамат ҳазор фарёд,
Афтодаи худ намекунӣ ёд,
Саҳбо ба дарат чу нақши пое.

* * *

Агар як бор сӯйи кулбаи ман ёр меомад,
Ба чашмам равшанӣ аз ҳар дару девор меомад,
Масеҳо гӯиё андар сари бемор меомад,
Зи зулфаш бар машомам нофаи тотор меомад,
Суруре он замон бар синаи афгор меомад.

Чӣ мешуд, пайкарам фарши раҳи он дилситон мешуд,
Дилам ҳамчун ҳадаф пеши хаданги ӯ нишон мешуд,
Сарам чун гӯй дар чавгони зулфаш ҳар замон мешуд,
Бисоти хонаам аз орази ӯ гулситон мешуд,
Чунин мешуд агар оҳу фиғонам кор меомад.

Наёбад ҷуз шикасти ваъда аз табъи ҷафоҷӯяш,
Ки доди бевафо мехост биллаҳ ҳар сари мӯяш,
Бувад бадаҳду ҳам золим,  бедоду ситам хӯяш,
Чӣ бошад матлае то ростиҳо тоқи абрӯяш,
Дар ин ҳангома хун аз дидаам ночор меомад.

Гирифтам бо ҳазор уммед бо худ домани ишқаш,
Ба коми хеш мечинам гуле аз гулшани ишқаш,
Надидам **ҷома**е ғайр аз ҷафо андар тани  ишқаш,
Фитодам чун самандар оқибат дар гулхани ишқаш,
Чунин маҳзун намегаштам, агар як бор меомад.

Агарчанде ки дар ёдаш равад бар чарх фарёдам,
Насозад он бути номеҳрубон худ як даме ёдам,
Нагардад хуррам аз васлаш замоне табъи ношодам,
Кунун, Саҳбо, бидод он бевафо чун хок бар бодам,
Садои «алғиёс» аз растаю бозор меомад.

* * *

Рухи худро зи ман кардӣ ниҳон оҳиста-оҳиста,
Рабудӣ тоқатам аз мағзи ҷон оҳиста-оҳиста,
Гирифтӣ дил ту аз пиру ҷавон оҳиста-оҳиста,
Фикандӣ шӯру ғавғо дар ҷаҳон оҳиста-оҳиста,
Намудӣ расми бадаҳдӣ аён оҳиста-оҳиста.

Дили зори маро дар ҳалқаи гесу ту барбастӣ,
Зи ман бибридию бо ғайр, эй маҳрӯ, бупайвастӣ,
Ту бо як ишва минои вафову аҳд бишкастӣ,
Чаро кардӣ чунин, эй бевафо, бисёр бадмастӣ,
Ба куштан мебарӣ моро кашон оҳиста-оҳиста.

Ба ҳар сӯ меравӣ, эй дилрабо, бо ишваву бозӣ,
Зи ту кабки дарӣ омӯхт расму роҳи таннозӣ,
Набошад дар гулистон чун ту як сарви сарфарозе,
Ба ҳоли мо ту аз лутфу карам ҳаргиз напардозӣ,
Маро кардӣ ту охир нотавон оҳиста-оҳиста.

Шикастӣ охир аз санги ҷафо паймонаи ҳушам,
Ба худ аз оташи ишқи ту ман ҳар лаҳза меҷӯшам,
Ниҳодӣ бори дарду кулфату ғамро ту бар дӯшам,
Ман аз ҳаҷри ту, эй шӯхи ситамгар, захр менӯшам,
Ту бар ман мекунӣ акнун гумон оҳиста-оҳиста.

Ҳавои зулфи мушкинат расад ҳар гаҳ ки дар ёдам,
Дамодам бигзарад аз гунбази афлок фарёдам,
Нашуд як бор хурсанд аз ту ҳаргиз табъи ношодам,
Ман, эй Саҳбо, ба роҳи ишқбозӣ ҳамчу Фарҳодам,
Бикун лутфе ту, эй ширинзабон, оҳиста-оҳиста.

* * *

Ғуруру ишваву ноз аз ту, чашми ашкбор аз ман,
Дилу дин бурдан аз ту, нолаи шабҳои тор аз ман,
Ҷафову ҷабр кардан аз ту, ҷисми бемадор аз ман,
Ба аҳди худ вафо нокардан аз ту, интизор аз ман,
Сухан нашнидан аз ту, ин дили уммедвор аз ман.

Рабудан ақлу ҳушу сабр, эй ноошно,  аз ту,
Гирифтан накди ҷону дил зи каф, эй бевафо, аз ту,
Гаҳе хандидан аз лутфу гаҳе кардан ҷафо аз ту,
Ғараз мулки дилу шаҳри бадан сар то ба по аз ту,
Тапидан дар раҳат бо чашми маҳзун чун ғубор аз ман,

Зи ту бо душманон май хӯрдан, аз мо рӯ ниҳон кардан,
Ба шӯхӣ бо рақиби шум сайри бӯстон кардан,
Шудан ҳамроҳ бо  ағёр, тарки дӯстон кардан,
Зи ту як расми байти тоза  ифшо дар ҷаҳон кардан,
Ҳамеша бо вафову аҳд будан устувор аз ман.

Нигаҳ нокардану бо ишва рафтан ҳар тараф хӯят,
Дил андар ҳалқа бастан одати дерини гесуят,
Задан тири ҷафо бар сина расми чашми ҷодуят,
Камон бар қасди ҷони мо кашидан кори абруят,
Чунин ҷавру ҷафоҳо аз ту орому қарор аз ман.

Ҳазорон тири бедодӣ задан бар хони дил аз ту,
Маро доим зи дарду доғи худ кардан хиҷил аз ту,
Бувад ин мулки ҷону дил саросар муттасил аз ту,
Гирифтан роҳу расми ҷавр, эй тоқатгусил, аз ту,
Фитодан ҳамчу Саҳбо бар замин бар ҳоли зор аз ман.

* * *

Чашмат, эй шӯх, ки бо тири нигаҳ дӯхт дилам,
Хун шуданро зи ҷафоҳои ту омӯхт дилам,
Як ҷаҳон ғусса зи ҳаҷри ту барандӯхт дилам,
Оқибат аз ғами ишқи ту барафрӯхт дилам,
Диламе, во  диламе, ҷон диламе, сӯхт дилам.

Дар таманнои ту, эй сарвқаду абруҳилол,
Шуд қадам оқибат аз бори ғами ҳаҷр чу дол,
Ин чӣ зулм аст ба ин сӯхта, эй тозаниҳол?
Мехӯрам хуни дили худ шабу рӯзу маҳу сол,
Диламе, во диламе, ҷон диламе, сӯхт дилам.

Гаҳ ишорат кунӣ бар гӯшаи абру-т маро,
Гоҳ бандӣ ту дар он ҳалқаи гесу-т маро,
Гоҳ - гоҳе ту бихон ҳамчу саги кӯ-т маро,
Мекашад дам ба дам он наргиси ҷоду-т маро,
Диламе, во диламе, ҷон диламе, сӯхт дилам.

Меравӣ ҳар тараф, эй шӯх, ба сад ишваву ноз,
Мебарӣ дил зи мани сӯхта бо сад такутоз,
Мекунӣ дам ба дам оҳанги ҷафоҷӯӣ соз,
Дили ман хун шуду гаштӣ ту ба душман ҳамроз,
Диламе, во диламе, ҷон диламе, сӯхт дилам.

Кӯҳ аз зулму ҷафоҳои ту бетоб шавад,
Санг аз оташи ишқат ҳама дам об шавад,
Як замон чашми ту бедор гар аз хоб шавад,
Ҳамчу зулфат дили Саҳбо ба табу тоб шавад,
Диламе, во диламе, ҷон диламе, сӯхт дилам.

* * *

Агар гӯям,  рухат меҳри ҷаҳонорост, меранҷӣ,
В-агар гӯям, ки маҳ бар оразат шайдост, меранҷӣ,
Агар хонам лабатро шарбати ҷонҳост, меранҷӣ,
Зи чашмат гар бигӯям, соҳирӣ пайдост, меранҷӣ,
Агар сарви қадат гӯям, басе зебост, меранҷӣ.

Дилам дар банди зулфайни сумансоят намегӯям,
Басе ҷонҳо асири чашми шаҳлоят намегӯям,
Сари ман доимо фарши кафи поят намегӯям,
Биё, бар дидаям биншин, ки ин ҷоят намегӯям,
Агар гӯям, ки ишқат оташи дилҳост, меранҷӣ.

Агарчанде ки бошад қаддат аз сарви равон беҳтар,
Лабат аз оби ҳайвон, рӯят аз меҳри ҷинон беҳтар,
Ду чашмат аз ғизоли Чин, ду абру аз камон беҳтар,
Туро сар то қадам ҳарчанд мебошад зи ҷон беҳтар,
Агар гӯям, ки ин зебост, он раъност, меранҷӣ.

Туро дар осомни дилбарӣ ҳамчун  қамар дидам,
Ба нахли нозукӣ бодоми чашматро самар дидам,
Ғуруру нозу истиғно туро ҳар дам ба бар дидам,
Туро дар кишвари хубӣ зи шоҳон хубтар дидам,
Агар гӯям, ғуломи даргаҳат Саҳбост, меранҷӣ.

* * *

**Мухаммас бар ғазали Саъдӣ**

Як-як ҳама дидем баду неки ҷаҳонро,
Кардем басе таҷрибаҳо суду зиёнро,
Ҷуз май нарабуд аз дили мо дарди ниҳонро,
“Соқӣ, бидеҳ он кӯзаи ёқути равонро,
Ёқут чӣ бошад, бидеҳ он қути равонро.”

То бода набошад, натавон сохт ба дилдор
Дарду алами синаи маҷруҳи худ изҳор.
Соқӣ, ту кунун ҷоми майи ноб ба мо ор,
“То маст набошӣ, набарӣ бори ғами ёр,
Оре, шутури маст кашад бори гаронро.”

Ҳар кас, ки рухат дид, ба худ меҳри ҷаҳон гуфт,
Ман ҷони ҷаҳон хондаму ин ақл махон гуфт,
Абрӯйи туро моҳи шаби ид чӣ сон гуфт,
“Дар сурати маънӣ, ки ту дорӣ, чӣ тавон гуфт,
Ин ҳусни суварбахши ту бастаст забонро.”

Рӯзе, ки маро ишқи ту дар силсила мебаст,
Сад дашти фиғон сабзасифат аз дили реш аст,
Кард оқибатам шавқи ту дар хоки раҳат паст,
“З- ин аст, ки дидори ту дил мебарад аз даст,
Тарсам,  набарам оқибат аз дасти ту ҷонро.”

Ҳар кас, ки гул аз гулшани ҳусни ту начидаст,
Ё оразн зебои дурахшони ту  дидаст,
Саҳбосифат аз ишқи ту бар хеш тапидаст,
“Саъдӣ, зи фироқи ту на он ранҷ кашидаст,
К- аз шодии васли ту фаромӯш кунад онро.”

* * *

**Мухаммас бар ғазали Саъдӣ**

Ба чӣ сон ҷамъ кунад кас дили ҳарҷоиро?
Дом сурат надиҳад ваҳшии саҳроиро,
Ошиқе бас накунад фикри таносоиро,
“Лоуболӣ чӣ кунад дафтари доноиро,
Тоқати ваъз набошад сари савдоиро.”

Теғи зулм ошиқи дилхаста чу бар сар бинад,
Беҳтар аз он ки санам ҳамраҳи дигар бинад,
Тан зи маъшуқ ситам гарчи муқаррар бинад,
“Дидаро фоида он аст, ки дилбар бинад,
В- ар набинад, чӣ бувад фоида биноиро.”

Дили мо бастаи он сисилаи мушкинбӯст,
Ҳарчи дар хотири мо мекунад, рад хубии ӯст,
Нангу номус ба роҳи талаби ӯ яксӯст,
“Ошиқонро чӣ ғам аз сарзаниши душману дӯст,
Ё ғами дӯст хӯрад, ё ғами расвоиро.”

То дили хеш бад-он маҳваши зебо додам,
Сад биёбон ғаму андӯҳ ба дил ҷо додам,
Накди тоқат на ман имрӯз зи худ во додам,
“Ман ҳамон давр дилу сабр ба яғмо додам,
Ки муқайид шудам он дилбари яғмоиро.”

Баҳри гулгашти чаман ёр хироме дорад,
Баҳри сайди дили мо ҳалқаи доме дорад,
Пеши рафтори хушаш кабк чӣ номе дорад,
“Сарв бигзор, ки қаддею қиёме дорад,
Гӯ, бубин омадану рафтани раъноиро.”

Бе рухат чашм ба хуршед набикшояд кас,
Дидани халқи ҷаҳон бе ту намешояд кас,
Баҳри тавсифи саропот чу ман бояд кас,
“Ба ҳадиси ману ҳусни ту наяфзояд кас,
Ҳад ҳамин аст сухандонию зебоиро.”

То ба гулзори дилам ғунчаи ишқаш бишкуфт,
Ёди ғайри азалам меҳри рухаш пок бируфт,
Бин, ки Саҳбо ҳама шаб аз ғами ҳаҷраш мегуфт,
“Саъдиё, навбати имшаб дуҳули субҳ бикӯфт,
Ё магар рӯз набошад шаби танҳоиро.”

* * *

**Мухаммас бар ғазали Саъдӣ**

Чашмам ба раҳаш интизор аст,
Аз шиддати ҳаҷр ашкбор аст,
З-ин ғусса танам басе фигор аст,
“Фарёди ман аз фироқи ёр аст,
Афғони ман аз ғами нигор аст.”

Гар сабр кунам ба меҳнати ту,
Ҳаргиз нарасам ба шафқати ту,
Чун сел равад ба ҳасрати ту,
“Хуни ҷигарам зи фурқати ту,
Аз дида ба рӯ, на дар канор аст.”

Ишқи ту ба дил чунон нишастаст,
Дар сафҳаи сина нақш бастаст,
Дар мазраи ҷон ғами ту растаст,
“Дарди дили ман зи ҳад гузаштаст,
Ҷонам зи фироқ беқарор аст. “

Ту рух бинамудӣ шаб ба хобам,
З-он вақт ҳаме дар изтиробам,
Дар оташи ҳаҷр чун кабобам,
“Аз дасти замона дар азобам,
З-он ҷону дилам ҳаме фигор аст.”

Андар дили мо муҳаббати ӯст,
Яъне ки чу мағз хуфта дар пӯст,
Саҳбо, ба ту ёр гарчи бадхӯст,
“Саъдӣ,чӣ кунӣ шикоят аз дӯст,
Чун шодию ғам на барқарор аст.”

* * *

**Мухаммас бар ғазали Саъдӣ**

Гулзори ҳусн бе ту камоле наёфта,
Васфи туро хирад ба хаёле наёфта,
Даврон чу абруи ту ҳилоле наёфта,
«Эй боғи ҳусн, чун  ту ниҳоле наёфта,
Рӯйи замин ба ҳусни ту холе наёфта».

Гардид аз рухи ту хиҷил баски моҳтоб,
З-он рӯ ҳамеша гашт чу зулфат дар изтироб,
Чашме надида чун ту нигоре ба ҳеҷ боб,
«Бар даври оразп ту назар кард офтоб,
Худро латофатею ҷамоле наёфта».

Кардам басе ба роҳи висоли ту ҷустуҷӯ,
Ҳаргиз накард зи боғи муродам гуле нумӯ,
Охир намуд лашкари ғам бар сарам ғулӯ,
«Худро ба зери чангали шоҳини ишқи ту
Анқои сабри ман пару боле наёфта».

Бингар ба ашки хуну рухи заъфарони ман,
Аз он қиёс бикун ғаму дарди ниҳони ман,
Як дам ту лутф кун ба тараҳҳум ба ҷони ман,
«То кай зи дарди ишқи ту нолад равони ман,
Рӯзе зи рӯйи лутф мисоле наёфта».

Булбулсифат ба ёди ту ошиқ наво кунад,
То бар дилам хаёли туро ошно кунад,
Саҳбо, ба дарди ҳаҷр чӣ сон худ даво кунад?
«Саъдӣ, ҳазор ҷома ба рӯзе қабо кунад,
Як меҳрубонӣ аз ту ба соле наёфта».

* * *

**Мухаммас бар ғазали Соиб**

Биниҳодааст ишқи ту дар сина доғҳо,
Ғайр аз ту дорам аз ҳама олам фароғҳо,
Аз дида меравад ба хаёлат балоғҳо,
“Эй реш, аз ҷамоли ту ҳусни чароғҳо,
Бар гул зи ҷӯши ҳусни ту домони боғҳо.”

Бошад хиҷил зи накҳати мӯйи ту нофаҳо,
Бо хуни дил раванд ба сӯйи ту нофаҳо,
Оянд баҳри саҷдаи кӯйи ту нофаҳо,
“В- аз хоку хун нишаста ба бӯйи ту нофаҳо,
Хирман ба бод додаӣ, зулфат димоғҳо.”

Шуд ҷону дил асир бад-он рангу бӯйи ту,
Ҳар дам зи шавқ меравам, эй гул, ба сӯйи ту,
Рафтанд ошиқон ҳама дар тавфи кӯйи ту,
“Диданд гесувони ту пӯшида рӯйи ту,
Чун бӯйи гул шуданд парешон димоғҳо.”

Чашми ту зулм бар тани аз по фитода кард,
Бар ман ҷафову ҷавр зи душман зиёда кард,
Шавқат ба рӯйи мо дари ишрат кушода кард,
“З- он чошнӣ, ки лаъли ту дар ҷоми бода кард,
Умрест мекананд лаби худ аз аёғҳо.”

Ман меравам ба кӯйи ту ҳар шаб ба пойи дил,
Азбаски нест ҷуз хами зулфи ту ҷойи дил,
Пайдост дар раҳи ту басе ғам барои дил,
“То чанд дар харобаи ваҳшатсаройи дил,
Аз дарду оҳ во бишавад чашми доғҳо.”

Азбаски ҷон фидо бикунад  баҳри ёри хеш,
Ӯро ягона гӯямаш дар рӯзгори хеш,
Мо додаем бар кафи ёр ихтиёри хеш,
“Мардон ба дигарон нагузоранд кори хеш,
Худ доштаанд мотами худ дар чароғҳо.”

З- он дам ки меҳри оразат дар сина нақш баст,
Сабру қарору ҳушу хирад ҷумла шуд зи даст,
Гаштам чу нақши пойи ту дар раҳгузор паст,
“Рӯзе, ки ханда меҳри намакдони ту шикаст,
Бардоштанд косаи дарюза доғҳо.”

То мекунӣ зи дидаи ушшоқ  рух ниҳон,
Доранд ҷумла аз ғами ишқи ту сад фиғон,
Бе моҳтоби рӯйи ту, эй офати замон,
“Нуре намондааст ба чашми ситорагон,
Афкандании шудаст сари  ҷумла доғҳо.”

Табъам ба васфи ёр саропо чу гулшан аст,
Дар мадҳи рӯйи дӯст забонам чу савсан аст.
Саҳбо, зи назми ман дили андеша равшан аст,
“Соиб, аз ин ғазал, ки чароғи дили ман аст,
Афрӯхтам ба хоки маъонӣ чароғҳо.”

* * *

**Мухаммас бар ғазали Салмони Совачӣ**

Магар аз нолаи зорам асаре нест туро,
Ки ба ҷуз ҷавру ҷафо худ ҳунаре нест туро,
Ҷуз ситампешаӣ раъйи дигаре нест туро,
“Нури чашмию ба ҳолам назаре нест туро,
Офтобию ба хокам  гузаре нест туро.”

Дар ғамат ҳоли маро пурс, аё сарви равон,
Кард умрест дилам новаки чашми ту нишон,
Сирри пинҳони маро фош ту кардӣ ба ҷаҳон,
“Олам аз қиссаи ман пур шуду  он гаҳ ту чунон,
Масти ҳуснӣ ,ки зи олам хабаре нест туро.”

Ба масал ишқи ману ҳусни ту чун болу паранд,
Аз чӣ ҷону дилам аз чашми ту заҳмат бибаранд?
Оҳу фарёди ман ин лаҳза ба роҳи дигаранд,
“Мардум аз нолаи зорам ҳама бо дарди саранд,
Сад алҳамд, к-аз ин дарди саре нест туро.”

Баски гаштам ба ҳавои сари зулфат чу сабо,
Оқибат бар сари роҳи ту фитодам аз по,
Бин, ки ишқат ба ман ангехт чунин гарди бало,
“Аз равон ҳеҷ ба ғайр аз нафасе нест маро,
Дар миён ҳеҷ ба ғайр аз камаре нест туро.”

Нашунидӣ магар, эй шӯх, ту доди дили ман,
Ки накардӣ зи сари лутф ту ёди дили ман,
Ҳамчу Саҳбо зи тараҳҳум накушодӣ дили ман,
“Эй, фуруд омада ишқат ба саводи дили ман,
Зи саводи дили Салмон  хабаре нест туро.”

* * *

**Мухаммас бар ғазали Салмони Совачӣ**

Рӯзе, ки рафт дилбари мо аз диёри мо,
Бо мо ҳанӯз нест  хабар з- он нигори  мо,
Ин байт шуд вазифа ба лайлу наҳори мо,
"Ё раб, ба оби ин мижаи ашкбори мо,
Он сарви нозро бинишон дар канори мо."

Бо ҳар касе  ту рози дили хештан магӯй ,
З - ин гулситон ту гулбуни меҳру вафо мапӯй,
Гар обрӯйи худ талабӣ, обрӯ машӯй,
"Эй дил, дар ин диёр нишони вафо маҷӯй,
Ҷуз дарди ёри мо набувад дар диёри мо."

Омад ба ишва ёр камонро кашида ноз,
Зад тири ғамза ҳоли диламро шунида боз,
Бар зулф баст ҷони заифам бурида боз,
"Обе ба рӯйи кори ман омад зи дида боз,
В- он низ агарчи боз наёмад ба кори мо."

Хуш он замон, ки ёр ба мо ҳамҷалис буд,
Аз кина чарх оқибат моро ҷудо намуд,
Ҷуз васли дӯст дар дили мо матлабе набуд,
"Ёр ихтиёри мост зи гетӣ, вале чӣ суд,
Дар дасти мо чу нест  кунун ихтиёри мо."

То шуд дилам асири хами зулфи тобдор,
Шуд дидаам зи дарди ғами ишқ ашкбор,
Саҳбо, зи чашм рехт басе дурри шоҳвор,
"Ҷуз бо ғамаш надод ба Салмон, ки гӯшвор,
Чандин ҳазор донае дар ёдгори мо.

* * *

**Мухаммас бар ғазали Бедил**

Ба базми бениёзӣ кай расад мадди нигоҳ он ҷо,
Магар ин зарра дар оғӯши меҳр орад паноҳ он ҷо,
Ки саъйи болу пар беоҷизӣ гардад табоҳ он ҷо,
“Ба авҷи кибриё, к- аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо,
Чу шабнам сар ба муҳри ашк меболад нигоҳ он ҷо.”

Рамузи ошиқӣ сармояи дафтар намедорад,
Хати ин сафҳа болафшонии мистар намедорад,
Тамошогоҳи васл ороиши зевар намедорад,
“Адабгоҳи муҳаббат нозу шӯхӣ барнамедорад,
Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо.”

Ба роҳи ишқбозӣ  он қадар ман   бесарупоям,
Ба ҷавлонгоҳи шавқаш ҳамчу гашти ранг меоям,
Чунин оҷиз зи бас бар остонаш баски меоям,
“Ба ёди маҳфили нозаш саҳархез аст аҷзоям,
Табассум то куҷоҳо чида бошад дастгоҳ он ҷо.”

Пайи дафъи кудурат як дам оҳанги гулистон кун,
Ғубор аз дил агар ҳар ҷост, ҳарфи ҳусн домон кун,
Саропо маҳви тамкин бош, ҳоли худ намоён кун,
“Муқими дашти улфат бошу хоби ноз сомон кун,
Ба ҳам меоварад чашми ту мижгони гиёҳ он ҷо.”

Зи найранги фусуни халқ бояд чашм барбастан,
Ки то дар манзили роҳатфазои хеш биншастан,
Зи касрат вораҳидам баҳри бо ваҳдат бупайвастан,
“Ба саъйи ғайр мушкил буд з-ошӯби дуӣ растан,
Саре дар ҷайби худ дуздидаму бурдам паноҳ он ҷо.”

Надорад рангу бӯе ҷуз майи гулзори навмедӣ,
Шудам аз яъси матлаб дар ҷаҳон ман хори навмедӣ,
Нарезад ҷуз хиҷолат об аз рухсори навмедӣ,
“Хушо базми вафо аз хиҷлати изҳори навмедӣ,
Шарар дар санг дорад  парфишониҳои оҳ он ҷо.”

Ба гулзори ҳавасҳо пешаи рангозмой кун,
Зи баҳри укда берун шав, ба матлаб ошной кун,
Дар ин водӣ зи дасту по задан вазъозмой кун,
“Зи тарзи машраби ушшоқ  сайри бенавой кун,
Шикасти ранги кас обе надорад зери коҳ он ҷо.”

Ба Мисри орзуҳо кай расад бе софии машраб,
Магар бандад нафас ин корвон дар пардаҳои шаб,
Чӣ сон худ сери гавҳар карду беёваре мансаб,
“Ба Канъони ҳавас гарде надорад  Юсуфи матлаб,
Магар дар худ фурӯ рафтан кунад эҷоди чоҳ он ҷо.”

Шикасти ранги мо ҳам чун гулистон шабнаме дорад,
Ҷаҳон бо худ  бинолад, чун ба дил зеру баме дорад,
Адам чун ҳастии мо фурсати бешу каме дорад,
“Хаёли ҷилвазори нестӣ ҳам оламе дорад,
Зи ҷайби мо саре бояд кашидан гоҳ - гоҳ он ҷо.”

Набошад ҷуз май ишратфизо дар ҷоми озодӣ,
Ки  яксар ваҳшии ин дашт бошад роми озодӣ,
Ба ҷуз ворастагиҳо нест нангу номи озодӣ,
“Дил аз камзарфии тоқат набаст эҳроми озодӣ,
Ба санг омад магар ин ҷом, гардад узрхоҳ он ҷо.”

Бувад Саҳбо дар ин водӣ ба ранги нақши по, Бедил,
Басе вомондагӣ дорам забони илтиҷо, Бедил,
Ба матлаб аз заифӣ кай тавон шуд ошно, Бедил,
“Замингирам ба  афсуни дили бемуддао, Бедил,
Дар он водӣ, ки манзил низ меафтад, ба роҳ он ҷо.”

* * *

**Мухаммас бар ғазали Абдурраҳмони Ҷомӣ**

Дар ин саҳро  ҳар он чизе, ки ҳаст аз шебу в-аз боло,
Саросар ҷумла бошад аз сафои нури ӯ барпо,
Бувад зоти шарифаш боиси халқи ҳама ашё,
“Ва саллоҳу ъало нуре, к-аз ӯ шуд нурҳо пайдо,
Замин аз ҳилми ӯ сокин,  фалак аз ишқи ӯ шайдо.”

Надидӣ бе вуҷудаш зебу зиннат сафҳаи олам,
Нашуд соҳибзиёе нури зоташ аз бари аъзам,
Ҳама асрори махфӣ дам ба дам  мешуд ба ӯ малҳам,
“Агар номи шарифи ӯ наёвардӣ шафеъ Одам,
На Одам ёфтӣ тавба, на Нӯҳ аз ғарқ наҷайно.”

На ашё талъати хилқат, на Одам неъмати ҷаннат,
Халилеро на каф ҳиммат, Сулаймонро на ҷуд шавкат,
Ба Солеҳ ноқаи қудрат, ба Юнус мухлис аз зулмат,
“На Аюб аз бало роҳат, на Юсуф давлату ҳашмат,
На Исоро Масеҳодам, на Мӯсоро яди байзо.”

Бишуд зарроти олам ҷумлагӣ аз нури ӯ мавҷуд,
Зи юмни хилқати ӯ сар ба сар аҳли ҷаҳон осуд,
Шафеи ҷумлаи уммат, ҳабиби ҳазрати маъбуд,
“Муҳаммад Ҳомиду Маҳмуд ,к-ӯро холиқаш бистуд,
В– аз ӯ шуд ҷуд ҳар мавҷуд, аз ӯ шуд дидаҳо бино.”

Бувад бар инсу ҷон воҷиб тавофи Каъбаи кӯяш,
Тапад дил доимо дар орзуи сунбули мӯяш,
Расонад бӯйи рӯҳафзо сабо ҳар лаҳза аз сӯяш,
“Муаттар олам аз бӯяш, мунаввар олам аз рӯяш,
Мусалсал тори гесӯяш, ду зулфайнаш шаби ялдо.”

Ниҳоли қоматашро то ба боғи даҳр биншонданд,
Ҳазорон хирмани раҳмат зи ҳар баргаш барафшонданд,
Ба қаддаш  хилъати пайғамбариро  то бипӯшонданд,
“Ду чашми наргисашро, ки  мо зоғул басар хонданд,
Ду зулфи анбаринашро ва-л-лайлии изо яғшо.”

Бишуд аз баҳри ӯ нозил саросар ояти Қуръон,
Вуҷуди ӯ бувад боис ба халқи ҷумла инсу ҷон,
Ту, Саҳбо, доимо бар дил ниҳоли меҳри ӯ биншон,
“Зи садри синааш, Ҷомӣ, алам нашраҳ лака бархон,
Зи меъроҷаш хабар доданд субҳоналлази усро.”

* * *

**Мухаммас бар ғазали Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ**

Бувад халқи ту боис аз вуҷуди Одаму Ҳавво,
Ғараз зоти шарифи туст аз дунёву мо фиҳо,
Ба аршу фарш зевар дод нурат, эй қамарсимо,
“На танҳо буд аз рӯйи ту равшан Ясрибу Батҳо,
Замин аз зарра то хуршед аз нури ту шуд пайдо.”

Фалак баҳри нисорат дошт аз ахтар гуҳаррезӣ,
Замин фарши раҳат шуд, то ту дар ӯ бӯй ангезӣ,
Туро бошад мусаллам, ҳарчи медорию мерезӣ,
“Замин шуд, то нишинӣ, осмон шуд, то ки бархезӣ,
Аризи як туфайли туст гар паст асту гар боло.”

Бувад Вашшамс баҳри васфи рӯят шоҳиду бурҳон,
Хабар аз лаъли ширинат диҳад ваннаҳлуваррумон,
Зи баҳри васфи рӯйи туст Валайл, эй маҳи тобон,
Гувоҳи толеи саъдат бувад Ваннаҷм дар Қуръон,
Далели мояи қадри ту Субҳоналлази усро.

Зи баҳри маҳ ҳазорон ёр бошад оразат асбаҳ,
Ҳам аз сад тунги шаккар лаъли ширинат бувад амлаҳ,
Каломи қадру ҳуснат аҳсану авлоу ҳам афсаҳ,
“Зи садри синаат як нуктаи маҳмил Алам нашраҳ,
Зи фармони дилат як оя камтар илмубил асмо.

Ба олам. к-ӯ муборак то нагардид инчунин мавҷуд,
Як ашёе дар ин ҷо дида аз хоби адам накшуд.
Бувад болову шеби меҳри рухсори ту нурандуд,
Шаби меъроҷ ҳам суми самандат бар фалакҳо суд,
На танҳо худ қамар шақ шуд аз ангушти як имо.

Занад дар рӯзу шаб бар остонат моҳу хур сад бӯс,
Бувад гулзори  шаръат доим аз боди хазон маҳбус,
Дар ин водӣ ҳар он чизе, ки ҳаст аз ғоиби маҳсус,
“Напарвардӣ  агар лутфи ту, эй симурғи Қоф, афсӯс,
Куҷо берун шудӣ аз байзаи гардун ба ҷуз анқо.”

Саманди фикр чун Саҳбо ба роҳат баски меронам,
Ҳанӯз аз пояи қадри ту як рамзе намедонам,
Ба теъдоди сифотат ҳамчу ақли хеш ҳайронам,
“Дари наъти ту суфтан кори Ҳозиқ нест, медонам,
Вале шавқи ту берун мекунад аз қатрааш дарё.”

* * *

**Мухаммас бар ғазали Ҳозиқ**

Натвон ба сафҳа кард ғами интизор шарҳ,
Аз бас касе накард ба коғаз шарор шарҳ,
Ҷуз заъфи дил чӣ мекунам ин ҳоли зор шарҳ,
“Кас зарраро накард ба ғайр аз ғубор шарҳ,
Набвад ба ҷуз гаронии сар дар хумор шарҳ.”

Васфи ҷамоли он бути раъно на ҳадди мост,
Бар ҳусни хештан рухи хуршеди ӯ гувост,
Бар дилбарони рӯйи замин шоҳу пешвост,
“Ҳар дам зи баҳри ӯ ба забон ҳарфи марҳабост,
Бар чизҳои равшану зоҳир чӣ кор шарҳ.”

Аз ғам забона мезанад ҳар лаҳза дуди дил,
Бар тоқи чарх мерасад ҳар дам суруди дил,
Набвад ба ҷуз хаёли рухи дӯст суди дил,
“Бошад ҳамеша васфи ҷамолаш дуруди дил,
Бе мадҳи оразаш чӣ диҳад эътибор шарҳ.”

Хам шуд зи рашки абрӯи ӯ қомати ҳилол,
Чун қадди ӯ нараст ба боғи ҷаҳон ниҳол,
Кӯтоҳ шуд ба васфи саропойи ӯ мақол,
“Васфи даҳону мадҳи лабонаш бувад маҳол,
Маъдумро касе накунад ошкор шарҳ.”

Дидем як ба як ҳама фасле зи боби ҳусн,
Умрест хондаем саропо китоби ҳусн,
Чун ӯ надидаем дигар моҳтоби ҳусн,
“Аз ӯ намудаанд магар интихоби ҳусн,
Саҳбо, ба ҳусни ӯ ту макун зинҳор шарҳ.”

* * *

**Мухаммас бар ғазали Ҳозиқ**

Шуд мазоқи ҷонам андар ҳасрати он ҷом талх,
З-он ки дорад бодаи ҳаҷраш дамодам ком талх,
Баски касро нест чун ман лаб дар ин айём талх,
"Кош, меовард қосид аз лабаш пайғом талх,
Коми ман мегашт ширин, гар диҳад дашном талх."

Вомиқ он рӯзе, ки андар кӯйи Узро мешитофт,
Аз ғами ҷонони худ яксар дилу ҷон мешикофт,
Ошиқ аз зулми ҷафои ёр ҳаргиз рух натофт,
"Ҷӯйи Ширин, ҷони ширин канд Фарҳоду наёфт
Ҳосиле аз лаъли Ширин оқибат ҷуз ком талх."

Кай бувад, эй шӯх, бар ҳоли асирон бингарӣ,
Лутф бинмоиву бархонӣ маро дар чокарӣ,
Дар миёни хубрӯён гарчи соҳибафсарӣ,
"Нест боке, гар ба дашноме даме номам барӣ,
Талх кай гардад лаби ширин ба зикри ном талх."

То ба кай бошам зи ҷавру зулми ӯ бо дарду сӯз?
Аз ситам ӯ мезанад ҳар лаҳза тири синадӯз,
Гарчи аз ҳиҷрон шавад бо ҷону дил оташфурӯз,
"Сабр кун бо ваъдаҳои хомаш, эй дил, чанд рӯз,
К-аз таҳаммул гашт ширин меваҳои хом талх."

Баски шуд занҷири ишқаш баста андар пойи мо,
Ҷуз сари кӯяш набошад з-ин сабаб маъвои мо,
Бар фалакҳо рафт, Саҳбо, нолаи шабҳои мо,
"Ҳозиқ, аз чашми сиёҳаш кам нашуд савдои мо,
Хушктар гардид мағзи мо аз ин бодом талх."

* * *

**Мухаммас бар ғазали Ҳозиқ**

На ба сар зиннати ороишу афсар даркор,
На танамро ҳаваси ҷомаву зевар даркор,
Не майи рӯҳфизо, не лаби соғар даркор,
“На маро сояи Тӯбову на Кавсар даркор,
Қади чун сарви сиҳию лаби шаккар даркор.”

Баски дар амри бадоҳат набувад ҷойи мақол ,
З-ин сабаб нест ба кас дар сифати меҳр маҷол,
Фазлу дониш маҳаки мард бувад дар ҳама ҳол,
“Шеъри мо ҳуҷҷати қатъист дар исботи камол,
Теғро ҷавҳар агар ҳаст, чӣ дигар даркор?”

Мо ба изҳори латоиф ҳама дам худроем,
Аз раҳи фазл сари худ ба само месоем,
Ҳамаро ҷодаи таҳқиқ ҳамебинмоем,
“Дар сухан мо раҳи тақлид намепаймоем,
Килки моро набувад, сархати мистар даркор.”

Аз сияҳбахтӣ ба якборагӣ зистан шамъ аст,
Равнаќи маҷлису ороиши гулхан шамъ аст,
Аз сари хеш ба як ханда гузаштан шамъ аст,
“Фитрати рост асову дили равшан шамъ аст,
Хизрро дар шаби торик чӣ раҳбар даркор?”

Марди бефазлу ҳунар дар ҳама олам хиҷил аст,
Донишу бинишу фитрат ҳама аз обу гил аст,
Риштаи шодию ишрат ба ҳунар муттасил аст,
“Шӯри мо чун хуми май худ ба худ аз ҷӯши дил аст,
Нест бо мастии мо шишаву соғар даркор.”

Нолаву шӯри дили хастаи мо булбули мост,
Дуди ин синаи маҷрӯҳ ба сар кокули мост,
Тапиши ҷон ба бадан шишаи мо, қулқули мост,
“Доғҳои лаки нохун ба масал чун гули мост,
Нест моро ҳаваси сарву санавбар даркор.”

Ғайри як ҳарф каф аз ҳарду ҷаҳон афшондем,
З-он ки дар мазраи дил нахли алиф биншондем,
Як бувад матлаб агар, по ба маҳал ҷо мондем,
“Мо зи як нуқтаи дил нақши ду олам хондем,
Илми моро на кутубхонаву  дафтар даркор.”

Баски даркор бувад табъи гуҳарбор ба назм,
Шарт бошад фараҳу соғари саршор ба назм,
Нест, Саҳбо, ба ҷуз ин ҷумла сари кор ба назм,
“Ҳозиқ, осон набувад гавҳари гуфтор ба назм,
Дили холӣ зи ғаму киссаи пурзар даркор.”

* * *

**Мухаммас бар ғазали Саноӣ**

Эй ҷону дили хаста асири хами гесӯ-т,
Пинҳон накун аз лутф ту аз дидаи мо рӯ-т,
Ҳангоми табассум, ки барафтод назар сӯ-т,
“Эй, ханда зада лаъли ту бар ҳиссаи ёқут,
Ёқут ниҳам номи лаби лаъли ту, ёқут.”

Эй шӯх, ба ҳоли мани маҳзун назаре кун,
Ойини ҷафоро зи тараҳҳум дигаре кун,
Як лаҳза ту аз лутфу карам додгарӣ кун,
“Қурбони вафо-там, ба вафотам гузаре кун,
То бӯ-т магар бошамам аз рахнаи тобут.”

Он кас, ки ҷафову ситами хор кашидӣ,
Охир гуле аз гулшани умед бичидӣ,
Бар матлаби ақсои дили хеш расидӣ,
“Ҳорут гар аз дидаи Морут бидидӣ,
Сад соҳирӣ омӯхтӣ з -он наргиси ҷоду-т.”

То дил ба хами зулфи сумансои ту пайваст,
Дар домани сад гуна балоҳот бизад даст,
Олам ҳама аз шарбати лаъли ту бишуд маст,
“Ёқути лаби лаъли ту чун қуввати рӯҳ аст,
Ёқути лаби лаъли ту бар ҷон маро қут.”

Эй қуввати ҷони мани маҷрӯҳ кучоӣ ?
Як лаҳза надорад дили ман аз ту ҷудоӣ,
Гар рӯ-т ба Саҳбо зи сари лутф намоӣ,
“Сад ҳамчу дили реши ҷафокеши Саноӣ,
Қурбони кашишҳои камонхонаи абру-т.”

* * *

**Мухаммас бар ғазали Мушфиқӣ**

Умрҳо бо наргиси хаммор дорам эҳтиёҷ,
Баҳри рафъи ғам ман аз дилдор дорам эҳтиёҷ,
Бар лаби ширини шакарбор дорам эҳтиёҷ,
“Арзи ҳоли худ ба лаъли ёр дорам эҳтиёҷ,
Ёр мустағнию ман бисёр дорам эҳтиёҷ.”

Шӯришу ғавғои ман аз ҳусни диловези туст,
Як ҷаҳон савдо пас аз он ҷаъди мушкомези туст,
Печутобе бар танам аз ишқи шӯрангези туст,
“Ранҷи ман аз шарбати унноби шакаррези туст,
Шарбате баҳри дили бемор дорам эҳтиёҷ.”

Аз ғами ишқи ту умре шуд гиребон медарам,
Мезанӣ аз ишва ҳар дам теғи ҳасрат бар сарам,
Нест ғайр аз нолаву фарёд кори дигарам,
“Сад сухан аз эҳтиёҷи худ ба кӯят мебарам,
Боз он ҷо қуввати гуфтор дорам эҳтиёҷ.”

Пурсиши аҳволи зорам кун даме аз макрамат,
Кай зи бахти норасо як лаҳза гардам ҳамдамат?
Мекунам аз ҷону дил, эй маҳ, дуоҳо ҳар дамат,
Бар дили озурдаам дасте бинеҳ аз марҳамат,
Марҳаме, лутфе ба ман озор дорам эҳтиёҷ.

Нест андар роҳи ишқат ҳамчун ман зору ғариб,
Гоҳ раҳме кун ба ҳоли хастаи ман, эй ҳабиб,
Шуд маро аз хони эҳсони ту дарду ғам насиб,
“Бар мани бечора лутфе кун, Худоро, эй табиб,
Чорае баҳри дили афгор дорам эҳтиёҷ.”

Гар дил аз хубон бубардорам, к-аз одам нестам,
Балки дил аз ишқ гирам , з-аҳли олам нестам,
Ончунон Саҳбо бигаштам ман, ки худ ҳам нестам ,
“Мушфиқӣ, дар ҳар даме муҳтоҷи сад ғам нестам,
Лек дар умре ба як ғамхор дорам эҳтиёҷ.”

* * *

**Мухаммас бар ғазали Осафӣ**

Агар дар гулистон оям, маро бӯйи ту мебояд,
Ба сунбул дида бикшоям, маро мӯйи ту мебояд,
Агар ҳар сӯ равад мардум, маро сӯйи ту мебояд,
“Агар булбул шавам, завқи гули рӯйи ту мебояд,
В-агар Маҷнун шавам, занҷири гесӯйи ту мебояд.”

Агар аз по барафтам,ҷодаи васли ту мепӯям,
В-агар дар Миср бошам, шаккари лаъли ту меҷӯям,
Агар худ сабзаам, аз мазраи ҳусни ту мерӯям,
“Агар мулло шавам, дарси ғами ишқи ту мегӯям,
Агар сӯфӣ шавам, рақси ҳаёҳуйи ту мебояд. “

Агар дил дар барам бошад, ба гесуи ту пайвандам,
Агар ҷон дар танам бошад, ба васлат орзумандам,
Агар лутфе туро бошад, бипурс аз чун дар чандам,
“Агар тарсо шавам, зуннор аз дасти ту мебандам,
Вагар ҳоҷӣ шавам, тавфи сари кӯйи ту мебояд.”

Агар васфи лабат хоҳам, ки дар ҳар анҷуман гӯям,
В-агар рамзе ба сад кулфат тавонам з-он даҳан гӯям,
Агар мадҳи рухат созам, ҷамолатро чаман гӯям,
“Агар воиз шавам, бар минбари ҳуснат сухан гӯям,
В-агар зоҳид шавам, меҳроби абруйи ту мебояд.”

Дилам бо ҳарчи ғайр аз меҳри рӯят ошно бошад,
Ба чандин дарду доғи зулми даврон мубтало бошад,
Агар Саҳбо қадат сарви равон хонад, раво бошад,
“Надонад боғбон ҷуз сояи сарват куҷо бошад,
Ки донад, Осафиро қадди дилҷӯйи ту мебояд.”

* * *

**Мухаммас бар ғазали Вахшӣ**

Дар гулистони назокат қомати он гулъузор,
Ишваи зебою шӯхи ноз орад бахри ёр,
Дӣ ман андар бӯстони ҳусн мекардам гузор,
“Панҷ ранг оварда нахли қомати зебои ёр,
В-аз турунҷу себу шафтолую бодому анор.”

Дар таманнои лабаш умрест дорам алаташ,
Гаштаам рӯзу шаб аз савдои зулфаш дурдкаш,
Чанд бор овардааст, эй дӯстон, нахли қадаш,
“Чашм бодом асту ғабғаб себу шафтолу лабаш,
В-аз занахдон як турунҷе дар бағал дорад анор.”

Он бути вахшимазоҳ умрест роми ман нашуд,
Бодаи ишратфизо з-он рӯ ба ҷоми ман нашуд,
Муддао ҳосил зи бахти бенизоми ман нашуд,
“Панҷ матлаб хостам, аммо ба коми ман нашуд,
Васли ӯ, оғӯши ӯ, омезишу бӯсу канор.”

Ақлу ҳушам бурд чашми шӯху рухсори чу вард,
Шуд дили ман чок-чок аз теғи ҳаҷру неши дард,
Мекашам з-он рӯ ба ёдаш доимо ман оҳи сард,
“Панҷи дигар аз сиёҳӣ рӯзгорам тира кард,
Чашму абрӯ, зулфу гесӯ” новаки мижгони ёр.”

Мекунам аз дасти он бадхӯй ғавғо рӯзи ҳашр,
То кунад ушшоқ аҳволам тамошо рӯзи ҳашр,
Гарчи созад ҳар замон аз ишва шайдо рӯзи ҳашр,
“Боз панҷи дигарашро зад ба дил то рӯзи ҳашр,
Аз ду соқу аз ду сойид, аз адойи он нигор.”

Хатти хуб он кас дар атрофи лабаш таҳрир кард,
Ҷони ушшоқи ғамин**ро** дар замон тасхир кард,
Ояти зулму ҷафоҳояш  чунин тафсир кард,
“Чашм бурду зулф басту гесӯяш занҷир кард,
Теғи абрӯ гашт мижгонаш, бикард аз дил гузор.”

Гарчи илму ақлу фарҳангу хирад мақдум нест,
Рамзи ҳушу нуктаи дониш ба мо мафҳум нест,
Табъи Саҳбо як дам аз бедонишӣ мағмум нест,
“Ваҳшиё, шеъри ту рангинтару маълум нест,
Шоирона панҷ андар панҷаи шашум гузор.”

# Мусаддасот

Кокул ба рух фиканд, сáборо баҳона кард,
Сад чок зад ба ҷайб, қаборо баҳона кард,
Зад нештар ба набз, даворо баҳона кард,
Хунам фурӯ бирехт, балоро баҳона кард,

Моро ба ғамза кушт, қазоро баҳона кард,
Рӯ сӯйи мо накард, ҳаёро баҳона кард.

Он сарви ноз кард сӯйи гулситон хиром,
Аз ишва кард сарви чаманро ба худ ғулом,
Ағёрро ба ишва чу бинмуд масти ҷом,
Аз дарди ҳаҷр субҳи висолам намуд шом,

Моро ба ғамза кушт, қазоро баҳона кард,
Рӯ сӯйи мо накард, ҳаёро баҳона кард.

Биншаст  бо рақиб, маро аз алам бисӯхт,
Дар мағзи ҷонам оташи ҷавру ситам бисӯхт,
Чоки дилам ба сӯзани мижгони худ бидӯхт,
Дар чорсӯйи  даҳр ба нокомиям бисӯхт,

Моро ба ғамза кушт, қазоро баҳона кард,
Рӯ сӯйи мо накард, ҳаёро баҳона кард.

Рафт ӯ зи бар, ки дину дили ман тамом рафт,
Аз кори мо, ғуссаи мо интизом рафт,
Барбод нақши он ҳама  савдои хом рафт,
Ин нақши ҷавру зулм, ки моро ба ном рафт,

Моро ба ғамза кушт, қазоро баҳона кард,
Рӯ сӯйи мо накард, ҳаёро баҳона кард.

Саҳбо, ба тоқи абрӯйи дилдор кун намоз,
Изҳор кун пеши бути зулмгар ниёз,
Бо он нигори симбадан нарди ишқ боз,
Сабр аз дили шикастаи ман бурд ӯ ба ноз,

Моро ба ғамза кушт, қазоро баҳона кард,
Рӯ сӯйи мо накард, ҳаёро баҳона кард.

# Дар азои Мустафо (с)

(Марсия)

Эй мусулмонон, зи чашмам ҳар замон хун мечакад,
Дам ба дам, эй дӯстон, аз мағзи ҷон хун мечакад,
Сар ба сар аз чашми зори нотавон хун мечакад,
Дар чаман ҳар дам зи шохи арғувон хун мечакад,

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Одамон дар мотами шоҳи расул (с) шуд сабзпӯш,
Баҳри олам аз фироқи Мустафо (с) омад ба ҷӯш,
Мурғу моҳӣ омад аз фавти Муҳаммад (с) дар хурӯш,
Дам ба дам меомад аз сӯйи само моро ба гӯш,

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Лола шуд аз сӯги Аҳмад дар биёбон ғарқи хун,
Рехт кӯҳ аз чашмаҳо ҳар лаҳза об аз ҳад фузун,
Аз хурӯши баҳру бар ҷоми фалак шуд сарнагун,
Рафт аз чашми ҷаҳон он нури чашми кофу нун.

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Мерасад дар гӯши ҷон ҳар дам садои ҳайф, ҳайф,
Аз замин то осмон пур шуд салои ҳайф, ҳайф.
Инсу ҷин афроштанд он дам навои ҳайф, ҳайф,
Кӯҳу ҳомун нолаҳо карданд ҷойи ҳайф, ҳайф,

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Осмон бардошт он соат хурӯшу алвидоъ,
Баҳру бар дар он замон омад ба ҷӯши алвидоъ,
Дому дад гардид яксар сабзпӯши адвидоъ,
Нолаву афғон ҳамоил шуд ба дӯши алвидоъ,

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Аҳли олам он замон аз дида хунҳо рехтанд,
Доғи дилро лоласон дар субҳи саҳро рехтанд,
Хуни ҳасрат дам ба дам аз ҷони шайдо рехтанд,
Оби ғам аз дидаҳо, хун ҳамчу дарё рехтанд,

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Баски мотам он замон дар олами боло заданд,
Нақши айшу шодмониро ба пушти по заданд,
Ҷоми май дарҳам шикаста, санг бар мино заданд,
Баски дарду мотами олам ба номи мо заданд,

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Гиряи абр аз фироқи ҳасрати дидори кист?
Нолаи раъд аз ғамони он гули рухсори кист?
Шӯриши барқ аз ҳавои зулфи анбарбори кист?
Хамшуданҳои ҳилол аз кулфати озори кист?

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Аз гулистони ҷаҳон бурданд ранги хуррамӣ,
З-ин сабаб ҳаргиз надидам хонаеро  бе ғаме,
Аҳли олам аз фироқи Мустафо шуд мотамӣ,
Бар ҳама ёрон шуд аз ин ғусса доғи аъзаме,

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Об мерафтӣ чу ҷӯй аз дидаҳои Фотима,
Дар ҷаҳон афканд шӯриш ҳой-ҳойи Фотима,
Мехалид он лаҳза хори ғам ба пойи Фотима,
Рафт бар чархи барин оҳу навойи Фотима,

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Шуд Абӯбакр ашкрез он лаҳза чун абри баҳор,
Кард оламро Умар аз ашки хунин лолазор,
Аз фиғону нолаи Усмон шуд олам беқарор,
Дам ба дам мекард Ҳайдар нолаҳои зор-зор,

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Рафт сабру тоқат он дам аз дили зори Ҳасан,
Шуд хиҷил оби Фурот аз чашми хунбори Ҳасан,
Кас набуд он лаҳза ғайр аз дарду ғам ёри Ҳасан,
Заъфаронӣ шуд аз андӯҳ арду рухсори Ҳасан,

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Шӯрише афканд андар даҳр фарёди Ҳусайн,
Бар фалак мерафт ҳар дам доду бедоди Ҳусайн,
Ҷумлагӣ ғамгин шуданд аз табъи ношоди Ҳусайн,
Кас набудӣ дар ғаму андӯҳ ҳамзоди Ҳусайн,

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Бар фалакҳо рафт он соат фиғони аҳли байт,
Нолаю фарёдҳо шуд рӯзабони аҳли байт,
Кард он ҳасрат зи сар то по фиғони аҳли байт,
Дарду ғам омад бурун он дам зи ҷони аҳли байт,

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

Баъд аз ин, эй дӯст, тарки шодмонӣ кардан аст,
Аз фироқи Мустафо оҳу фиғоне кардан аст,
Бо вуҷуди оҷизиҳо парфишонӣ кардан аст,
Ҳамчу Саҳбо гоҳ-гоҳе тарзабонӣ кардан аст,

Дар азои Мустафо аз осмон хун мечакад,
Рӯзу шаб аз дидаи аҳли замон хун мечакад.

* * *

Ту, эй чархи ситамгар, бар мани маҳзун чиҳо кардӣ?
Ба доми меҳнату андӯҳу кулфат мубтало кардӣ,
Диламро ғарқаи гирдоби дарёи бало кардӣ,
Ба найрангу тазаллум рӯзғорамро сиё( ҳ) кардӣ,
Надонам аз чӣ, эй бадмеҳр, бар ман ин ҷафо кардӣ,
Зи васли қиблаи мақсуд  матлубам ҷудо кардӣ.

Шаҳаншоҳе, ки камтар рутбааш чархи барин омад,
Ҳама аҳкому амру наҳяш ар зери нигин омад,
Чу Ҷамшедаш ҳазорон бандаи маснаднишин омад,
Чӣ шуд ӯро, ки ин дам манзилаш зери замин омад,
Ту он хуршеди шоҳиро ба зери хок ҷо кардӣ,
Зи васли қиблаи мақсуд матлубам ҷудо кардӣ,

Ҷаҳон дар мотами ӯ месазад, акнун ки хун гардад,
Фалак чун толеи баргаштаи ман вожгун гардад,
Ҳазорон ҷӯйи хун аз дидаи олам бурун гардад,
Илоҳӣ, тоқу айвону равоқат сарнагун гардад,
Маро вобастаи ин дарду ранҷи бедаво кардӣ,
Зи васли қиблаи мақсуд матлубам ҷудо кардӣ.

Маро нагзоштӣ, эй чарх, хоки даргаҳаш гардам,
Гаҳе аз қомату гоҳе зи рухсори маҳаш гардам,
Фидои райъи дурандешу табъи огаҳаш гардам,
Дар ин меҳнатсаро якчанд рӯзе ҳамраҳаш гардам,
Маро дар даҳр охир бе муину муттако кардӣ,
Зи васли қиблаи мақсуд матлубам ҷудо кардӣ.

# Ашъори ба забони ӯзбекӣ иншошуда

## Ғазаллар

Тер гулобин қатра-қатра орази зебоға соч,
Дамбадам юз таъна, эй гул, анбари сороға соч.
Кимки зулфинг халқасидин ӯзни озод айласа,
Ишва теғи бирла ӯлтур қонини саҳроға соч.
Ишқинг, эй ой, ҳар кими бир тарз ила побанд этар,
Элни кӯз бирла юзунг шавқи мани шайдоға соч.
Зулм ила, эй бевафо, сен мунча кӯнглум бузмағил,
Гоҳ-гоҳи меҳр тухмин табъи меҳр осоға соч.
Май зулолики агар мен зордин тутсанг дариғ,
Дурди май лойдин мани махмури беҳамтоға соч.
Кимки ишқинг жодасидин қилса ҳар дам инҳироф,
Куйдуруб бошдин аёғ  хокистарин дарёға соч.
Жаъд бурчидин очиб бир-бир гиреҳ ул дилрабо,
Ким  саҳоби файздек меҳри жаҳон ороға соч.
Бер каломинг лаззатидин хаста кӯнглимға шифо,
Лабларингни шарбатидин соғари Саҳбоға соч.

* * *

Ғарибу бекасу бечорау бехонумондурман,
Бу майдон ичра юз минг таъна ӯқиға нишондурман.
Талаб авжиға парвоз айласам болу парим йӯқдур,
Таҳайюр даштиға қолғон залилу нотовондурман.
